**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**АЛИЕВА ҶАМИЛА ФАЙЗОВНА**

# НАҚШИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАҲРИРИ ЗАБОНИ АСАРҲОИ БАДЕӢ ВА ПУБЛИТСИСТӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Ҷӯраева М.Р.

**ДУШАНБЕ – 2024**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА……………………………………………………………...…....3-4**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.................................................................5-8**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ТАҲРИРИ АДАБӢ.....9-67**

1.1. Маънишиносии таҳрир (маънии истилоҳӣ)……………………..................9-13

1.2. Адабиёти бадеӣ ва муҳаррирӣ……………………………..……...........14-19

1.3. Тарзҳо ва меъёрҳои арзёбии асар ё матни адабӣ……………...................20-26

1.4. Методика ва усулҳои кори муҳаррири асарҳои бадеӣ………...................27-35

1.5. Хусусиятҳои таҳрири жанрҳои адабӣ……………………….................36-45

1.6. Кори муҳаррирӣ ва нашри осори бадеии классикон……........................46-54

1.7. Аз таърихи таҳрири адабӣ……………………………………..............55-67

**БОБИ II. ФАЪОЛИЯТИ МУҲАРРИРИИ САДРИДДИН АЙНӢ…........68-122**

2.1. Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар манзари танқиди адабӣ...69-84

2.2. Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори худи нависанда................85-101

2.3. Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ …………………….........102-104

2.4. Садриддин Айнӣ ва таҳрири забони осори классикон..…….................105-111

2.5. Садриддин Айнӣ ва таҳрири забони осори тарҷумашуда………........112-122

**БОБИ III. НАҚШИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАҲРИРИ ОСОРИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИК**..................................................123-152

3.1. Устод Айнӣ ва таҳрири забони асарҳои Ҷалол Икромӣ…..…..............123-137

3.2. Садриддин Айнӣ ва Сотим Улуғзода.......……………………….138-143

3.3. Садриддин Айнӣ ва Пӯлод Толис…………………………….........144-146

3.4. Садриддин Айнӣ ва таҳрири асарҳои Раҳим Ҷалил.........………..…147-152

**ХУЛОСА…………………………………………………...……...…153-154**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.........................................................................................155**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ………………………………………….........156-165**

**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ...166-167**

## МУҚАДДИМА

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ.** Миёни илмҳои алоқаманд ба забоншиносиву матншиносӣ кори таҳриру муҳаррирӣ бо доштани собиқаи зиёд мавқеи махсусро ишғол менамояд. Муҳаррирӣ, аслан, эҳтиёҷест, ки аз муҳити адабии ҳар қавму миллате сарчашма мегирад. Ҳадафи ниҳоӣ аз ҳар як таҳрир пешниҳоди шакли дурусту беғалати ҳар як асар аз ҷанбаҳои гуногун аст. Кори муҳаррирӣ меҳнати душворест, ки иҷрои он аз муҳаррир забондонӣ, вусъати назар, дониши фаровон мехоҳад. Масъалаи муҳаррирӣ ҳангоме пураҳмият мешавад, ки мавзуи таҳқиқ ба фаъолияти муҳарририи нависандагони бузург алоқаманд бошад.

Бинобар ин омӯзишу баррасии фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ, ки мавзуи рисолаи илмии мо интихоб гардидааст, ниҳоят муҳим ба назар мерасад. Муҳимияти ин таҳқиқ, ба андешаи мо, дар он зоҳир мешавад, ки дар адабиётшиносии тоҷик фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ мавриди омӯзишу таҳлилу таҷзияи васеъ қарор гирифтааст, аммо услуби устод Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ ба таври густурда мавриди таҳқиқи мукаммал қарор дода нашудааст. Кори муҳаррирӣ барои Садриддин Айнӣ танҳо як соҳаи фаъолият нест, балки ифодагари ҳунару истеъдоди нависандагии ӯ низ ба шумор меравад.

Ҷанбаи дигаре, ки муҳиммияти мавзуъро тасдиқ карда метавонад, шинохти шахсияти адабӣ, инсонӣ, иҷтимоии Садриддин Айнӣ аст, ки ҳангоми омӯзиши осори таҳрирнамудааш ошкор мешавад.

Садриддин Айнӣ аз солҳои бистуми қарни гузашта шурӯъ намуда то поёни умр ба кори муҳаррирӣ машғул буд ва онро як ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти адабии хеш меҳисобид. Дар тӯли ин замон корҳои зиёди таҳрирӣ, ки забони китобҳои дарсӣ, мақолаҳои ҷудогонаро фаро мегиранд, аз ҷониби устод таҳрир гаштаанд. Садриддин Айнӣ бо ниҳояти масъулияту ҷиддият болои осори нависандагон кор мекард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ҳарчанд ба таври алоҳида омӯхта нашудааст, вале мавзуи комилан наву тоза

нест, зеро дар тӯли солҳо олимону муҳаққиқон, нависандагону шоирон ва мунаққидони касбӣ дар мақолаҳои ҷудогона дар атрофи фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ изҳори ақида кардаанд.

Маводи дар ин замина чопшударо ба гурӯҳҳо ҷудо намудан зарур аст. Ба гурӯҳи аввал мақолоти алоҳида дохил мешаванд, ки намунааш таълифи А. Неъматуллоев таҳти унвони «Аввалин сармуҳаррири нашриёти Тоҷикистон» мебошад [Неъматуллоев: 1968].

Чанд мақолаи дигар ба қалами Ҷ. Икромӣ тааллуқ дорад, ки дар фаслҳои баъдӣ ба онҳо ишора хоҳад шуд [Икромӣ: 1958, 1970, 1990].

Ба гурӯҳи дуввум маводеро дохил намудан мумкин аст, ки бахше аз китобҳои алоҳидаи илмию дастуриро ташкил мекунанд [Виноградов, 1959; Абрамович, Лазаревич: 1968; Алексеев: 1975; Благова: 2017; Буров: 1987; Былинский, Розенталь: 2017; Голуб: 2017; Жарков: 2009; Шукуров: 1987; Кӯчаров: 1994; Отахонова: 1999, 2006; Камолиддинов: 2001; Ҷӯраева: 2023].

Гурӯҳи сеюми мавод ҷанбаи ёддоштӣ, хотиравӣ доранд. Муаллифони ин қабил осор дар радифи нақли хотироту таассуроти худ, андешаҳои муҳимеро дар бораи фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ баён кардаанд. Ниҳоят ба гурӯҳи чорум, таълифоте мансубанд, ки мустақим ба фаъолияту кори муҳарририи устод алоқаманд буда, ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ доранд [Брагинский: 1954, 1959; Кӯчаров: 1997, 2013; Сайфуллоев: 1978; Сайидзода: 1996; Салоҳ: 1965; Табаров: 1963; Улуғзода: 1968; Раҳим Ҳошим: 1983, 1988].

Муаллифони онҳо дар қатори таҳлилу арзёбии заҳмати муҳарририи С. Айнӣ, намунаи корҳои анҷомдодаи ӯро гирдоварӣ карда, ба табъ расонидаанд.

Мукотиботи устод Айнӣ бо шоирону нависандагон гурӯҳи панҷуми маводро ташкил медиҳад. Мурратибони чопи номаҳои Садриддин Айнӣ дар пешгуфтор перомуни ҷанбаҳои таҳрир дар мактубот маълумот додаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқи мазкур дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм гирифта метавонад. Мавзуи таҳқиқи мавриди назар як ҷузъи самти корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади аслӣ аз таълифи ин диссертатсия омӯзиши фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар заминаҳои мухталиф мебошад, зеро кори муҳарририи ӯ бо он миқёсу аҳаммияте, ки дар рушду камоли забони адабии тоҷикӣ, ислоҳи забони тарҷумаи осори бадеӣ, пешрафти нависандагону адибони алоҳида дорад, то ба имрӯз ба таври шоиста таҳқиқ нашудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.**

– тавсифи ҷанбаҳои маъношиносии таҳрири адабӣ, фаҳмиши истилоҳии он ва гурӯҳбандии навъҳои таҳриру кори муҳаррирӣ;

– муайян сохтани саҳми кори муҳаррирӣ дар адабиёти бадеӣ;

– таҳлилу баррасии тарзҳо ва меҳварҳои арзёбии осори адабӣ;

– таҳқиқи тарзу усулҳои фаъолияти муҳаррири асарҳои бадеӣ;

– муайянсозии хусусиятҳои муҳаррири жанрҳои адабӣ ва меъёрҳои таҳрир;

– таъйину таҳқиқи ҷузъиёти кори муҳаррирӣ зимни бознашри осори адабии классикон;

– муайян намудани робитаву алоқамандии таҳрири адабӣ бо соҳаи матншиносӣ ва адабиётшиносӣ;

– таҳқиқи осори бадеие, ки Садриддин Айнӣ дар заминаи асарҳои тарҷумашуда ва таълифоти нависандагони тоҷик анҷом додааст.

**Объекти таҳқиқ** мукотиботи Садриддин Айнӣ бо шоирону нависандагон ва қайду эзоҳоте мебошанд, ки Садриддин Айнӣ дар ҳошияи асарҳои алоҳидаи нависандагону адибон дарҷ намудааст ва дар мақолоту китобҳои алоҳида ба чоп расидаанд. Сарчашмаи дигар мақолаҳо ва тақризҳои алоҳидае ба шумор меравaнд, ки устод дар тӯли замон ба табъ расонидааст.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқ**и мазкурро таҳқиқи услуби таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосу бунёди назариявӣ ва методологии рисоларо таълифоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, мисли А. Насриддинов, А. Кӯчаров, А. Сайфуллоев, Р. Ҳошим, К. Айнӣ, Х. Отахонова, М. Шакурӣ, Б.

Камолиддинов, М.Р. Ҷӯраева, И. Брагинский, В.В. Виноградов, А. Н. Болдырев, А.В. Абрамович, Э.А. Лазаревич, И.Б. Голуб, И.А. Жарков, А.Н. Жилин, Э.А. Мильчин, Н.М. Сикорский ва дигарон ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Ҳангоми таълифи диссертатсия зарурати истифодаи методҳои забоншиносии мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили синхронӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ ва сохториву маъноӣ ба миён омад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ осори адибони муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва Пӯлод Толис истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки ки бори нахуст ба таври густурда фаъолияти муҳарририи устод дар заминаи осори классикони адабиёти тоҷик, меъёрҳои забони тоҷикӣ, вижагиҳои забони тарҷумаи осори адабӣ, ҷузъиёти кори Садриддин Айнӣ дар таҳрири осораш, муносибати устод бо осори адибони муосир таҳлилу арзёбӣ шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муқаррар карда шудааст, ки таҳрири адабӣ ба воситаи муҳаррирон амалӣ мегардад ва дар ҷомеаи инсонӣ нақши муҳим дорад. Заминаҳои пайдоишу инкишофи таҳрири адабӣ ба дараҷаву сатҳи маънавӣ, илмӣ ва донишу хиради ҷомеаҳои инсонӣ алоқаманд аст. Замон ва пешрафти ҷомеа дар шаклгирӣ ва инкишофи таҳрир ва кори муҳаррирӣ, маъношиносии он таъсири амиқ дорад.

2. Муайян карда шуд, ки фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ба таври васеъ ҳангоми кору фаъолияти эшон дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҷараён ёфтааст. Саҳми адибони ҳамзамону ҳамкорони Айнӣ дар тавсифу инъикоси фаъолияти муҳарририи вай ниҳоят калон аст.

3. Собит гардид, ки бахши муҳимми фаъолияти муҳарририи Айнӣ ба масъалаҳои забони тоҷикӣ, махсусан, ислоҳу поксозии он алоқаманд аст. Айнӣ кори муҳарририро дар даҳаи бистуму сиюми асри гузашта, бо таҳлилу баррасии

мақолаҳои ҷудогона, таҳрири забони мақолаҳо, зимни тақриз навиштан ба китобҳои дарсӣ анҷом додааст.

4. Муайян карда шуд, ки саҳми танқиди адабӣ дар инъикосу арзёбии фаъолияту услуби муҳарририи Садриддин Айнӣ бисёр арзишманд аст. Дар тавсифу нишон додани ҷанбаҳои гуногуни муҳарририи устод Айнӣ махсусан нақши мунаққид, адабиётшинос Р. Ҳошим бузург аст.

5. Асоснок карда шуд, ки нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири асарҳояш ба хусус «Аҳмади Девбанд», «Одина», «Марги судхӯр», «Дохунда» бузург буда, қиёсу бознигарии матни асарҳои таҳриршудааш аз масъулияту ҷиддияти шуғли муҳарририи устод Айнӣ дарак медиҳад.

6. Исбот гардид, ки мукотиботи Садриддин Айнӣ бо нависандагону адибони тоҷик, махсусан мактубҳояш бо Абулқосим Лоҳутӣ, мактуби кушод ба Пӯлод Толис дар ошноӣ ба фаъолияти муҳарририи вай манбаи бисёр арзишманд ба шумор меравад.

7. Асоснок карда шуд, ки яке аз усулҳои асосии кори муҳарририи Садриддин Айнӣ қайду эзоҳоте мебошад, ки мазкур дар ҳошияи асарҳои нависандагони тоҷик ва осори тарҷумашуда аз забони русӣ навиштааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки он дар рушди минбаъдаи коркарди ҷанбаҳои назариявии кори муҳаррирӣ саҳм мегузорад ва ин имконият медиҳад, ки усули мазкур дар омӯзиши эҷодиёти нависандагон ҳангоми ба система даровардани мавод истифода шавад. Ғайр аз ин маводи диссертатсияро метавон зимни омӯзишу мавзуи кори муҳаррирӣ, тадвину таҳияи курси лексияҳо роҷеъ ба «Таҳрири адабӣ», «Хусусиятҳои таҳрири осори адабӣ», «Таҳрир ва матншиносӣ» ва ғ. мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои ба дастомада метавонанд зимни таҳқиқи эҷодиёти нависандагони алоҳида ба кор бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ**ро сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд, хулосаҳои диссертант дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда собит менамоянд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Масъалаи асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шудааст. Саҳми бевоситаи мо аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назарии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи таҳқиқшавандаро дар асоси усулҳои муосири забоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаем.

**Тасвиби амалии натиҷаи таҳқиқ.** Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ, кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ, кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 5 аз 19.12.2023) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни «25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2016), бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». (Душанбе, 2020), «Забон ва Истиқлол»-и Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (4 октябри соли 2023) дар шакли маърузаҳои илмӣ ироа гардидаанд.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия** Доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқотро инъикос намудааст. Аз ин шумора 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат буда, 167 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ТАҲРИРИ АДАБӢ

## 1.1. Маънишиносии таҳрир (маънии истилоҳӣ)

Пеш аз он ки ба мавзуи аслии таҳқиқ, ки ба арзёбии фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айнӣ бахшида шудааст, оғоз кунем, баёни баъзе андешаҳоро дар атрофи маънои истилоҳии муҳаррирӣ, таҳрири адабӣ ва мавқеи он дар як ҷомеаи адабиву фарҳангӣ, алоқаи он бо дигар соҳаҳои илм лозим медонем.

Маълум аст, ки бахши муҳими ҷомеаи инсониро дар ҳама давру замонҳо маҳсули зеҳнии аҳли башар дар шакли китобу осори хаттӣ ташкил менамояд. Теъдоду андозаи ин осор дар ҳар давру замон чӣ гуна аст, мавзуи дигар мебошад. Масъалаи аслӣ ин аст, ки инсоният аз замоне, ки барои сабту ибрози донишу хирадаш, ҳадафу мақсадаш хатро офарид ва осори хаттӣ таълиф намуд, ҳамеша саъю талош намуд, то китобу таълифоташ аз ғалату иштибоҳ холӣ бошад ва ба шакли фаҳмову зеҳннишин пешниҳоди дигарон гардад. Маълум аст, ки ин корҳо ранҷу заҳмат ва вақти зиёдро талаб мекарданд. Муддати мадиде зарур буд, ки дар давоми он таъбироти номатлуб бояд ихтисор мегардид, иловаҳо дар матн сурат мегирифт, баъзе аз калимаҳо шарҳ дода мешуданд. Дақиқ равшан нест, ки ин амалу ин бархӯрд то чӣ вақте тӯл кашид, то ин ки дар ҳаёти адабӣ-фарҳангии ҷомеа соҳаи хосе зери унвони таҳриру муҳаррирӣ ба вуҷуд омад ва баъдҳо бар асари гузашти замон ва вусъати имконоти фанниву ҷисмонӣ соҳаи мазкур доманаи васеъ пайдо намуд ва ҳамчун риштаи мустақил густариш ёфт. Имрӯз агар сухан аз таҳрир дар миён ояд, нахуст ба шарҳу тафсири луғавии он рӯй овардан лозим аст.

Чи тавре ки дар «луғатномаҳо» омадааст: «Таҳрир, таҳзиб ва танзими матн ё ворид кардани истилоҳот ва афзудану костан дар он аст. Таҳрир дар луғат ба маъноҳои гуногун: озод кардан, навиштан, китобат кардан омадааст [ФЗТ: 1969, 321].

Масъалаи асосӣ ин аст, ки баъзе аз муаллифон гоҳе пас аз муддате, ки аз иншои осорашон мегузаранд, бо назардошти маълумотҳои тозаи бадастоварда тағйироте дар матни асар мегузаронанд, ё ин ки мавзуъ ва матлаби тозае ба асар ворид месозанд. Гузашта аз ин, гоҳо чунин мешавад, ки зимни бозхонӣ ва бознигарӣ ҳатто номи бобҳо ва фаслҳои таълифшударо иваз мекунанд. Бисёр вақт мешавад, ки нависанда асари хешро то ду маротиба таҳрир мекунад, ки фарогири шарҳу эзоҳоти зарурӣ ҳам ҳаст. Дар радифи ин навъи дигари таҳрир ҳам мавҷуд аст, ки усулан аз ҷониби як нависанда нисбат ба асари нависандаи дигар сурат мегирад. Ҳадаф аз чунин навъи таҳрир метавонад мақсадҳои гуногун дошта бошад. Шояд ба хотири такмилу пуррасозии асар бошад ё шояд барои содаву оммафаҳм намудани матни асар анҷом гирад.

Ба ҷанбаҳои зуҳур ва зарурати таҳрир якчанд ишораҳои кӯтоҳ шуд, вале таъкид бояд намуд, ки яке аз сабабҳои маъмули зарурати таҳрир ин аст, ки баъзе аз осори нависандагону ҳунармандон дар маънирасонӣ душворӣ ва нофаҳмӣ ба миён меоранд.

Бархе аз осори шоирону нависандагон мушкилоту печидагиҳои зиёде доранд, ки расидан ба асли маъниву мазмуни онҳо ниҳоят мушкил аст. Ин душвориву муаммоҳо дар фаҳмиши асар сабабҳои мухталиф дошта метавонад.

Яке аз ин сабабҳо гузашти замон ва қадимӣ будани матн аст, ки бар асари он бисёре аз истилоҳоту таъбирот табиати куҳнагӣ пайдо мекунанд. Дар ин ҳол осори мавриди назар ниёз ба таҳриру шарҳ пайдо мекунанд.

Сабаби дигаре, ки метавонад як асарро ниёзманди таҳриру тафсир намояд, шеваи нигориши баъзе аз осор аст, ки барои нишон додани қудрату тавоноии хеш аз таъбироту ибораҳои муғлаку печдарпеч истифода менамоянд, ки дарки онҳо барои ҳама муяссар намегардад.

Сабаби дигаре, ки ин ё он навиштаро метавонад муҳтоҷи таҳрир созад, сатҳи тавоноӣ ва таҷрибаву маҳорат ва ё баръакс, маҳорату малакаи кофӣ надоштани нависанда мебошад.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар адабиётшиносии имрӯзаи форсӣ дар радифи **таҳрир** аз истилоҳи дигаре бо номи вироиш ё виросторӣ истифода мешавад, ки

«исми масдар аз вожаи паҳлавии «виростор» буда, ба маънии кам кардани чизе барои зиннат (муқобили оростан), ислоҳ кардан, танбеҳ кардан, руфӯ кардан, пок кардани чарм аз пашм ва дар истилоҳ тасҳеҳ ва омода сохтани матн пеш аз чопу интишор аст» [ФАФ: 1381: 1426].

Бояд зикр намуд, ки калимаи вироиш, аслан, баргардон аз калимаи англисии editing ба маънии таҳрир кардан, ба чоп омода кардан, нашр намудан аст. Муҳаққиқи тоҷик А. Кӯчаров низ дар китоби хеш ба ин масъала ишорати кӯтоҳе намудааст [Кӯчаров: 2013, 24].

Ногуфта намонад, ки таҳрир ё вироиш бахшҳои зиёде дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд: а) муайянсозӣ ва иҷрои нақшаҳои мавҷуд дар сиёсати нашру чоп; б) барқарорсозии пайванду иртибот миёни нашриёту хонандагон; в) бознигарӣ ва баррасии дақиқу амиқи осори мавриди назар ва боварӣ ҳосил намудан дар саҳеҳ будану дуруст будани онҳо. Муҳаррир дар воқеъ бояд шахси оқилу зираке бошад, ки тавонад камбудии осори нашршавандаро бубинад, бартараф созад ё роҳҳои ислоҳи онҳоро пешниҳод намояд.

Лозим ба тазаккур аст, ки таҳрирро ба қисматҳои гуногун ҷудо мекунанд.

а) Нахуст таҳрири техникӣ, ки иборат аст аз якхела намудани усули нигориши матн, танзиму тадвини поварақҳо ва иқтибосот, муайян намудани ҷойи аксу суратҳо, калимаҳо ва шарҳи онҳо, бознигарии иқтибосҳо, шарҳу тавзеҳи баъзе аз истилоҳоти мушкилфаҳм.

б) Таҳрири амиқ. Ин навъи таҳрир тақозо менамояд, ки матн бар асоси мавзуе, ки дорад, тасҳеҳ шавад. Нуктае, ки дар ин қисмат зикраш муносиб аст, ин аст, ки муҳаррир бояд худ дар заминаи матне, ки онро таҳрир менамояд, мутахассис бошад. Танҳо набояд фаромӯш кард, ки муҳаррири мазмунӣ то андозае озодона амал карда наметавонад. Вай бояд вобаставу побанди сабку услуби нависанда бошад.

в) навъи сеюми таҳрир таҳрири забонӣ мебошад, ки ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳрири забонӣ хусусиятҳои хос дорад, ки муҳимтарини онҳо аз ислоҳу дурустсозии матн дар заминаи унсурҳои забонӣ иборат аст. Дар ин

навъи таҳрир, одатан, ба ғалатҳои машҳур, нодурустиҳои грамматикӣ, имлои баъзе аз калимаву ибораҳо диққат дода мешавад.

Маъмулан, мақсади асосии таҳрири забонӣ содаву равону салис сохтани матни адабист, то хонанда битавонад, ба осонӣ онро дарк намояд, фоидаҳои лозимаро аз он бигирад. Мутобиқи таҳқиқу арзёбиҳое, ки дар атрофи ин риштаи филологӣ анҷом дода шудаанд, муҳаққиқон осори пешниҳодшударо барои таҳрир ё вироиши забонӣ гурӯҳбандӣ намуданд, ки зикри бархе аз онҳоро муносиб медонем.

Нахустин қисмати асарҳое, ки ба таҳрири забонӣ ниёз доранд, осори тарҷумашуда мебошад. Сабабу иллати аслии ин қисмат дар он зоҳир мешавад, ки баргардон ё тарҷумаи матн аз як забон ба забони дигар кори ниҳоят сангину заҳматталаб аст ва раванди шурӯъ ва давоми он ғайриихтиёр иштибоҳу норасоиҳоеро дар тарҷума ба вуҷуд оварда метавонанд. Маҳз аз ҳамин хотир муҳаррирро лозим аст, ки матни тарҷумаро бо матни асл мавриди қиёсу санҷиш қарор диҳад, то ба дурустии он боварӣ ҳосил намояд. Гурӯҳи дуюми таълифот дар риштаҳои мухталиф аст. Муҳаррире, ки таҳрири ин ё он китобро ба дӯш дорад, бояд дар мавзуи китоб мутахассис бошад, то битавонад, мавзуъ ё матни мавриди назарро ба таври лозим ислоҳ намояд. Гурӯҳи сеюми осор китобҳое мебошанд, ки тасҳеҳ мехоҳанд. Дар ин маврид кори муҳаррир душвортар мегардад, зеро ӯро лозим меояд, ки тамоми нусхаҳои мавҷудаи як асарро ҷамъоварӣ намояд. Яке аз нусхаҳоро ба сифати нусхаи аслӣ ё меъёр қарор диҳад ва тамоми ҳусну қубҳи онҳоро нишон диҳад. Ва ниҳоят дастаи чорум таҳрире аст, ки дар бархе аз китобҳо сурат мегирад. Масалан, дар осори илмӣ муҳаррир фақат ба истилоҳоти фаннӣ ва грамматикӣ диққат мекунад. Солҳост, ки муҳаррирӣ дар матбуот ҳам ворид шуда, аслан, масъулияти ин корро расман сардабир ё сармуҳаррир ба дӯш дорад. Ҳадафи аслӣ дар ин соҳа покизагии матлабу мақолаҳо аз зиёдагӯиҳо мебошад. Корҳои дигаре, ки муҳаррири матбуот салоҳияти иҷрои онро дорад, интихоби унвону сарлавҳа барои мақолаҳо, ахбору гузоришҳо, интихоби теъдоди сутунҳо барои ҳар мавзуи мушаххас ва интихоби ҷумлаҳои муҳимтарин дар миёни мақолаҳо мебошад.

Шарҳу тафсире, ки дар атрофи таҳриру муҳаррирӣ дар фарҳангу луғатҳои тафсирии англисӣ омадааст, тақрибан ба маъниҳои фарҳангҳои тоҷикӣ мутобиқат мекунад. Барои мисол дар фарҳанги англисӣ чунин омадааст: «**editor** – |edite(r) Муҳаррир. 1. Шахсе, ки ба таҳрири рӯзнома, маҷалла ва монанди инҳо машғул аст. Муҳаррир касест, ки масъулияти тағйиру иловаҳоро ба матн ба дӯш дорад. Муҳаррири «Вашингтон Пост», «Варзиш», «Молия» ва ғайра… 2**.** Шахсе, ки китобро барои нашр омода мекунад. Масалан, аз назар гузаронидан ва ислоҳ кардани матн ва ғайра… ҳуруфчинии матн барои нашр. 3. Шахсе, ки барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ ва филмҳоро омода мекунад ва масъули тағйиру изофот дар барномаҳо аст. 4. Шахсе, ки ҳамчун рӯзноманигор барои барномаҳои радиову телевизион дар бахши махсуси хабарҳо кор мекунад. Муҳаррири иқтисодиёт. 5. Шахсе, ки матни як ё якчанд нависандаро интихоб мекунад ва матнҳоро дар як китоби махсус барои нашр омода месозад. Мисол: Ӯ муҳаррири як маҷмуаи ҳикояҳои мазҳабӣ аст» [125, 850].

Муҳаррири адабии муосир соҳаи васеи фаъолият пайдо намудааст, ки дар бахшҳои баъдӣ роҷеъ ба ҷузъиёташ сухан хоҳад рафт. Вале дар як манбаи русӣ ба таври ҷомеъ дар бораи муҳаррири адабӣ ва ӯҳдадориву вазифаҳои кории ӯ чунин ибрози назар шудааст: «Муҳаррири адабӣ корманди матбаа аст, ки вазифаи таҳлил, арзёбии матн, ворид сохтани тағйироти заруриро дар ин ё он асари бадеӣ ба дӯш дорад. Вазифаи аслии муҳаррири адабӣ аз омодаи чоп намудани маводи хатии муаллиф иборат аст. Маҳз муҳаррири адабӣ таҳрири матнро аз лиҳози маъно, услуб ва дастур таъмин месозад» [Былинский, Розенталь: 2017,72].

Тавре ки аз ин иқтибос бармеояд, манзури муаллиф танҳо аз муҳаррирест, ки дар идораи рӯзномаву маҷаллаҳо иҷрои вазифа менамояд. Масъулияте, ки ҳар як муҳаррири адабӣ дорад, фаротару бештар аз муаллифи асарест, ки ӯ барои таҳрир дар ихтиёр дорад, зеро бозхонӣ, даровардани ислоҳоти лозими услубӣ, мундариҷавӣ, ислоҳи ғалатҳо ҷиддияту диққати зиёдеро тақозо менамояд, ки ҳама ба ӯҳдаи муҳаррири адабист.

## 1.2. Адабиёти бадеӣ ва муҳаррирӣ

Нахуст бояд зикр намуд, ки имрӯз таҳрири адабӣ ба он доманаву майдони фаъолияте, ки дорад, миёни илмҳои филологӣ яке аз шохаҳои мустақили илм ба шумор меравад. Таҳрири адабӣ аз ҷумлаи он риштаҳои таҳқиқие мебошад, ки аз алоқаву иртиботи ҷомеаи адабӣ бармеояд.

Барои ҳастӣ ва пойдории ҳар ҷомеае рукнҳо ё пояҳои муайяни меҳварӣ ё бунёдӣ лозиманд, то ҷомеа рушд карда тавонад, ҳадафу мақсадҳои фарҳангӣ, адабии худро амалӣ намояд. Яке аз ин рукнҳои бунёдӣ, ба ақидаи мо, иртибот миёни адибону ҳунармандон, коркарди осори мавҷуда, тадвину омодасозӣ ба чопу нашри беҳтарин намунаҳои мероси пешиниён аст. Ҳамин зарурату ниёз фароҳамсозандаи соҳаи таҳрир аст. Аз ин ҷост, ки таҳрир ва таҳрири адабӣ дар навбати аввал ба риштаҳое мисли матншиносӣ, нусхашиносӣ, сарчашмашиносӣ ва шарҳнависӣ робита дорад. Замина ва асли тамоми соҳаҳои мазкурро забон ва унсуру абзори забонӣ ташкил менамояд. Пас, бешубҳа, забоншиносӣ низ ба таҳрири адабӣ алоқаи зич дорад.

Абзору моддаи нахустин дар соҳаи муҳаррирӣ матн маҳсуб меёбад ва он чи ки дар назари аввал ба матн нишону барҷастагӣ мебахшад, доштани ҷанбаи пурқуввати фалсафӣ ва мантиқӣ аст. Пас аз ин воқеият чунин натиҷа бармеояд, ки фалсафа ва мантиқ низ бо таҳрири адабӣ пайвандҳои мустаҳкам доранд. Ҳар як асари бадеӣ дар ҳар давру замон дорои рӯҳу унсурҳои равонии хос аст. Руҳияти вақт ҳамеша ба ҷараёну равияҳо, маҳсули зеҳнии ҷомеаи хеш таъсир мерасонад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки таҳрири адабӣ бо илмҳои психология ва ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ низ иртиботи устувору ногусастанӣ дорад.

Ногуфта намонад, ки мафҳуми **таҳрир** бо вожаи лотинии «redactus» ҳамрадиф буда, маънояш «ба тартиб даровардашуда» мебошад. Вале аз нигоҳи имрӯз ба таври хулоса мақсад аз таҳрир ба шарҳи зер аст:

а) нахуст идора ва роҳбари нашри осори мавриди назар;

б) тафтишу ислоҳсозии матни (асари) муайян ва омодасозии варианти охирини он қабл аз ба табъ расидан;

в) тартибу тасҳеҳи ибораву таркибот, муназзамсозии мафҳуму бархе андешаҳо.

Ҷолиби диққат аст, ки дар кору амали муҳаррирӣ мутахассисон маъмулан се ҷанбаро ҷудо мекунанд. Яъне, муҳарририро ба таҳрири сиёсӣ, илмӣ ва адабӣ ҷудо менамоянд. Замоне, ки кори муҳаррирӣ дар заминаи мазмуну мундариҷаи асар сурат мегирад, манзур аз он таҳрири сиёсӣ ва илмӣ мебошад. Вале ҳангоме ки муҳаррир ба шакли дастнавис, сабку услуб, забони асар сари кор мегирад, беихтиёр вориди тарзи таҳрири адабӣ мегардад. Ҷанбаҳои мазкур бар асоси қонунҳои фалсафӣ, ягонагии категорияи шаклу мундариҷа ба ҳам иртибот доранд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар зарфи чандин даҳсола вобаста ба эҳтиёҷу талаботи донишгоҳӣ дар бисёре аз муассисаҳои таълимии дунё фанни таҳрири адабӣ омӯзонда мешавад.

Таҳрири адабӣ худ тақозо менамояд, ки муҳаррир дорои маҳорату малакаи хос, донишҳои махсусе мисли шаклҳои таҳрир, шеваҳоиислоҳсозӣ ва ғ. бошад.

Вазифаи фанни таҳрири адабӣ дар маҷмуъ аз омӯзондани донишҷӯён бо усулҳои мураттабсозии мазмуну мундариҷаи асарҳо, истифодаи муносиби матн ё асари мавриди назар, танзими забонӣ – услубии асари худ ва эҷоди дигарон иборат аст.

Ҳар навиштаҷот ва матн сарфи назар аз он ки дар ҷӣ замина ва кадом соҳае таълиф шудааст, пеш аз чоп ё нашри хаттӣ ё радиоӣ эҳтиёҷ ба як бознигарӣ ё таҳрир дорад, вале дар ин миёна адабиёт ва хоса адабиёти бадеӣ мавқеъ ва аҳамияти вижа дорад. Агар дар тӯли таърихи дуру дароз осоре дар иртибот бо таҳриру умури муҳаррирӣ барои мо ба мерос расида бошад, мутааллиқ ба навиштаҳои адибону нависандагон аст ва ин бесабаб нест.

Агар як нигоҳи кӯтоҳ ба таърихи на чандон дури хеш андозем, маълум мегардад, ки дар давоми даҳсолаҳои зиёд дар нашриёти собиқ Иттифоқи Шуравӣ, ки мо низ ҷузъи он будем, адабиёти бадеӣ бо теъдоди зиёд ба нашр мерасид. Ин осоре буд, ки дар заминаи адабиёт (назму наср)-и мутааллиқ ба

тамоми миллатҳои узви Иттифоқи Шуравӣ ва адабиёти бадеии хориҷӣ буд. Ҳарчанд интихоби китобҳо, мавзуъҳои пешниҳодӣ аз ҷониби масъулини давлат сурат мегирифт, вале воқеият ин буд, ки чопи беҳтарин шоҳасарҳои адабиёти классик ва ҷаҳон бо тиражи калон сурат мегирифт. Агар танҳо мисоле аз адабиёти тоҷик биёварем, ном бурдан аз Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон кофист, ки гувоҳи аҳамияту арзи мавзуъ бошад. Осори нависандагону шоирони мазкур дар бузургтарин гӯшаҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ ба забони русӣ бо теъдоди бузург ба нашр расидааст.

Қобили зикр аст, ки дар он давра андешаи расмии масъулини давлатдорӣ ва воқеияти зиндагӣ ин буд, ки каломи бадеӣ, сухан силоҳи пурқуввати ба зеҳну шуури ахлоқии инсон таъсири бисёрҷониба дошта, дар тарбияи ҷаҳони маънавии инсон, мусаллаҳ намудани ӯ бо низоми арзишҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ воситаи асосӣ ба шумор мерафт.

Матбаа ва нашриётҳои мавҷуда, маъмулан, осореро ба чоп мерасониданд, ки аз ҷониби хонандагон гарм истиқбол мегардиданд. Ин буд, ки бисёре аз осори классикони адабиёти ҳама миллату халқиятҳо паи ҳам ба чоп мерасиданд. Чопи осори нависандагони муосир низ сурат мегирифт. Ногуфта намонад, ки дар Тоҷикистон низ дар тӯли замон мероси классикӣ, аз қабили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Девони Рӯдакӣ», «Гулистон» ва «Бустон»-и Саъдии Шерозӣ, «Девони Ҳофизи Шерозӣ», осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Мушфиқӣ, Камолиддин Биноӣ ва ғ. бо тиражи барои он замон муносиб то даҳ ҳазор мунташир мешуданд.

Асарҳои нависандагону шоирони муосир Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Пайрав Сулаймонӣ, Муъмин Қаноат, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун ва дигарон низ табъи қобили мулоҳиза доштанд.

Дар алоқа бо ин ҷанбаи аслие, ки боиси барномарезӣ ва пешниҳоди нақшаи чоп гаштани ҳар як асари бадеӣ мегардид, ҷанбаи идеологӣ, нақши тарбиявӣ, сатҳи бадеият ва дигар вижагиҳои бадеии осор буд. Албатта, дар

таблиғу шуҳрати ҳар як асар арзёбӣ ва ақидаҳои мунаққидон низ бе асар намемонд, вале барои ҷараён ёфтану амалӣ гаштани ин ҳадафҳо нақши асосиро муҳаррир мебозид, зеро эшон пас аз таҳлилу танзиму омодасозӣ баҳо медоданд, ки оё асари пешниҳодӣ, воқеан, дархӯри мақсад аст ё не.

Таҳқиқу баррасии кор ё коргоҳи муҳаррир пажӯҳишгарро водор месозад, ки ба ҷаҳони андеша, амал ва услуби кори муҳаррир аз мавқеъҳои гуногун назар андозад, ба занҷираи қадам ба қадами фаъолияти ӯ дақиқ ворид шавад, иртиботу алоқа ва нақши вайро дар омодасозӣ ва тайёр намудани як асари адабӣ-бадеӣ таъйин намояд. Зеро танҳо фароҳам овардан ё мураттаб сохтани чунин асаре бахши вижаи кори муҳаррирӣ ба шумор меравад. Мо дар чаҳорчӯбаи зиндагии иҷтимоӣ-мадании худ бо анвои гуногуни ҳунару санъат сари кор дорем, ки ҳар яке дар мавқеи худ ба ҳаёту унсурҳои бунёдии он таъсиргузоранд. Адабиёти бадеӣ низ яке аз намудҳои хоси маҳоратро аз муҳаррир талаб менамояд. Байни тамоми хусусиятҳои ҳар як асари адабӣ муҳимтаринаш инъикоси саҳифаҳои ҳаёти инсонӣ дар либоси образҳо мебошад. Маҳз бо назардошти ҳамин нукта ҳар як асари бадеӣ-адабӣ мавриди таваҷҷуҳ ва мавзуи таҳлилу баррасии муҳаррирӣ қарор мегирад. Шояд сабаби ҳамаи ин диққату таваҷҷуҳ дар аҳамияти ҳамагонӣ доштани осори бадеӣ нуҳуфтааст. Дар иртибот ба ин бамаврид аст андешаеро аз А. М. Горкий ёдовар мешавем. Мавсуф дар мақолае роҷеъ ба адабиёт ва мавқеъи он чунин навиштааст: «Адабиётшинос чунин меандешад, ки адабиёт кори хусусии ӯ маҳсуб мешавад. Адабиёт ҳеҷ замоне кори хусусии Стендал ё Лев Толстой набуд, балки ҳамеша амри як даврони таърихӣ, кишвар ва табақот буд. Адабиёти юнониҳои қадим, римиҳо, итолиёиҳо адабиёти эҳёи даврони Елизавета адабиёти декадантҳо – рамзгароён буд. Вале касе аз адабиёти хоси Эсхил, Шекспир, Данте ва ғайра сухан намегӯяд. Сарфи назар аз гуногунии шигифтангези адибони XIX-XX мо ҳамеша аз адабиёт ҳамчун падидаи ҳунарӣ, ки драммаҳо, фоҷеаҳо, мазҳакаҳо ва романҳои давронро мунъакис месозанд, сухан мегӯем. Такяи мо рӯйи адабиёт ҳамчун афроди воҳид мисли Пушкин, Гогол, Лесков, Чехов нест» [Горький: 1968, 156].

Воқеан, асари бадеӣ ҳосили офариниши ҳунарӣ аст, ки дар чорчӯбаи як матни адабӣ инъикос мегардад, матне, ки дар навбати худ восита ва тариқест барои шинохту маърифати ҳастӣ, дарку бозсозии муҳити атроф. Мазҳару саҳнаҳои зиндагии инсонӣ дар осори адабӣ ба воситаи калимаҳо, образҳои бадеӣ ба зуҳур мерасад. Аз сӯйи дигар бо кӯмаки ҳамин образҳо адабиёт ҳастиро дар домани вақту фазо бозофаринӣ менамояд, хусусияту дунёи пурпечи ниҳоди инсониро боз мекунад. Дар ин замина нақши пураҳмияту муассирро забону вижагии он мебозад.

Маҳз ба хотири ҳамин зимни бархӯрд бо ҳар як асари бадеӣ муҳаррирро лозим аст, барои таҳлилу арзёбии асари мавриди назар хусусияту вижагиҳои образҳои онро ҳамчун аркони бунёдӣ шиносад.

Образ ё симои бадеӣ бо он соҳату мавқеияте, ки дар асари адабӣ дорад, дорои сохтмони аҷибу хусусиятҳои бешумор мебошад.

Яке аз нишонаҳои муҳими образи бадеӣ хусусияти эҳсосшавандагии он аст. Ба ибораи дигар, образ бояд навъе шиносномаи асар бошад, ки тавассути он хонандагон битавонанд, ба симои воқеии асар, дунёи ботинии он ошно гарданд. Вуҷуди образи камолёфта асарро аз як мавҷуди зеҳнӣ ба мавҷуди айнӣ табдил медиҳад ва чунин имконеро фароҳам меоварад, ки дар домани фазову вақт сайри андеша, тарзи ҷаҳонбинӣ ва масоили зиндагии инсонӣ эҳсос гардад. Ба ибораи дигар, хонанда эҳсос намояд, ки дар муқобили шахсияти объективӣ қарор дорад.

Ҷанбаи дигари шинохти асари бадеӣ барои муҳаррир дарёфту дарки андозаи вуҷуд ё ҳузури шахсияти муаллиф дар чорчӯбаи асар аст. Ҳалли ин масъаларо бояд дар миёни маълумоту иттилооте ҷустуҷӯ намуд, ки ба воситаи заминаҳои ахборрасонӣ, образи бадеӣ пешниҳод мегардад. Мухотаб ё хонанда бояд алоқа, муносибат ва алоқамандии муаллифи асарро ба шахсият ё қаҳрамони асар эҳсос намуда, ҳамзамон дар сайри рӯйдодҳо ва воқеаҳои тасвиршаванда, саҳнаҳои инъикосшуда худро ба сифати иштирокчӣ шуморад.

Аҳамияти ин ҷанбаи образи бадеӣ despite ончунон муҳим аст, ки аксари муҳаққиқон аз он ҳамчун сутун ё рукни бунёдии бадеият ном мебаранд. Тавре

ки маълум аст, миёни мафҳумҳои асосии адабиёт образ ягона мафҳуме мебошад, ки табиат, вижагиҳо, навъҳои офариниш ё эҷоди осори бадеиро ифода менамояд. Таҷассуми зиндагии инсонӣ, ҳастии умумиятдодашудаи он ҳадафи аслии образ аст. Бо назардошти он ки образи инсони алоҳида хусусияти умумӣ дорад, дар такомулу камоли он андешаи ҳунарии нависанда ниҳоят муҳим аст. Равшан аст, ки инсон мавҷуде нест, ки ҷудо аз дигарон дар танҳоӣ бо сари худ зиндагӣ кунад. Инсон бо табиат, бо ҷаҳони ашё иртиботи зичу мустаҳкам дорад. Маҳз ба хотири ҳамин нависандаро лозим аст, ки образи инсонро бо тамоми иртиботу пайвандаш ба ҷиҳатҳои гуногуни зиндагӣ таҷассум созад. Дар баробари ин ҳар як адиб ё нависандаро лозим аст, ки қаҳрамони асари хешро дар муҳити дигар, яъне дар муҳити иҷтимоӣ бо комил сохтани тамоми аҷзои ҷаҳони он нишон диҳад, яъне, образи ӯро бисозад. Агар аз ин мавқеъ ба образ нигоҳ кунем, пас, ба ин натиҷа мерасем, ки образ танҳо иборат аз инъикоси симои инсон нест, балки баёнгари манзараи умумии зиндагии инсонист.

Ба ақидаи В.Г. Белинский, «ҳунар ин инъикоскунандаи мустақими воқеият ё тафаккур дар либоси образ аст» [Егоров: 1982, 67].

Манзур аз ин андешаҳо ин аст, ки ҳар як муҳаррири адабиро лозим аст барои анҷоми кори таҳрири асар ба ҷузъиёт, бандубасти ҳар як асари адабӣ шиносоии амиқ дошта бошад.

### 1.3. Тарзҳо ва меъёрҳои арзёбии асар ё матни адабӣ

Тавре ки зикр шуд, соҳаҳои фаъолияти ҳар як муҳаррир миқёси васеъро фаро мегирад, ки вобаста ба соҳаи мавриди назар вазифа ва уҳдадориҳои хосро назди ӯ қарор медиҳад. Яке аз риштаҳои маълуму шинохташудаи муҳаррирӣ аз бархурди муҳаррир ба адабиёти бадеӣ ё матни адабӣ иборат аст, ки марҳилаҳои мухталиферо дар бар мегирад. Мақсади ниҳоӣ аз чопи ҳар як асари бадеӣ метавонад ҷанбаҳои гуногун дошта бошад, вале дар ин миён бояд дараҷаи самаранокӣ, натиҷабахшӣ, шоистагии он аз ҷониби муҳаррир дақиқкорона таъину муайян гардад. Пас, гуфтан мумкин аст, ки нахустин қадами муҳаррир арзёбӣ ё баҳодиҳии дастнависи асар аз нигоҳи фоиданокӣ ё судмандии он аст, яъне вазифаи муҳиме, ки дар аввал бояд муҳаррир иҷро кунад, қарори ӯ дар қабул ё рад намудани асари пешниҳодшуда аст. Муҳаррир бояд бо донишу биниш, шинохти иртиботу алоқа, манфиати хонандагон хулосаи худро барорад, ки асари мавриди назар аз нигоҳи бадеият, мубрамият, эҳтиёҷоти замонӣ шоистаи чоп аст ё не.

Қобили қайд аст, ки тағйироти ҷомеаи имрӯзаи мо иқтисоди бозоргонӣ вазифаи ҳар як муҳаррирро мушкилтар, яъне, муҳаррир пеш аз он, ки дар чопи асари пешниҳодӣ ба қарори қатъӣ ояд, бояд вазъи бозорро биёмӯзад, ки оё китоби мавриди назар харидор пайдо менамояд ё не. Даромади тахминӣ аз фурӯш чӣ қадар хоҳад буд? Посух ёфтан ба ин пурсишҳо сарнавишти китобро ҳал менамояд. Агар муҳаррири масъулиятшинос ба амри фурӯшу алоқаи хонандагон итминони мустаҳкам надошта бошад, ҳаргиз ба чоп иҷозат намедиҳад.

Муайян намудани баҳо ва дараҷаи судмандӣ, рӯзмаррагӣ ва арзиши аслии ҳар як асар, ки дар шакли дастнавис аст, вазифаи муҳими маънавии муҳаррир аст. Доштани маънавияти кофӣ, доираи васеи бинишу ҷаҳонбинӣ барои муҳаррир ниҳоят муҳим аст, чунки хулоса ё қароре, ки муҳаррир пешниҳод мекунад, тақдири асарро дар амри чопу дастрасии хонандагон ба он ҳал

мекунад, асаре, ки шояд мазмуну мундариҷааш дар ҳалли масъалаҳо ва мушкилоти мавҷуди ҷомеаи имрӯза корсоз бошад.

Аз ҷониби дигар, натиҷа ё хулосаи муҳаррир дар зиндагии шахсӣ ва ҷаҳони эҷодии нависанда низ нақши муҳим мебозад. Агар дидгоҳи муҳаррир дар заминаи адолату воқеияти айнӣ сурат гирад, аҳамияти ҳунарӣ, адабӣ, ҳусни асарро бозтоб намоянд, ба муаллифи асар ангеза, умед медиҳанд. Аз ин равшан мешавад, ки масъулияту ҳадди ҷавобгарии кори муҳаррирӣ то чӣ андоза бузург аст.

Набояд фаромӯш кард, ки худи муҳаррир нахустин хонандаи асар аст, ки симои қаҳрамонон, ҷаҳони пурпечутоб ва эҳсосу авотифи ононро дарку ҳис менамояд, вале ӯро лозим аст, ки мавқеияти хонандагонашро бо мавқеияти вазифавӣ, тахассусӣ, ки пешниҳодҳову дидгоҳҳои мантиқиро тақозо менамояд, омехта накунад.

Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқон қадами дуюме, ки муҳаррири адабӣ дар кори худ бояд бардорад, ба таъйини роҳҳои комилсозӣ ва тасҳеҳи матни адабӣ алоқамандӣ дорад. Дар таҳрири асари адабӣ таносуби комили дарку тасаввуроти фардӣ ва баҳои асосноки илмӣ бар он ниҳоят аҳамият дорад. Чунин баҳамоӣ ва таносубу ҳамоҳангӣ боиси таъсири пурмаҳсули муҳаррир ба асари адабӣ хоҳад шуд. Уҳдадориҳое, ки дар ин замина ба дӯши вай гузошта шудаанд, аз он иборатанд, ки муҳаррир то чӣ андоза муаллифи асарро дарк мекунад, дар эҷоди ӯ падидаҳо ё унсурҳои бадеияту ҳунарро пайдо намуда, бар асоси таассуроти хеш дараҷаи таъсиргузории асарро бар хонандагон пешгӯйӣ менамояд.

Аз ҷониби дигар, муҳаррир бояд бо асосҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, китобшиносӣ ошно бошад, то дар тарзҳои мантиқии таҳлили илмии осори бадеӣ маҳорату малака пайдо намояд. Бояд гуфт, ки нақши танқиди адабӣ низ дар амри кӯмаку ёрӣ ба кори муҳаррирӣ ниҳоят чашмрас аст, зеро маҳз тавассути ҳамин танқиди адабӣ аст, ки асарҳои арзишманд интихобу қиммату арҷи онҳо муайян мегарданд.

Ҳангоми таҳлили ҳар як асар он чизе, ки барои хонанда муҳим аст, яъне дараҷаи мубрамият, навгонӣ ва ҷазобияту шавқоварии он бояд ба назар гирифта шавад. Дар радифи ин ҷанбаҳои эстетикӣ, шинохти воқеият, заминаҳои ахлоқӣ ҳам madди назар аст.

Нукоти дигаре, ки пажӯҳишгарону мутахассисон дар муҳаррирӣ ниҳоят муҳим мешуморанд, таносуби масоили иҷтимоӣ бо орзуву ормонҳои муаллиф аст. Бояд қайд намуд, ки то вақтҳои охир ба сюжетҳои шавқовар ва осонии забони асар низ аҳамияти калон дода мешуд.

Масъала ё саволи дигаре, ки дар ин замина ба миён меояд, дар чӣ зоҳир гардидани андозаҳо, меҳвару маҳакҳои бадеият аст. Бешубҳа, андоза ё маҳакҳои таъинкунандаи бадеият ва ҷанбаи ҳунарии асар зиёданд ва нахустин ченак, ба қавли мутахассисони соҳа, ваҳдат ё ягонагии шаклу мазмун аст. Як чеҳра ё симову образи бадеӣ, ба хотири он ки аз худ дарак диҳад, ҳузури хешро собит кунад, бояд чаҳорчӯб ё шакле барои зуҳур дошта бошад, ки ин дар навбати хеш таҷассумгари пайванду иртиботи ягонаи шаклу мазмун аст.

Дар чаҳорчӯби ягонагии шаклу мазмун ҷанбае, ки беш аз ҳама ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, мазмуни идеявии асар мебошад, ки бе вуҷуди он асарро наметавон комилу арзишманд ҳисобид. Ҷанбаи дигар пуррагӣ ё комил будани шакли асар аст. Шакли асар мазмуни аслӣ ва таъсиррасонии асарро таъмин менамояд. Надоштани шакли муносибу қобили пазириш сабабгори халалу норасоӣ дар мазмун гардида, асолати онро зери шубҳа мегузорад.

Ҳақиқати бадеӣ, ба андешаи муҳаққиқони соҳа, нишон ё меҳвари дуввуми бадеият маҳсуб мешавад, ки барои бозсозӣ, таҷдиди воқеият аз аҳамияти зиёде бархурдор аст. Барои зуҳур ё амалкарди ҳақиқати бадеӣ бахшҳои дигаре, мисли рафтор ё кирдори қаҳрамони асар, муҳовара, тасвирҳо лозиманд. Вазифа ва уҳдадории муҳаррири адабӣ дар ин замина таҳқиқу баррасии ин қисматҳо мутобиқи воқеияти айнист. Таъкид кардан зарур аст, ки иҷрои ин вазифа кори содаву маъмулӣ нест, зеро мақсад танҳо аз тасвири воқеаҳо иборат нест, ё бо бозгӯ намудани далелу бурҳонҳо тамом намешавад. Дар ин замина бояд амалу кори ҷиддие аз тарафи муҳаррир сурат бигирад.

Муҳаррир битавонад муайян намояд, ки оё муаллиф тавонистааст, ки мақсади хешро дар иртибот ба таъсиррасонии ҳиссиву хайрхоҳона амалӣ намояд. Дар ин бахш воқеият набояд яктарафа нишон дода шавад. Бояд воқеият, образҳо умумият дода шаванд, ҷомеъ ва фарогири ҷанбаҳои зиёд бошанд.

Ҷараёни кору фаъолият дар офаридани образҳои ҷомеъ, ҳаргиз сарсарӣ, худ ба худ ё механикӣ набуда, нуфузи эҷодкорона ба моҳияти иҷтимоии зимну имкони хос аст. В. Г. Белинский ба назарияпардозон ва нависандагоне, ки образи бадеиро як навъ туғёни механикӣ меҳисобиданд, чунин навишта буд: «барои тамоми Аврупои соҳибмаърифат равшан аст, ки «идеал» маҷмуи вижагиҳои мухталиф дар як ҷисм аст. Вижагиҳое, ки дар бистари табиату воқеият сурати пароканда доранд. Ин ҷо офариниши хосе лозим нест. Мехоҳед соҳибҷамолеро наққошӣ кунед, пас нигоҳе ба соҳибҷамолон андозед. Аз яке димоғро, аз дигаре чашмҳоро, аз саввумин лабонро наққошӣ кунед. Бад-ин тариқ Шумо симои соҳибҷамолеро меофаред, ки шабеҳу назире надорад». [*иқт. аз* Егоров: 1982, 116].

Қобили зикр аст, ки муҳаррири адабӣ бояд маҳорату малакаи дарку нишон додани иртиботи мутақобили диалектикии рӯйдодҳои иҷтимоиро дар ҷомеа дошта бошад ва гузашта аз ин падидаҳои мавриди назарро дар адабиёти бадеӣ инъикос намояд. Рӯ овардани нависанда ба рӯйдодҳои гузаштаву оянда меҳварҳо ё андозаҳои таркибие мебошанд, ки бо ҳақиқати бадеӣ алоқамандананд.

Инъикосу бозтоби ҳақиқати таърихӣ талаботест, ки муҳаррири адабиро ба омӯзишу фарогирии мавзуъҳои таърихӣ, ҷузъиёти онҳо, бозкушоии мантиқи воқеии падидаҳо водор месозад. Ҳеҷ факту далеле дар тарҳу осори нависандагон набояд таҳриф гардад. Ҳақиқати бадеии аслӣ замоне ба зуҳур мерасад, ки ҳақиқати далелҳо ба мавқеияти муаллиф созгор ояд.

Мавзуи дигаре, ки ҳамчун маҳаки бадеияти матн шинохта шудааст, асолати услубу шеваи муаллифи асар аст. Ин ҳадаф дар хусусиятҳои образи бадеӣ ба зуҳур мерасад. Дар ин маврид воқеият ба тасаввуроти фардӣ табдил шуда, дар мазмуни мувофиқу шоистаи хеш ифода мегардад, дар шакли созгори хеш ошкор мешавад.

Бояд изҳор дошт, ки мақсад аз «услубу шеваи фардии нависандаи эҷодкор» корбасти санъатҳои бадеӣ ё хусусиятҳои услубӣ нест. Ин ибора ниҳоят маънои доманадор дошта, дар он ҷаҳоннигарӣ, биниш, рӯйдодҳои воқеияти айнӣ, образҳои асили бадеӣ акси худро пайдо мекунанд. Ин шева нишондиҳандаи як навъ тафаккуру боварҳои нависанда аст. Барои таҳлили ин масъала муҳаррирро лозим меояд, ки қабл аз ҳама, ба ҷаҳони нависанда ворид шавад, ӯро дарк намояд, ба асари ӯ бархӯрди эҳтиёткорона, эҷодкорона дошта бошад.

Шояд саволе пайдо шавад, ки тарзҳои хоси фардии эҷодии як нависанда дар кадом заминаҳо намудор мегардад. Бешубҳа, ҷанбаи аслие, ки аз ҳунару маҳорат ва чигунагии эҷодиёти нависанда гувоҳӣ медиҳад, забон ва услуби осори ӯ мебошад. Муносиб аст дар ин ҷо порае аз мактуби М. Горкий ба нависандагони ҷавон оварда шавад: «Кори як адиб ба чӣ меанҷомад? Ӯ дар кори хеш даст ба домани тахаюл мезанад, образҳоро меофарад, саҳнаҳо таассуроту тасаввурот, андешаҳо, таҷрибаи шахсии хешро тавсиф мекунад. Осори адабӣ ба хонанда ҳамон вақт муассир меафтад, ки хонанда битавонад офаридаи нависандаро бубинад. Нависанда ба ӯ чунин имконеро фароҳам созад, то худ сувару бозигарони асарро бо «хаёлот»-и хеш бо таҷрибаи як хонанда комил созад. Аз омезиш, мутобиқати таҷрибаи нависандаву хонанда воқеияти бадеӣ зода мешавад.» [Горький: 1968, 184].

Аз ин иқтибос равшан аст, ки то чӣ андоза шеваю услуби нависанда дар шинохти он муҳиму корсоз аст. Акнун муҳаққиқони адабиёт бар ин ақидаанд, ки услуби як нависанда бояд баёнгари руҳу равони ӯ бошад. Махсусан, нависандагоне, ки дар ҷодаи адабиёт қадамҳои нахустинро мегузоранд, бояд ба хотири такмили пешаи худ бо муҳаррирон ҳамкории мустаҳкам дошта бошанд.

Вазифаи муҳиме, ки дар назди муҳаррир меистад, аз рафъи нуқсонҳои мавҷуда дар матни асар, ташхису дарёфти бахшҳои нерӯманди асар, таъкиди нишонаҳои асили услуби нависанда ва гоҳо пурқувват намудани заминаҳои ҳиссӣ-эстетикии он иборат аст. Вале дар ин миён муҳаррир набояд услуб ё сабки фардии нависандаро бо завқу салиқаи худ дигаргун намояд. Лозим аст, ки

асолату аслияти асар ҳифз шавад. Аслан, агар мо ба шеваву усули кори муштараки нависандаву муҳаррир амиқтар назар андозем, маълум мегардад, ки онҳо шабеҳи ду ҳамсафар дар як масири ягонаанд ва бояд якдигарро аз бероҳа рафтан ҳушдор диҳанд. Гоҳо мешавад, ки як адиб ё ҳунарманд ғарқ дар ҷаҳони эҷоди хеш мехоҳад, тарзи ифодаи хос, наву тоза дошта бошад ва ин тозаҷӯйӣ баъзан ӯро ба ифрот мебарад. Маҳз дар ҳамин мавридҳо дасти маҳкаму диди саривақтии муҳаррир лозим аст, то нависандаро аз дур шудан аз асли мақсад, изофагӯйиҳо нигоҳ дорад ва ба роҳи дуруст ҳидояташ намояд.

Яке аз ҷанбаҳои пурқуввати асари бадеӣ вуҷуди эҳсосу авотиф ва ҷалбкунандагии он аст. Вақте ки хонанда бо як матни бадеӣ сари кор мегирад, матн бояд нерӯву қудрати таъсирбарангезӣ, ҷалбкунандагӣ дошта бошад. Дар қаламрави як асар мо ба саҳнаҳои гуногуни зиндагии инсонӣ, эҳсосоти мухталиф, ғаму андӯҳ, шодиву нишот, ғазаб, изтиробу нигаронӣ дучор мегардем. Ин ҳолатҳои равонӣ бояд ба тариқе тасвири худро ёфта бошанд, ки хонанда дар баробари қаҳрамони асар онҳоро аз сар гузаронад.

Нақши муҳаррир дар ин маврид фарқ гузоштан миёни матни асилу сара ва хушку беруҳу носара мебошад. Муҳаррир бояд нависандаро ба ин заминаҳо ошно созад.

Нуқтаи дигари арзишманд, ки зимни таҳрири осори бадеӣ муҳаррир бояд ба он такя намояд, арзёбии тамомият ё ҷомеияти образҳост, зеро образ дар либоси як манзара ё саҳнаи адабӣ бояд дар зеҳни хонанда муҷассам гардад.

Барои он ки шахсият ё образи асари бадеӣ ба ҳадди камол расад, нависандаро лозим аст, ки миёни тамоми ҷузъҳои асар, унсурҳои гуногун, воситаҳои тасвири бадеӣ ва вижагиҳои фардии чеҳраҳо пайванд эҷод намояд. Пухта расидан, фароҳам омадан ё камол ёфтани образ мисли дигар падидаҳо бояд раванди мустамар ва усули пайдарҳамӣ ва идоматро бигузаронад. Дар ин миён муҳаррири адабиро лозим аст, ки ин вижагии образро дарк намояд, заминаҳои бунёдии онро бишносад.

Ин ҷараёни идоматро дар мавриди ҳунар ва адабиёт Белинский чунин тасвир месозад: «Бад-ин тариқ табиат лаҳзаи нахустини рӯҳ аст, ки бо имконоти

мавҷуд талоши воқеият буданро таҷриба мекунад. Вале ин қадами нахустини он ба сӯи ҳастӣ ба таври ғайриинтизорӣ бардошта нашуд, балки дар замону лаҳзаҳои гуногун сурат гирифт ва ҳар якеро дараҷаи вижаест дар раванди офариниш. Қабл аз офариниши мавҷудоти рӯйи замин худи замин офарида шуд. Вале на якбораву ногаҳонӣ, балки тадриҷан, бо пушти сар гузоштани табаддулоти бошумор таҳмили дигаргуниҳои зиёд. Аммо ҳар як гардиши баъдӣ зинае барои такомул буд. Қонуни ҳар инкишофи он аст, ки ҳар лаҳзаи баъдӣ болотар аз пешин аст». [*иқт. аз* Егоров: 1982, 70]

Манзури аслӣ аз нақли андешаи мазкур ин аст, ки шаклгирӣ, камоли як образ масири занҷирвореро тай менамояд, то ба сарҳади камол бирасад ва барои хонанда таъсирбарангез гардад. Ҳунару истеъдоди муҳаррири адабӣ бошад, замоне маълум мегардад, ки ин ҷузъиётро дар раванди шинохти образ дарк намояд.

Яке аз андозаҳои муҳими дигар дар арзёбии асари бадеӣ шинохти дараҷаи дақиқ будани он аст. Дар ин маврид муҳаррирӣ ё таҳлили муҳаррирӣ метавонад фарогири ҷанбаҳои гуногун бошад. Дар навбати аввал бояд муайян гардад, ки ҳадду андозаи ин дақиқият ё дурустии ҳаётӣ чӣ гуна аст. Сипас, бояд санҷиш ё озмоиши дурустӣ, дақиқӣ дар сатҳи тасвиру инъикоси воқеият мавриди муқоиса қарор гирад.

Таҳлилу арзёбии таносуби эҳсосу авотиф бо мақсаду ҳадафҳое, ки асари бадеӣ дар пеши худ гузоштааст, ҷанбаи дигари ин фаъолият аст. Дақиқу корсоз будани таъсири асар ба эҳсосоту тасаввуроти хонанда ҷанбаи дигаре мебошад, ки муҳаррир бояд зимни таҳлилу баррасӣ ба он такя намояд. Аксар вақт зимни қироату кор бо асари бадеӣ нодурустиҳо дар тасвиру ифодаҳо ба чашми муҳаррир мерасанд, ки дар он шакл ба хонанда расиданашон таъсири манфӣ дорад.

Ногуфта намонад, ки ҳар асар ва матни алоҳида ба ҷуз ин ченакҳо ё меъёрҳои таҳлилу арзёбӣ мумкин аст, ба меъёрҳои дигари ҷузъӣ ё хусусӣ ниёзманд бошад. Гузашта аз ин, ҳар жанри адабӣ вобаста ба хусусиятҳое, ки дорад, метавонад меъёрҳои вижаи худро дошта бошад.

## 1.4. Методика ва усулҳои кори муҳаррири асарҳои бадеӣ

Нахуст бояд зикр намуд, ки кори муҳаррирӣ дар ҳар як соҳа: адабиёти бадеӣ, техникӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ғайра хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Муҳаққиқи варзида А. Кӯчаров дар иртибот бо ин мавзуъ чунин қайд мекунад: «муҳаррир набояд чӣ навиштан ва чӣ тавр навиштанро ба муаллиф нишон диҳад. Вазифаи муҳаррир аз он иборат аст, ки нусхаи ба ӯ пешниҳодшударо танқидан хонад, ғалатҳо ва норасоиҳои асарро муайян кунад ва бо ҳамин ба муаллиф дарислоҳи камбудиҳои матн ёрӣ расонад». [Кучаров: 1997, 19-20].

Воқеан, таҳрири адабӣ, махсусан таҳрири осори бадеӣ, фарогири хусусиятҳо ва ҷанбаҳои мухталифе мебошад.

Барои он ки муҳаррир ҳусну қубҳи асари бадеиро таҳлилу арзёбӣ карда тавонад, бояд эҳсосу тасаввуроти фарох, ҷаҳонбинии васеъ дошта бошад. Аввалин саҳнае, ки ҳангоми кор бо асари бадеӣ муҳаррир бо он рӯ ба рӯ мешавад, маҷмуи образҳои офаридаи муаллиф аст, ки бояд аз ҷониби ӯ мафҳум гардонида шаванд, то хонанда онҳоро дарк намояд. Ҳамзамон бо ин ҷанбаҳои ҳунарӣ-эстетикии асар нигоҳ дошта шавад.

Одатан, вақти нахустин шиносоӣ бо матни асар муҳаррир онро аз нигоҳи як хонанда бо дарки заминаҳои ҳиссии он қабул менамояд. Ҳангоми арзёбӣ набояд ба иштибоҳу хато роҳ дод, зеро ба вазифаи аслии кори муҳаррир тасҳеҳи асар низ дохил мешавад. Барои ҳамин ӯро лозим аст, ки дар вақти таҳлилу баҳодиҳӣ таассуроту тасаввуроти шахсиашро бар асоси меъёрҳои объективии арзёбӣ назорат намояд. Ба ибораи дигар, дарку фаҳмиши бадеии асар бо таҳқиқи илмии он якҷо сурат бигирад.

Кори муҳаррирӣ бо дастнависи асар, одатан, пай дар пай ё зина ба зина сурат мегирад. Зина ё қадами аввал дар ин роҳ қироати пешакии китоб ва тасаввуроти нахустин дар бораи он шуморида мешавад. Баъд аз он дар навбати дуюм лозим аст, ки асар муфассал мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирад.

Бояд донист, ки миёни кори муҳаррирӣ ва танқиди адабӣ фарқи калон мавҷуд аст. Ин ду самт шохаҳое мебошанд, ки ба матни адабӣ зимни таҳлилу

баррасӣ бархурди ҷудогона доранд. Вазифа ё рисолати ҳар як мунаққид ё адабиётшинос аз баҳои як асари бадеӣ ҳамчун падида ё рӯйдоди ҳунарӣ ва моҳияту мавқеъи он дар ҷомеаи муосир иборат аст. Муҳаррир вобаста ба талаботи мақому вазифааш мувофиқи мақсад будан ё набудани чопи асарро муайян мекунад ва роҳҳои такмилу беҳсозии онро таъйин менамояд.

Гузашта аз ин, муҳаррир, маъмулан, асарро барои чоп омода намуда, зимнан ба муаллиф дар такмилу камоли асар ёрӣ мерасонад. Аз сӯйи дигар мунаққид ё адабиётшинос асари бадеиро аз нуқтаи назари илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияту аҳамияти онро ҳамчун падидаи ҳунарӣ барои хонандагон баён менамояд. Омӯзиши сохтору бандубасти асар, хусусиятҳои забонии қаҳрамонон низ ба зимаи адабиётшинос аст. Дар сурате ки диққати муҳаррир ба ҷузъиёте аз асар нигаронида шудааст, ки боядислоҳу такмил дода шаванд, мантиқан саволе ба миён меояд, ки ба таври мушаххас моҳияти кори муҳаррир ё таҳлилу баррасии муҳаррирӣ аз чӣ иборат аст? Тавре ки аз таҳқиқоти пажӯҳишгарон бармеояд, лозим аст, ки миёну мақсаду мавзуи умумии асар, сохтор, жанри асар ва ҷузъиёти дигари он, мисли сюжет, бандубаст, забону услуби он як алоқамандиву таносубе мавҷуд бошад. Маҳз ба хотири ҳамин «муҳаррир бояд ихтисосманди соҳаи худ бошад ва вобаста ба навъҳои адабиёт (адабиёти илмӣ-оммавӣ, адабиёти таълимӣ, адабиёти бадеӣ) аз роҳу усулҳои ҳар чӣ амиқтар, пурратар ва ҷолибтар ба хонанда пешкаш намудани мавод истифода карда тавонад. Муҳаррир бояд муаллифро аз истифодаи ифодаҳои мавҳум ва печдарпеч нигоҳ дошта, роҳҳои самараноки ҷалби хонандаро ба ӯ омӯзад» [Кучаров: 1997, 20].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки муҳаррирро мутолиаи зиёд ва истеъдоди маҳорату малакаҳои хос лозим аст. Барои амалӣ намудани кори муҳаррирӣ тарзу усулҳои зеҳнӣ ё фикрӣ мавҷуданд, ки дар таҳрири пурра ё ҷузъии осори бадеӣ самарабахшанд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими муҳаррирӣ мустаҳкам намудани алоқаву пайванди муҳаррир бо муаллиф мебошад, ки дар тӯли таърих муҳаққиқони зиёде онро таъкид намудаанд. Олими рус Мильчин А.Э. зимни арзёбии

фаъолияти навизандагони алоҳида чунин иброз меанамояд: «Муаллифи асар дар доираи салоҳияту маърифати худ амал карда, натиҷаи ин амалҳоро хабар медиҳад. Аз ҷониби муҳаррир хуб мебуд, ки дурустии ин амалҳо тафтиш карда шавад…» [Мильчин: 2010, 291].

Усулу тарзҳое, ки зимни муҳаррирӣ корсозанд, гуногунанд. Яке аз намудҳои онҳо фикран тартиб додани нақшаи асари мавриди назар ё ба ибораи дигар, таҳлили сохториву мантиқии он мебошад. Дар ин замина муҳаррир асари мавриди таҳрирро аз рӯйи маънӣ ба қисмҳо ҷудо намуда, дар ҳар қисм ҷанбаҳои муҳиму асосиро муайян месозад ва таносубу алоқаи онҳоро ошкор менамояд.

Шояд баъзан гурӯҳбандии мавзуъҳои асар аз рӯйи маънии он душворӣ пеш орад, аз ин сабаб ҳар асар бояд ба таври ҷудогона мавриди омӯзиш қарор гирад, то фаҳмишу дарки амиқи асар осон гардад.

Нуқтаи дигаре, ки муҳаррир бояд ба он диққати калон диҳад мутобиқсозии мундариҷаи асар ба сатҳи донишҳое мебошад, ки хонанда дорад. Агар барои муҳаррир доираи хонандагоне, ки асари адабӣ ба онҳо нигаронида шудааст, маълум бошад, ӯ метавонад, завқу салиқа ва андозаи донишу огоҳии онҳоро таҳлил намояд ва муайян созад, ки кадом бахше аз китоб ба шарҳу тавзеҳ эҳтиёҷ дорад.

Усули дигаре, ки барои кори муҳаррирӣ ниҳоят самарабахш аст, таносуб ё мутобиқати бахшҳои асар аз рӯйи мундариҷаи он аст. Муҳаррир тавассути он зиддиятҳои дохилиматнӣ, иштибоҳоти мантиқӣ ва дигар нуқсонҳоро ислоҳ менамояд.

Баргардони мундариҷаи матн ба забони «содатар», яъне матнро бо завқу салиқаи худ созгор намудан навъи дигари таҳрир аст. Манзур аз ин шева он аст, ки муҳаррир бояд асарро комилан аз худ намояд, онро бо забону таркиботи худ бозгӯ карда тавонад. Ба ибораи дигар, муҳаррир мазмуну мундариҷаи асарро фикран бояд ёддоштбардорӣ намояд.

Нуктаи дигари арзишманд барои муҳаррир зимни таҳрир таъйин намудани андозаву меъёрҳои ҳатмист. Ба ин маънӣ, ки ҳангоми қироати асар

хонанда бояд ба осонӣ натавонад ҷараёни шаклгирии сюжети асарро пешбинӣ кунад, тахмин бидонад, ки идомаи ҳодисаҳои асар дар чӣ маҷрое сурат мегирад. Албатта, қоидаи маъмул аст, ки хонанда бояд то андозае барои дарки ҷараёни фикри нависанда қодир бошад, ва хати сюжетро пай бурда тавонад, вале он набояд аз ҳад гузарад. Аз тарафи дигар, равшан аст, ки агар хонанда ба ҷараёни фикру андешаи муаллифро назорат намудан қодир набошад, ин гувоҳ бар он аст, ки матн дорои костагиву норасоиҳост.

Баёни ҳар нависандае дорои мантиқу шакли хос аст, ки дар вақти халалдор шудани он раванди дарку фарогирии асар низ мушкил мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми хондани асари бадеӣ барои хонанда саволҳои мухталифе пайдо мегарданд, ки ин амри табиист, зеро хонанда наметавонад ба зиндагӣ, рафтору кирдори қаҳрамонони асосӣ ва фаръӣ бетафовут бошад. Дар ин замина маҳорати муҳаррир дар он зоҳир мегардад, ки дар матн таҳрири зарурииро анҷом диҳад, то саволу пурсишномаҳои навзуҳур дар матн ҷавоби худро пайдо кунанд.

Шева ва усулҳои барои фаъолияти муҳаррир номбаршуда имкон медиҳанд, ки мавзуи аслӣ ба таври амиқ омӯхта шавад. Самаранокии кори муҳаррир ҳамчунин ба дараҷаи камолоти зеҳнии ӯ, доираи шиносоиаш бо риштаҳои гуногуни илму маърифат вобаста аст.

Равшан аст, ки ҳар як асари бадеӣ дорои хусусиятҳо, вижагиҳо ва паҳлӯҳои барҷаставу хос аст. Аз ҷумлаи ин вижагиҳо нахуст жанри асар, сохтори он, тавсифи ҷузъиёт, баёни ҳодисаҳои таърихӣ, инъикоси ҷузъиёти каҳрамонҳо ва ғ. ба ҳисоб мераванд.

Ҳар як муҳаррир замони бархурд бо асари бадеӣ бо мақсади иҷрои вазифааш ё барору муваффақияти асараш вазифадор аст, ки ҷузъиёти ҳадафашро муайян кунад, ба хусусиятҳои болоӣ диққати махсус диҳад. Набояд фаромӯш намуд, ки ҳар як асар иборат аз ҷузъҳо ё ҷанбаҳои хосе аст, ки муҳимтарини онҳо аз ҷанбаи бадеӣ-услубӣ, мантиқӣ, сюжет ва бандубаст, баррасии рафтору кирдори қаҳрамонҳо дар хати умумии сюжет иборатанд. Ба ҷуз ин, ҳар як асар ба ғайри ин бахшҳо метавонад қисмҳои дигар, маводи

иловагӣ, расму нақшаҳо, маълумотномаҳо дошта бошад. Мавҷудияти ҳамаи ин бахшҳо аз муҳаррир талаб менамояд, ки алоқаву пайванд, муносибати миёни онҳоро муайян намояд. Таҳлилу баррасии дақиқу васеи ин қисматҳо нахуст боиси кордидагӣ ва соҳибтаҷриба шудани муаллиф мегардад ва аз тарафи дигар, асарро аз хатову иштибоҳоти эҳтимолӣ раҳо менамояд.

Яке аз уҳдадориҳои муҳими муҳаррир ҳангоми таҳрири асари бадеӣ муайянсозии ҳамоҳангии ҷузъҳои асар аст, ки то чӣ андоза ба ҳам созгоранд. Барои амалӣ шудани ин мақсад муҳаррир бояд мисли шоир масир ё тариқи эҷоду офарандагиро тай намояд, хосияту моҳияти таъсири асарро бар хонанда идрок созад.

Таҳлил ё арзёбии асар дар навбати худ қонунияту пайдарҳамӣ, идомати хос дорад. Яъне ҷараёни кор бояд зина ба зина анҷом бигирад. Ба навиштаи В. М. Жирмунский, «…адиб ё ҳунарманд дар асари хеш метавонад аз пайванду идомати хоси риёзӣ истифода кунад, ки дарку дарёфти ишорат ба он дар кори пажӯҳишу муҳаррирӣ ниҳоят судманд аст» [Жирмунский: 1981, 44].

Таҳрир ё таҳлили осори бадеӣ монанди ҳар амалу амри дигаре мабдаъ ё нуқтаи оғоз дорад. Чунин нукта барои асари бадеӣ шинохту маърифати андеша ё идеяи асари бадеӣ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқон, донистану дарёфтани мақсад ё ҳадафи бадеӣ ба осонӣ ба даст намеояд. Ҳар як адиб ҳангоми офариниши асар саъю талош менамояд, ки бо асбобу абзори бадеияш, бо маҷмуи калимаву вожагон, воситаҳои тасвири бадеӣ эҳсосоту андешаҳои хешро ба дигарон бигузаронад. Таъсири ин эҳсосот ба гунае бошад, ки хонандагон онро ҳамчун молу сарват дарди худӣ қабул кунанд.

Мақсад ё ҳадафи шоиру адиб, маъмулан, дар маҷмуи бандубасти асар, дар образҳои бадеӣ ифода меёбад. Пайдоишу зуҳури як ҳадаф ё идеяи муҳим барои ҳунарманд имкон дорад дар симо ё образи алоҳидаи адабӣ сурат бигирад. Бо назардошти он ки ин ҳадаф заминаи ҳаётиву ахлоқӣ дорад, ба ҷаҳонбиниву ҷаҳоннигарии адиб мутобиқат дорад, дар навбати худ сабаби зуҳури дигар унсурҳо мисли мавзуъ, жанр, сюжет ва дигар пояҳои асар мегардад. Дарёфту дарки умқу паҳнои андешаи адиб кори заҳматталаб аст, вале вазифаи ҷонии

муҳаррир аст, ки сарриштаи онро дарёбад. Ба қавли дигар, агар андеша дар фаъолияти эҷоди нуқтаи ниҳоӣ бошад, шинохт барои муҳаррир нуқтаи оғоз маҳсуб мегардад. Агар асар ё матни бадеиро як низоми комилу анҷомёфта ҳисоб кунем, пас, муҳаррир касест, ки дар дохили ин низом як баргашт ё ҳаракати баръаксро дар қиёс бо самти тайнамудаи муаллиф анҷом медиҳад.

Қадами дигаре, ки роҳи дарку шинохти мақсад ё андешаи муаллиф аз ҷониби муҳаррир бардошта мешавад, арзёбӣ ё дарки мубрамияти андешаи муаллиф аст. Бояд таъйин карда шавад, ки оё мақсади муаллиф барои ҷомеаи имрӯз муҳиму ҳаётӣ аст ё баёни бадеиаш ҷавобгуйи талабот аст ё не. Агар посух манфист, пас муҳаррирро лозим аст, ки барои беҳбудию пешрафт ба муаллиф ёрӣ расонад.

Камолу пухтагӣ, самаранокии кори муҳаррирӣ, аз ҷониби дигар, ба самту ҷиҳатҳо, тариқу шеваи фаъолияти муҳаррир вобаста аст. Барои мисол, агар муҳаррир танҳо саргарму тобеи муаллиф бошад ва ба унсурҳои дигари он диққат накунад, ва ё вазифаҳоеро, ки нависанда дар назди худ доштааст, мавриди таҳлил қарор надиҳад, он гоҳ нашри асар мувофиқи табъу самарабахш нахоҳад шуд. Бо мақсади он ки таъсири ҳиссии асар корсоз бошад, бояд тамоми усулҳои асар ба манфиати мақсад ё идеяи он равона карда шавад.

Бояд хотирнишон намуд, ки таҳлилу арзёбии ҷузъҳои алоҳидаи осори бадеӣ аз қабили мавзуъҳо, сюжетҳо, гуфтугӯйи персонажҳо низ барои анҷоми фаъолияти муҳаррирӣ ниҳоят арзишманд аст. Дар ин замина дар навбати аввал бояд сохтори асар ва вижагиҳои он шинохта шавад, ҳусну қубҳи ҳар яки онҳо муайян гардад, мутобиқати онҳо бо ҳадафи муаллиф аниқ шавад, то ин ки дар пайванд бо ҳамаи он камбудию норасоиҳои асар рафъ гардад.

Пештар қайд намудем, ки кори муҳаррирӣ аз ҷониби муҳаррир дар заминаҳои мухталиф, ки ҳамагӣ бо ҳам алоқаи зич доранд, сурат мегирад. Танҳо муҳим он аст, ки пайдарҳамии силсилавор риоя шавад. Барои як асари бадеӣ рукни асосӣ, ки тамоми ҷузъиёти онро фаро мегирад, сюжети он мебошад. Сюжети асар яке аз воситаҳои муҳимтарини амалисозии муҳтавои асар мебошад, ба андешаву афкори муаллиф умумият, ҷомеият мебахшад.

Тавре ки маълум аст, он тавассути инъикоси каломи персонажҳои тахаюлӣ шаклу бандубаст пайдо мекунад.

Маҳз ба хотири ҳамин яке аз унсурҳои арзишманди кори муҳаррирӣ шинохту арзёбии қаҳрамони лаҳзавӣ ё персонажҳои асар аст.

Мавҷуд будани персонажҳои барҷаста, хотирмон, хушсохту хушсалиқа, ки бо шарофати онҳо сюжет фароҳам меояд, боиси комёбӣ ва муваффақияти асари бадеӣ назди хонандагон мегардад. Зимни таҳрир мубрамтарин вазифаи муҳаррир донистани аҳамияту мавқеи ҳар як персонаж ба таври алоҳида дар сатҳи умумии асар аст. Ба ин маънӣ, ки бояд маълум гардад, ки оё ҷаҳони персонажҳо ба гунаи лозим кушода шудааст ё не? Ҳангоме ки нависанда образеро меофарад, таваҷҷуҳи ӯ рӯйи пайванди дохилии воқеаву рӯйдодҳо, вазъияту характерҳо нақши муҳим дорад. Маъмулан, хонандагон қаҳрамонон ё персонажҳои асарро ҳамчун шахсони воқеӣ медонанд ва гоҳо худро ба ҷойи онҳо тасаввур менамоянд. Хонанда барои дарёфти ҳадаф ё мақсади ниҳоии нависанда нахуст бояд муносибати ӯро ба рӯйдодҳои мавҷуд дар асар ва қаҳрамонҳои алоҳида дарк намояд. Барои ҳамин муҳаррирро лозим аст, бидонад, ки на ҳама персонажҳо ё қаҳрамонҳои жанр дар расондани мақсад ё ҳадафи нависанда самарабахшанд.

Маҳорату малака, истеъдоди муҳаррир ҳам дар ҳамин нукта хулоса мешавад, ки то кадом андоза қодир аст, то қаҳрамонони асарро аз дуюмдараҷа, лаҳзавӣ ҷудо кунад. Дар асари бадеӣ рафтору кирдори қаҳрамонҳо бояд тавре ба риштаи тасвир кашида шавад, ки ҷараёни ривоят ё сюжет мантиқи устувор пайдо кунад. Замоне ки чунин мантиқ ҳосил мешавад, сарнавишту ҳаёти қаҳрамонон диққатҷалбкунанда мешавад ва ба хонандагон таъсиргузор мегардад. Дар ин миён нақши дасту маърифати муҳаррир ниҳоят зарурист. Тавре ки зикр шуд, сюжет васила ё тариқи асосиест, ки воқеаву рӯйдодҳои тасвиршуда дар асарро ба ҳаракат медарорад. Вазифаи муҳаррир дар ин бахш, пеш аз ҳама, таҳлилу арзёбии алоқаи байниҳамдигарии ҳодисаҳо бо симоҳо, қаҳрамонҳои асар ва муайянсозии нақши рӯйдодҳо дар кушода шудани ҷаҳони қаҳрамонҳо, характери онҳо мебошад.

Зиндагии инсонӣ, тавре ки маълум аст, аз муносибатҳои амиқи байниҳамдигарӣ, саҳнаҳо, вазъиятҳо, масъалаҳои печидае, ки ҳамеша инсонро ҳамроҳ аст иборат мебошад. Ин муносибатҳои ҳамешагӣ дар гузашта, имрӯз ва оянда ҷой доранд ва тасвири ҷузъиёти онҳо дар асари бадеӣ ҳатмист. Зимни таҳрир ба ин гӯшаҳои ҳаёти инсонӣ, алоқаву пайванди миёни онҳо таваҷҷуҳ намудани муҳаррир аз фоида холӣ нахоҳад буд. Зимни кор бо асари бадеӣ муҳаррир бояд дар аввал дарёбад, ки ҷараёни сюжетҳо то чӣ андоза дар шинохту бозкушоии характеру сиришти қаҳрамонҳо корсозанд ва гузашта аз ин рӯйдодҳо, саҳнаҳо ба моҳияту асли сиришти қаҳрамонҳо то кадом андоза алоқаманданд. Яке аз арзишмандтарин талаботи бадеият дар асари бадеӣ эҷоди эътимоду боварӣ нисбат ба саҳнаҳои тасвиршаванда, рафтору кирдори қаҳрамонҳост.

Ҷараёни ҳикояти мавзуъ дар асар аз ҷониби нависанда маъмулан озодона сурат мегирад, вале ривояти ӯ бояд ба шакле бошад, ки дар ниҳоди хонанда боварӣ, эътимод эҷод кунад. Муҳаррир бояд дар ёд дошта бошад, ки тасаввуру дарки хонанда дар шинохти шахсият, симои қаҳрамон дар тӯли хати асар раванди камолу пухтагиро тай мекунад. Яъне гузаштан аз як саҳна ба саҳнаи дигар, аз як вазъият ба вазъияти дигар бояд образро, қаҳрамонро пуртаҷриба, кордида комил намояд, ба характеру сиришти ӯ ҷанбаҳои тоза илова шавад.

Агар барои сюжети асар сифатҳои хос ҷудо шавад, бешубҳа, яке аз сифатҳояш камолот ё пухтагии он аст. Сюжет доимо ваҳдат, ягонагии асарро фароҳам месозад. Дар ин миён нуктаи дигар бозшиносии ҷузъиёт аст.

Ба андешаи аксари муҳаққиқон, дар ҳар як асари бадеӣ ҷузъиёти таҷассумӣ ё муҷассамкунанда мавқеи хосе дорад, зеро ба туфайли ҳамин ҷузъиёт қаҳрамонони асар таъсиргузор, хотирнишин мегарданд. Бо ҳузуру вуҷуди ин ҷузъиёт, ки асосу бунёди характеру сиришти қаҳрамонҳо, вазъияту рӯйдодҳоро ташкил медиҳанд, хонанда ба умқи андешаву идеяи нависанда мерасад. Як ҷузъ бо сари худ имкон дорад, бозгӯкунандаи раванди умумии асар бошад. Маҳорату истеъдоди ҳар як муҳаррир замоне зоҳир мешавад, ки тамоми

ҷузъиётро бубинад, ҳис кунад ва аз миёни онҳо ба ин натиҷа расад, ки оё нависанда дар истифода аз онҳо муваффақ гардидааст ё не.

Дар иртибот бо ин мавзуъ зикр кардан лозим аст, ки ҷузъиёт бояд аз тафсир ё тафсил ҷудо бошад. Миёни онҳо фосила лозим аст. Албатта, дар нақлу ривояти бадеӣ ҳар ду лозиманд, вале ҷойи истифодаи ҳар яке ҷудогона аст.

Тафсиру тавсифҳои зарурӣ, ки аз ҷузъҳо гирифта шудаанд, симои қаҳрамонҳоро пеши назари хонанда ҷилвагар месозанд, садоҳоро шуниданӣ менамоянд. Вале бар хилофи ин, ҷузъиёти бадеӣ дорои андешаи умумиятдодашуда ва ҷомеъ аст. Он бо бандубасти матни адабӣ алоқаманд буда, ба зеҳну тасаввури хонанда нуфуз мекунад ва моҳияти дохилии ҳодисаву падидаҳо ва қаҳрамонҳоро боз мекушояд. Гоҳе як ҷузъиёт, ки комилу бамавқеъ меафтад, дар асар бо сабаби расонидани ҳадаф такрор мешавад ва дар чеҳраофаринӣ нақши муҳимро мебозад. Вақте ки як ҷузъ, як тасвир ба ҳадди комил мерасад, ҳамоҳангии лозимиро миёни ҷузъҳои асар эҷод менамояд.

Муҳаррир зимни таҳлили ҷузъиёти ҳар як асари бадеӣ аз рӯйи меъёрҳои хос амал менамояд, ки муҳимтарини онҳо, таҳқиқи аслияти тасвиру бозтобдиҳандагӣ дар пешниҳоду нишон додани падидаву воқеаҳои айнист. Маҳак ё меъёри баъдӣ метавонад дақиқ будани андешаву мақсади муаллиф ва қувваи таъсиргузории он ба эҳсосу руҳи хонанда бошад.

Дар баробари ин, муҳаррир бояд ба вусъати тасвирҳо диққати махсус диҳад, зеро гоҳо муаллифи асар ба хотири мушаххас намудани ҷузъиёт ва ифоданок сохтани асари хеш пайванду иртиботи онро бо андешаи аслӣ фаромӯш мекунад ва хонандаро низ ба раҳгумӣ мебарад.

Ҳангоми кор бо дастнавис муҳаррир бояд тамоми ҷузъиётро дар маҷмуъ бо дигар бахшҳои асар ва дар пайванд бо мақсаду андешаи асар мавриди баррасӣ қарор диҳад.

## 1.5. Хусусиятҳои таҳрири жанрҳои адабӣ

Тавре ки дар қисматҳои болоӣ зикр намудем, пеша ё кори муҳаррирӣ доманадор мебошад ва ҳангоме ки сухан аз таҳрири адабӣ дар миён аст, амри таҳрир дар доираи осори манзуму мансур дар назар дошта мешавад.

Аслан, хосияти осори бадеӣ иборат аз он аст, ки ҳодисаву рӯйдодҳо ва санаҳои марбут ба онҳоро дар домани се навъи адабӣ, ҳамосӣ, лирикӣ ва драмавӣ ба хонандагон пешниҳод менамояд. Ин навъҳо дар навбати худ шаклҳои хоси тасвиру инъикосгариро доро мебошанд. Дар осори ҳамосӣ такяи асосӣ ба ривояту ҳикоят намудан аст. Дар осори лирикӣ бошад, муаллиф саъю талош меварзад, то эҳсосоту нигарониҳо, изтироби инсонро ба намоиш бигузорад. Баёни ҳолату саҳнаҳои зиндагӣ ба воситаи гуфтугӯву муколамаҳо хоси таълифоти драмавӣ мебошад.

Ин ҷинсҳои адабӣ дар навбати худ дорои жанрҳои хос мебошанд. Масалан, роман, повест, ҳикоя, новелла, очерк мутааллиқ ба жанрҳои ҳамосӣ мебошанд. Шеъру достонҳо аз жанрҳои лирикианд. Драма, фоҷиа, мазҳака ва ғ. жанрҳои драмавӣ маҳсуб мешаванд. Ногуфта намонад, ки жанрҳои мазкур дар тӯли таърихи адабиёт шебу фарози зиёде доштанд ва гоҳо миёни онҳо фарқи муайян гузоштан низ кори мушкил аст. Вале муҳим аз ҳама ҳангоми таҳрир шинохтани жанр аст. Офаридани асар дар ин ё он жанр дорои шеваву асбобу абзори хос аст, ки тавассути онҳо нависанда андеша ё идеяи аслии худро амалӣ менамояд. Ҷузъиёти ҷаҳони қаҳрамонони худро ба риштаи тасвир мекашад. Маҳз ба хотири ҳамин ҳангоми таҳрир шинохту маърифати жанри адабӣ ва нишонаҳои барҷастаи он ниҳоят муҳим аст. Меъёрҳои умумии арзёбӣ ва тарзҳои таҳлили муҳаррир ба жанри адабӣ вобаста аст.

**Таҳрири осори ҳамосӣ.** Миёни осори ҳамосӣ жанри роман яке аз жанрҳои калонҳаҷми адабӣ ба шумор меравад ва дар навбати худ вазифаи ниҳоят душвореро дар назди муҳаррир мегузорад. Дар сохтмон ва бандубасти роман сюжет, ҷараёни рӯйдодҳо, ки дар тӯли замони тӯлонӣ сурат мегиранд, нақши чашмгир доранд. Дар аксари романҳо на танҳо зиндагии шахсони

алоҳида, балки ҳаёту фаъолияти наслҳои том инъикос мегарданд. Қаҳрамонон ё персонажҳои роман нисбат ба дигар жанрҳои ҳамосӣ аз нигоҳи мазкур қобили мулоҳизаанд. Гузашта аз ин, ҳаҷму зарфияти роман бисёре аз ҷанбаҳои сифатии онро муайян месозад, ки муҳаррир бояд онҳоро дар назар дошта бошад. Нақши ҳамосӣ-адабӣ шароитеро фароҳам меоварад, то муносибати васеи мардуму ҷомеа, сарнавишти инсонҳо дар ҳошияи рӯйдодҳои бузурги таърихӣ нишон дода шавад. Нависанда дар офариниши роман дар истифодаи намудҳои гуногуни тасвири рӯйдодҳо озод аст.

Вазифаи муҳимтарини муҳаррир дарёфти ин нукта аст, ки оё тамоми унсурҳои роман дар хидмати андеша ё ҳадафи он қарор доранд ё не. Дар ин замина, қабл аз ҳама, сюжети роман қобили таваҷҷуҳ аст. Муҳаррир бояд таъин намояд, ки оё сюжети роман комилу пурра аст, аввалу охираш бо ҳам мутобиқат дорад, оё ҷанбаҳои мутазод, бархӯрди андешаҳо мавҷуданд ё не.

Яке аз хусусиятҳои муҳими сюжети асар ягонагии ҳикоят ё ривоят аст. Ба ин маънӣ, ки нақл ё ривояти асар аз номи кӣ сурат мегирад ва лаҳну бардоштҳои ҳиссӣ-эмотсионалии он чӣ гуна аст? Ташкилсозии дарки комили рӯйдодҳо ҳам яке аз ҷузъиёти ягонагӣ ё ваҳдати ривоят аст, ки такя ба ҳамаи ин ҷузъиёт имкон медиҳад, дурустии ҷараёни кори муҳаррирӣ ошкор гардад. Тавре ки маълум аст, жанри роман дар адабиётшиносии муосир ба навъҳои гуногун аз қабили романи иҷтимоӣ, таърихӣ, ишқӣ – романтикӣ, детективӣ, психологӣ, фалсафӣ, фантастикӣ ва ғайра ҷудо мешавад. Ҳар яке аз ин намудҳо шеваву тарзи хоси баёни сюжет ва ҷараёни табиии рӯйдодҳоро доро мебошад. Ба ҷуз инҳо бояд хотиррасон намуд, ки осоре, ки бар пояи расму суннатҳои гуногуни адабӣ ва шеваҳову усулҳои хоси тасвир навишта шудаанд, бархӯрди муносибу зарурӣро талаб менамоянд.

Роман бо доштани муҳтаво ва масъалаҳои доманадору васеи худ аз муҳаррир талаб менамояд, ки дар атрофи ҳар яке аз ҷузъҳои он аз қабили замони он, мавҷудияти саҳнаҳои пураҳамияти иҷтимоӣ, сарнавишти инсонҳо ва иртиботи он бо таъриху зиндагии иҷтимоӣ, гуногунрангии мавзуъҳои тасвиршаванда андешаи чуқур намояд. Вуҷуди ин унсурҳоро дар пайкари

роман эҳсос кунад, ё костагии онҳоро дарк намояд. Дарвоқеъ, унсурҳои мазкур бояд барои комилсозиву пухтагии асар хидмат намоянд.

Муҳаррир ҳамчунин ин малакаро дошта бошад, ки ҷаҳонбинии васеъ ва густурдаи нависандаро дар иртибот ба ҳастӣ аз бинишу нигариши сатҳӣ, бархурди сарсарӣ дар тавсифи рӯйдодҳо, пургӯйӣ фарқ кунад.

Гоҳо чунин мешавад, ки муаллиф ба ҷойи интихоби нуқоти муҳим ва тасвирҳои муъҷаз ба тасвири ҷузъиёти зиёди дилгиркунанда машғул мешавад. Ба таври умумӣ интихобу дарёфти мавзуъ ва мавод барои эҷоди ҳар як жанр ҳам барои нависанда ва ҳам барои муҳаррир нуктаи муҳиму арзишманд ҳисоб мешавад. Ҳаҷму андозаи роман имкон медиҳад, ҷанбаи доманадори ривоятии асар нерӯманд гардад, вале дурустӣ ё нодурустии ин тарзи кори муаллиф бояд аз тарафи муҳаррир дақиқ шавад. Фишурдагии калом, ифоданокӣ, дақиқияти баён, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, интихоби онҳо барои навиштани ҳам роман ва дигар жанрҳо ниҳоят муҳим ба назар мерасад. Мутамарказ сохтан ё омезиш додани имконоти бадеии дигар жанрҳои адабӣ дар чаҳорчӯбаи худ хусусияти дигари роман ба шумор меравад. Роман ҳам монанди муаллиф дар истифодаи онҳо озод аст.

Жанри лирикӣ ё ғиноӣ бозтобдиҳандаи эҳсосоти муаллиф нисбат ба ҳодисаҳои тасвиршаванда аст. Дар роман ҳаводису рӯйдодҳои гуногун, тақдири инсонҳо, унсурҳои гуногун бо ҳам омезиш пайдо кунанд. Маҳз ба хотири ин ҳам дар роман ёфтану ҷобаҷогузории бандубасти хоси ривоятӣ, сюжети муносиб ниҳоят муҳим аст.

Марҳилаи таҳрири сюжет ва бандубаст, устухонбандии асар барои муҳаррир давраи ниҳоят масъулиятнок ҳисоб мешавад. Вазифаи ӯ дар ин маврид аз он иборат аст, ки дурустии инъикоси лаҳзаҳои бадеӣ, моҳияти сиришти каҳрамонро муайян намояд.

Ба ибораи дигар, муҳаррир бояд вуҷуди асарро дар шакли комилу ниҳоияш эҳсосу дарк намояд. Зимни бозхониву тааммул дар атрофи он қайду эродҳои хешро дар бораи сохтори асар, муколамаҳо, унвону лаҳзаҳои асар баён намояд.

Ҳангоми бозхониву арзёбии сюжети асар ва дарки мутобиқати он бо идеяи он сифату мавқеъи ҳар як саҳнаву манзара мадди назар бошад.

Дар ин миён муҳаррирро зарур аст, ки барои пешрафту самаранокии кораш нақшаи ҷудогонаи асарро барои худ тартиб диҳад. Нақшае, ки фарогири бахшҳои асосии ҷараёни камолу пухтагии сюжети асар бошад. Аҳамияти чунин амал боиси мутамарказ шудани ҷанбаҳои аслии сюжет, дур шудан аз мавзуъҳои дуюмдараҷа мегардад.

Ба ибораи дигар, муҳаррир бояд барои тасвири роҳу ҷодаи ҳаракати қаҳрамонони асараш як ҷадвали замонӣ тартиб диҳад. Яъне, инъикосаш ҷадвалӣ – намудорӣ бошад. Баёни ҷадвалӣ имкон медиҳад, ки тамоми давраҳои амалу рафтор, ҷараёни рӯйдодҳои асар зери назари муҳаррир бошад. Дар ин қисмат ҷойи таъкид аст, ки тарзи бархурду муносибат миёни муаллифу муҳаррир тафовут дорад. Ин ба он маънӣ аст, ки нависанда бар асоси ҳадаф ё нақшаи тартибдодаи хеш ба матни асар ворид мешавад, ба он сари кор мегирад, вале муҳаррир аз даруни матн ба сӯйи ҷадвали замонӣ ё нақшаи мавҷуд роҳ пеш мегирад. Чунин равише дар ошноӣ ва шинохти амиқи асар, дидани сохтору таркиби он ниҳоят судманд аст. Гузашта аз он, бо ин роҳ муҳаррир метавонад дарҳамсозии гӯшаҳои гуногуни онро бо ҷараёни умумии рӯйдодҳо муайян намояд. Ҷанбаҳо ва хатҳои сюжетро таҳлил кунад ва ҳамзамон аҳамияту арзи ҳар як лаҳза, саҳнаро муайян намояд.

Меъёри калидӣ ва ҳалкунанда барои муҳаррир зимни таҳлили осори бадеӣ ошкору муайян намудани ягонагӣ, иттиҳоду пайванди сюжет бо моҳияту сиришт, характери қаҳрамонҳо мебошад. Дар ин миён саҳнаҳову лаҳзаҳое, ки ба характери қаҳрамонҳо, рафтору кирдори онҳо алоқаманд нестанд ва бар замми ин ба инкишофу пешрафти сюжет ёрирасон нестанд, бояд ошкор карда шаванд. Тасвиру бозтоби амалу кирдори қаҳрамонҳо бояд ба гунае бошад, ки хонанда битавонад, ба онҳо унсу алоқа пайдо намояд, онҳоро дӯст дорад. Дар сурати камбудии ин унсурҳо асар наметавонад, мавқеи таъсиргузори худро пайдо намояд. Ин гӯшаи кори муҳаррир аст ва бояд аз чашми ӯ пинҳон намонад.

Асарҳои калонҳаҷми ҳамосӣ мисли роман инъикоскунандаи мантиқи муносибатҳои муштараки қаҳрамонони асар, рафтору кирдор ва масъалаҳое мебошад, ки ниҳоят муҳим аст. Маҳз ба ҳамин хотир муҳаррир бояд ба ҷараёни сюжети роман диққати махсус диҳад, то ин муносибат дар сюжет инъикоси худро пайдо намоянд. Таваҷҷуҳи муҳаррир танҳо ба образҳои алоҳида равона нашуда, балки маҷмуи тамоми образҳои мавҷудаи асарро фаро гирад ва ҳамкории дуҷонибаи онҳо мавриди назар бошад.

Албатта, ҳамзамон таҳти назорат қарор додани тамоми қаҳрамонону персонажҳо ва арзёбии ҳар яке аз онҳо ба таври алоҳида кори содае нест. Қаҳрамонони як асар маъмулан бояд дар вақти зарурӣ зоҳир гарданд, вазъияти хоси равонӣ дошта бошанд. Вижагиҳои ботину сиришти қаҳрамонҳо бояд дар ҳамкории мутақобила бо дигар қаҳрамонҳо зоҳир гардад. Вазифаи ниҳоят мушкили дигаре, ки дар таҳрири роман барои ҳар як муҳаррир пеш меояд, ин арзёбии ҷаҳони зоҳиру ботини қаҳрамони асосӣ ба шумор меравад. Гап дар сари ин аст, ки қаҳрамони асосӣ тадриҷан дар тамоми тӯли асар саҳифа ба саҳифа, дар вазъиятҳои гуногун бо ҳолатҳои равонии мухталиф чеҳраи худро боз мекунад. Саҳнаи зиндагии ӯ мисли ҳастии мо, инсонҳо, наметавонад якранг бошад, бо ин мақсад муҳаррирро лозим аст, ки ҷузъҳои таркибӣ ва асосии образи ӯро ваҳдату ягонагӣ бахшад. Муҳаррир ҳам мисли нависанда вазифадор аст, шарҳи ҳол, рафтору кирдори қаҳрамони асосиро ба таври амиқ биёмӯзад. Дақиқ шудан дар шинохти зиндагии қаҳрамонони асосӣ боиси он мегардад, ки ҳусну қубҳи асар, камбудиву норасоиҳои муаллиф дар шарҳу баёни образи қаҳрамон маълум гардад. Набояд фаромӯш намуд, ки вазифаи муҳаррир танҳо ошкорсозӣ ва бозгӯйии камбудиву норасоиҳо ва пешгирии роҳҳои рафъи онҳо аст. Ӯ ҳақ надорад дастуроту шеваҳои хоси худро ба муаллиф ба зӯрӣ бор кунад. Идея ва андешаи нависанда, шеваву тарзи эҷодии ӯ мавзуест, ки барои муҳаррир бояд қобили эҳтирому ҳимоят бошад. Ба таври умум кори муҳаррирӣ дар бахши роман замоне барору пешрафт дорад, ки муҳаррир умқу пешаи андешаву диди нависандаро пай мебарад ва хусусиятҳои умумии жанри эҷоди ӯро дарк менамояд.

Дар баробари таҳрири роман бояд аз хусусиятҳои кори муҳаррир зимни таҳрири повест ё қиссаҳо ном бурд. Лозим ба тазаккур аст, ки шабоҳату монандиҳо дар таҳрири ин жанрҳои ҳамосӣ зиёд аст. Чи хеле ки маълум аст, повест аз роман ҳаҷман хурд аст. Тафовути аслие, ки дар сохтори онҳо ба назар мерасад, ин аст, ки дар повест нақши асосиро ривояти тасвирӣ, замонӣ мебозад ва ровӣ низ бештар худи нависанда аст. Дар ин тарзи ривоят омили субъективӣ барҷаста аст ва муносибати нависанда ба ҷараёни ҳодисаҳои тасвиршаванда равшану ошкор аст. Аз ин сабаб муҳаррирро лозим аст, зимни таҳрири повесту қиссаҳо ба тарзи тавсифу баёни нависанда, эҳсосоту бадеият ва мантиқи каломаш таваҷҷуҳ намояд, зеро «муносибат ба матн, дараҷаи баҳо додан, услуби таҳлил гувоҳи онанд, ки адабиёти бадеӣ навъи санъат мебошад ва нависанда, шоир, драматург калима ва таркибҳоро чун воситаи ифодаҳои эстетикӣ ва ҳақиқати бадеӣ истифода мебаранд, яъне адибон воқеиятро ба воситаи образ бозгӯ менамоянд. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳои ба худ хоси адабиёти бадеӣ хусусиятҳои фаъолияти муҳаррири асари бадеиро муайян мекунад» [Кучаров: 1997, 26].

Дар адабиёти мансури ҳар қавму миллат ҳикоя аз нигоҳи теъдоди мавзуъ мавқеи назаррасеро ишғол менамояд. Ин дар ҳолест, ки жанри дӯстдошта ва маъмули бисёри нависандагони маъруф ба таври умум аз ҳикоя иборат аст. Барои муҳаррирони адабиёти бадеӣ ҳикоя як қаламравест, ки он ҷо ҳамеша кор ёфт мешавад. Усулан, ҳама навқаламон қадамҳои нахустини худро бо иншои ҳикоя шурӯъ намудаанд. Дар ҷомеаҳои фарҳангӣ ҳар рӯз дар матбуот, маҷаллаву рӯзномаҳо, маҷмуаҳои алоҳидаи намунаи ҳикояҳо ба чоп мерасанд.

Ҳикоя ҳарчанд жанри нисбатан хурди адабист, вале хеле печидаву мураккаб аст. Намунаҳои мавҷудаи ҳикояҳо гувоҳ бар он аст, ки ҳикоя имконоти фаровони таҷассумиву ифоданокӣ дорад. Бо истифода аз зарфиятҳои он метавон тамоми манзараву мазоҳири ҳастии моро инъикосу тасвир намуд. Яке аз талаботҳое, ки зимни навиштани ҳикоя иҷрояш аз тарафи нависанда ҳатмист, ба ҷанбаи кӯтоҳбаёнӣ, муъҷазгӯйии нависанда мебошад. Бояд дар чаҳорчӯби чанд саҳифа мазмуну мундариҷаи қобили қабул, сюжети дилчасп,

забону устухонбандии шоиста инъикос карда шавад. Расидан ба ин мақсад ҳам аз нависанда ва ҳам аз муҳаррир кору амали ҳамаҷониба ва амиқро талаб менамояд.

Ба ақидаи М. Горкий «Бояд назорат кардан, қиёс намуданро омӯхт, бояд заҳри куҳанро аз асали ноб ташхис дод. Бояд шеваю тарзҳои кори адабиро омӯхт. Танҳо тавассути фаро гирифтани ин равишҳо метавон ба маводи мавҷуда шаклу сурати комили бадеӣ дод» [Горький: 1968, 171].

Муҳаррир зимни анҷоми умури муҳаррирӣ дар таҳрири ҳикоя нахустин коре, ки ба субут мерасонад, таъйини мутобиқати шаклу мазмун аст. Вай дар сурате ба ин мақсад мерасад, ки ба ҷаҳони ҳикоя, унсурҳои созандаи он ҳамчун асари бадеӣ ошно бошад. Ба ибораи дигар, шинохти диду андешаи аслӣ дар ҳикоя аз ҷанбаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегардад.

Матлаби тозаро дар шакли муъҷаз, кӯтоҳ гуфтан яке аз талабҳои ҳикоя аст. Ҳикоя танҳо тавсифу тасвири оддиву маъмулӣ ё ҳубобии рӯйдодҳои зиндагӣ, ё наққошии табиии мазоҳири атроф нест. Ин ҷо истеъдоду ҳунари нависанда тавассути ҳодисаву воқеаҳо воқеияти зиндагиро, моҳияту сиришти масъалаҳои мавҷударо барои хонанда пешниҳод менамояд.

Яке аз тафовутҳои барҷастаи ҳикоя аз дигар жанрҳои калонҳаҷм дар он зоҳир мешавад, ки хатти ягонаи сюжет дорад ва муҳаррирро лозим нест, ки барои шинохти он нақшаи махсус тартиб диҳад. Вай метавонад, зимни бозхонии матн якбора мазмуни онро фаро бигирад. Вале ҷузъиёти он ба таври алоҳида мисли устухонбандӣ, бандубаст, сюжет, диққату омӯзиш ва таҳлили ҷудогонаву ҷиддиро тақозо менамояд.

Барои эҷоди як ҳикоя вобаста ба истеъдоду услуби нависанда шояд як рӯйдод ё як лаҳзаи барҷаста аз зиндагии қаҳрамон басанда бошад. Ё дар як ҳикоя татбиқу қиёси чанд лаҳза ё саҳнаҳои ҳаёти қаҳрамон ба сари худ битавонад, мундариҷа ё чорчӯбаи ҳикояро фароҳам биёварад. Ҳодиса ё рӯйдоде, ки дар ин ҳикоя мавриди тасвир қарор мегирад, аз нигоҳи вақту замон низ тӯли зиёде надорад. Гузашта аз ин, ҳикоя мисли роману повест персонажи зиёд надорад. Ҳикояро бо гуфтугӯву муколамаҳои персонажҳо пур намудан

боиси нохушоянду дилгиркунанда гаштани он мегардад. Тафсилу шарҳи баёни зиёду муфассал низ ҳусни ҳикояро мекоҳонад. Маҳз барои ҳамин вазифаи ҷонии муҳаррир ҳангоми таҳрири ҳикоя дарёфту ошкорсозии ин нуқсонҳо, костагиҳо ва пешниҳоди онҳо ба муаллифи асар ба мақсади рафъу ислоҳ мебошад.

Тавре ки қайд шуд, кӯтоҳбаёнӣ, сара гуфтану навиштан, хосияти ҳикоянависӣ боиси фурӯ рехтани ҷанбаҳои дигар мегардад. Масалан, ҷанбаи психологии қаҳрамонон, иртиботи миёни рӯйдодҳо аз байн меравад. Аз ин рӯ, вазифаи муҳаррир аст, ки дараҷа ва андозаи кӯтоҳбаёнии заруриро аз миёни мақсад муайян созад. Нопуррагии як бахш аз ҳикоя сабабгори халалдор гаштани қисми дигар мегардад. Аз ин рӯ, баёни кӯтоҳи бадеӣ бояд аслият дошта бошад, рӯйи асосу пояи ниёзмандиҳои ҳикоя устувор бошад.

Умуман, дар бандубасти ҳикоя нақши аслиро ҷузъиёт мебозад, ки зимни кори муҳаррирӣ ба он диққати махсус дода мешавад.

**Таҳрири осори драмавӣ.** Шояд миёни осори мансур офариниши осори драмавӣ заҳматталабтарин соҳа мансуб шавад, зеро дар иншои асарҳои драмавӣ нависанда ҳамаи воситаҳои тасвиргарӣ мисли тасвири манзараҳо, инъикоси зиндагии ботинии қаҳрамонҳо, тавсифи вазъияти мавҷуда истифода намекунад. Ягона такягоҳи ӯ муколама ва ҳаракат аст. Барои ҳар як нависанда ё драматург истеъдоду малака лозим аст, то унсурҳои корсозро мисли сюжет, рафтору кирдори қаҳрамон, талошу муборизаи қаҳрамононро дар асар нишон диҳад. Гӯё дар осори драмавӣ рӯйдоди ҳодисаҳо рангу ҷилваи тозаву зинда мегиранд, дар домани замони ҳозир тавассути ҳаракату амали қаҳрамонон аз зиндагии хеш дарак медиҳанд. Ҷараёни сюжет ба таври мустаҳкам сурат мегирад ва хонандаву тамошобин шоҳиди ба вуқӯъ пайвастани ҳодиса мегарданд. Аз ин рӯ, муҳаррир бояд зимни таҳрир аслияти ашёро фарқ кунад.

Кори муҳаррирӣ дар қисмати осори драмавӣ хусусиятҳои зиёде дорад, ки қобили омӯзишанд. Нахустин вижагии кори таҳрир дар драма аз он иборат аст, ки муаллиф дар дахолат ба амалиёти қаҳрамонҳо озодии мутлақ надорад. Зиндагӣ, рафтору кирдори қаҳрамонон танҳо бо матни суханрониҳои онон

ифода мегардад. Яъне тавсифи онҳо танҳо бо забони гуфтори онҳо анҷом мепазирад, рӯйдодҳо ба таври мустақим нишон дода мешаванд, дар бораи онҳо ривоят карда намешавад. Мантиқан саволе пайдо мешавад, ки як асари адабӣ дар кадом замина бояд арзёбӣ гардад? Нахуст бояд гуфт, ки ҳар як асари драмавӣ бояд дархури замон, муҳим ва дорои ҳаракату ҷунбиши хос бошад.

Дар бораи ҷузъиёти асарҳои драмавӣ муҳаққиқон андешаҳои судманде иброз намудаанд. Ба андешаи А. М. Горкий, «намоишнома драма, мазҳака мушкилтарин шакли адабиёт мебошанд, зеро намоишнома талаб мекунад, ки ҳар бозигараш (қаҳрамонаш) ба таври алоҳида зеҳнану айнан тавсиф шавад, бе кӯмаку бозгӯйии муаллиф. Дар роман ва повестҳо мардуми мавриди тавсиф қарор гирифта бо кӯмаки нависанда амал мекунанд. Нависанда доимо бо онҳост ба хонанда талқин мекунад, ки чӣ гуна онҳоро дарк созад. Ба ӯ розҳои пинҳони қаҳрамононро ошкор месозад. Бо тавсифи табиат ва фазои мавҷуд ҳамеша онҳоро зери лаҷоми аҳдофи худ қарор медиҳад…» [Горький: 1968, 95].

Нуктаи дигаре, ки зимни таҳрири осори драмавӣ аҳамияти муҳим дорад, забони каҳрамонони асарҳои драмавӣ мебошад. Равшан аст, ки яке аз унсурҳои фарққунанда миёни одамҳо низ ҳамин ҷанбаи забонӣ ё нутқи онҳо мебошад. Баъзе аз одамон дар суханронӣ, пургӯйӣ устухон надоранд. Бахши дигар бо андешаву таҳаммул сухан мегӯянд. Сухан кардану ҳарф задан, аз сӯйи дигар, бо руҳу табиати қаҳрамонон таъсир мерасонад. Ин аст, ки гурӯҳе ҳангоми гап задан чеҳраи шоду хурсанд доранд, баъзеҳо хашмгину қаҳролуданд. Ҳамаи ин ҳолатҳо хоҳ-нохоҳ ба лаҳни гуфтори қаҳрамонон сахт вобастагӣ дорад. Як нависанда, ё, аниқтараш, драматург бо истифода аз ин унсурҳо характерҳоро меофарад.

Ҳар як шахс тарзи хоси гуфтор, калимаву ибораҳои муайян дорад, ки инъикосгари дунёи ботинӣ ва хислату характери ӯ мебошад. Маҳз ба хотири ҳамин муҳаррир бояд саъю талош намояд, ки нутқу гуфтори қаҳрамонон боварибахш бошад, то ин ки асари ӯ аҳамияти бадеӣ касб кунанд.

Вазифаи драматург ҳангоми таълифи як намоишнома аз он иборат аст, ки маънӣ ва муҳтавои ҳар як калима ва ибора равшану фаҳмо бошад, то ин ки

қаҳрамонон пеши назари хонанда мисли як инсони воқеӣ зинда ҷилвагарӣ намоянд. Кори муҳаррирӣ набояд ба ислоҳи иштибоҳоти имлоӣ ва грамматикӣ хатм шавад. Бояд муҳаррир дақиққор бошад, то забони гуфтори қаҳрамонон аз вожаву таъбироти забонзадаву қолабӣ озод карда шавад, ҳолати табиии онҳо нигаҳдорӣ шавад.

Қобили қайд аст, ки ҷараёни таҳрири намоишномаҳо, пеш аз ҳама, ба гуногунии онҳо вобаста аст. Дар ин маврид, тавре ки маълум аст, жанрҳои мухталиф, драма, фоҷиа, мазҳака, намоишнома мавҷуданд, ки ҳар як хусусиятҳои ба худ хос доранд.

Ногуфта намонад, ки намоишномаҳо вижагиҳои хос доранд, ки муҳаррир ҳангоми кор бо дастнавис бояд ба онҳо диққат намояд. Гузашта аз ин, ҳунари драматургӣ ба саҳна ва бозтоби лаҳзаҳои саҳнавӣ сахт вобастагӣ дорад. Ҳангоми ба саҳна гузоштани намоишномаҳо забони асар, нутқи қаҳрамонҳо метавонад тағйир ёбад. Аз ин сабаб муҳаррирро лозим аст, ки ҷаҳони саҳна ва ҷузъиёти онро бидонад. Ба таври умум нақши муҳаррир дар омодасозӣ ва чопи намоишномаҳо ниҳоят чашмрас аст. Муҳаррир, махсусан, ба иртиботу пайванди миёни саҳнаҳо ё намоишномаҳо бояд таваҷҷуҳи хос дошта бошад. Зеро маҳз ҳамин пайванд аст, ки ба асар истеҳкому мустаҳкамӣ мебахшад.

Муҳаққиқ Э. Полоцкая дар ин маврид перомуни осори драматургии А. П. Чехов чунин менависад. «Чехов қабл аз ҳама наққоши зиндагӣ буд. Беҳуда бо оғози бобҳои нахустини осораш ӯ гӯё падидаҳоро аз ҳаракат боз медорад ва пеши назари хонанда саҳнаи маъмулии зиндагии рӯзмараи қаҳрамонони худро, аксар дар домани як рӯз боз менамояд. Танҳо баъд аз ин Чехов ба падидаҳо имкони боз шудану густариш ёфтанро фароҳам месозад. То дар ниҳоят битавонад хонандаро бо мушкили бузурги зиндагӣ рӯ ба рӯ созад, яъне чӣ гуна зиндагӣ кардаанд ва чӣ гуна бояд зист…» [Полоцкая: 1979: 191].

## 1.6. Таҳрир ва нашри осори бадеии классикон

Осори адабие, ки асолату барҷастагӣ доранд, дар тӯли замон ҳаргиз аҳамияту арзиши худро аз даст намедиҳанд. Гузашти замон наметавонад рӯйи онҳо асаргузор бошад. Баръакс, адабиёти асилу ҷовидонии ҳар давру замон дар маҷмуъ боиси ғановату боигарии фарҳангу ҳунар ва адабиёти ҷаҳонӣ мегардад. Шоҳкориҳои адабии ниёгон ва классикони ҷаҳон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи мардум будаву ҳастанд. Соле нест, ки теъдоди зиёде аз осори гузаштагон ба нашр нарасад. Яке аз вижагиҳои чопи осори классикон аз он иборат аст, ки нашри онҳо бе ширкати муаллиф сурат мегирад. Ин амр дар навбати худ маъсулияту ҷавобгарии бузургеро дар назди муҳаррир мегузорад. Барои теъдоду бозсозии матни осори классикӣ тадқиқоти вижаи матншиносӣ гузаронида мешавад, то матн дар ҳадди аксар ба матни аввалаи муаллиф баробарӣ дошта бошад.

Чопи осори классикон метавонад, бо ду тарз сурат бигирад: чопи комил ва нокомил. Чопи комили классикон фарогири асарҳои бадеӣ – адабӣ ва ҳатто дигар навиштаҷот, аз қабили номаҳо, мақолаҳо ва дигар матнҳо бошад. Чопҳои нокомил бошад, бахше аз эҷодиёти нависанда ё шоирро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки нашри нокомили осори нависандагону шоирон дар замони мо ривоҷи зиёд дорад. Масалан, мо дар китобфурӯшиҳо ба китобҳои мунтахабе мисли: Лоиқ «Сад ғазал», Саъдии Шерозӣ «Гулистон», Ҳофиз «500 ғазал» ва ғайра дучор мешавем.

Махсусан ҳангоми чопи мунтахаби осори гузаштагон муҳаррир бояд ба жанри китобҳои нашршаванда таваҷҷуҳи хоса дошта бошад. Масалан, чопи осоре, ки дар макону маҳалли муайяне навишта шудаанд. Масалан, чопи ашъори истамбулии А. Лоҳутӣ. Дар нашри як асари мунтахаб метавонад, жанрҳои мухталиф мавҷуд бошанд, ки муҳаррир дар ҷобаҷогузории онҳо нақши корсоз дорад. Аз сӯйи дигар, табъу нашри адабиёти бадеӣ бо назардошти ду ҷанба сурат мегирад. Яъне, осори бадеӣ метавонад, чопи оммавӣ дошта бошад, ё ин ки нашри илмиаш сурат бигирад. Аслан, барои мо истилоҳи илмӣ –

оммавӣ ошност. Бо мурури замон чунин шакли чопҳо маъруфияти зиёде пайдо намуданд. Мақсад аз чопи оммавии ин ё он асар рафъи эҳтиёҷоти оммавии хонандагон мебошад, ки бо ошноии содаву маъмулии осор хулоса мешавад, вале таваҷҷуҳи зиёди хонандагон, ошноии амиқ бо зиндагӣ ва осори ин ё он нависанда, шинохти вижагиҳои ҳунарии он талаб менамояд, то чопи илмӣ-оммавии асар сурат бигирад.

Вале, замоне ки манфиату масъулияти касбӣ, дарсу тадрис, таблиғу тарвиҷи адабиёти бадеӣ дар миён аст, чопи илмии осор пеш меояд.

Қобили зикр аст, ки тавсифу баёни умумӣ ё намунавии нашрҳои адабӣ – бадеӣ муайянкунандаи ҳадафу мароми нашри асаранд ва асоси барномаи муҳаррирро ташкил медиҳанд. Дар ин қисмат муносиб аст дар бораи ҳар як аз навъҳои табъу нашр шарҳи кӯтоҳе дода шавад.

Нахуст лозим аст аз нашри оммавии адабӣ-бадеӣ ном бурд, ки аслан, ба омма нигаронида шудааст ва ниёзи мардумро ба хондан рафъ месозад. Ҳангоми сурат гирифтани чопҳои оммавии осори адабӣ-бадеӣ муҳимтарин осори нависанда, ки баёнкунандаи моҳияту сиришти эҷодиёти вай мебошанд, интихоб мегарданд. Агар мероси нависанда фарогири бахшҳои гуногун, мисли номаҳо, ёддоштҳо, мақолаҳои публитсистӣ бошад, он гоҳ аз миёни онҳо танҳо осоре интихоб мегардад, ки барои хонандаи имрӯз аҳамиятноканд.

Чопи оммавии осори адабӣ-бадеӣ як бахши илмӣ-иттилоотӣ дорад, ки дорои муқаддима, хулоса, шарҳу тафсири луғат, маълумоти таърихӣ, адабӣ дар бораи чопҳои нахустини асар аст.

Ин бахши асар ба хонанда имконият медиҳад, то дар дарку шинохти ҷузъиёти асар, нукоти мушкилфаҳми он, равшан намудани ҳодисаву рӯйдодҳои тасвиршуда ёрӣ расонад.

Дар радифи чопи оммавии осори адабӣ-бадеӣ нашри илмӣ -оммавии осори нависандагон ривоҷ дорад, ки ба хотири рафъи ниёзмандиҳои хонандагони ихтисосманд, ки дар дарку ошноии эҷодиёти нависандагон таваҷҷуҳу диққати хоса доранд, сурат мегирад. Нашрҳои илмӣ-оммавӣ инъикосгари эҷодиёти нависанда, давраҳои алоҳидаи зиндагии ӯ, осори

чопнашудааш дар замони дар қайди ҳаёт будан ва ғ. мебошанд. Барои намуна метавон асари устод Садриддин Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»-ро ном бурд, ки чопи илмӣ-оммавии он соли 1954 сурат гирифт. Ба асари мазкур Е. Э. Бертелс муқаддимаи муфассале навиштааст, ки як навъ роҳнамое барои дохил шудан ба дунёи пуррозу рамзи Бедил аст. Устод Садриддин Айнӣ дар ин китоби худ, ки фарогири намунаҳои осори Бедил аст, зимнан шарҳу баёне ба баъзе аз таълифоти Бедил додааст. Қобили зикр аст, ки табъу нашри илмӣ-оммавӣ навъи хоси тартибу низоми худро дорад. Агар тавсифи кӯтоҳи ҳадафу мақсади чоп, хусусиятҳои барҷастаи он дар муқаддима акси худро пайдо намояд, маълумотҳои матншиносӣ ва натиҷаҳои он дар бахши шарҳу эзоҳот меояд. Чунин маълумот барои мутахассисону алоқамандон ниҳоят муҳим аст. Дар чопҳои илмӣ-оммавӣ, махсусан, шарҳу тавзеҳоти таърихӣ-адабӣ мавқеъи хоса дорад.

Аслан, чунин шарҳу тавзеҳот иборат аз мақолаҳои илмӣ-оммавие мебошанд, ки ба хонандагони ихтисосманд дар фаҳмиши хусусиятҳои бадеии эҷодиёти нависанда ва таърихи офариниши асар ёрӣ мерасонанд.

Бояд гуфт, ки дар солҳои охир дар ҷумҳурии мо чопи илмӣ -оммавии асарҳои зиёде сурат гирифт, ки бештарашон марбут ба осори нависандагони классик аст. Пас аз солҳои тӯлонӣ нахустин бор чопи комили «Намунаҳои адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ ба алифбои ниёгон ба чоп расид, ки дар зиндагии адабӣ-фарҳангии мо ҳодисаи нодир буд.

Яке аз навъҳои нашри китобҳо, ки саъю талош ва заҳмати фаровони кори муҳарририро талаб мекунад, чопи илмӣ-интиқодии осор мебошад. Чопи илмӣ-интиқодӣ замоне сурат мегирад, ки таҳқиқоти адабӣ, матншиносии мероси ин ё он нависанда дар ҳадди лозим сурат бигирад. Муҳаққиқоне, ки барои чопи илмӣ – танқидии осори нависандагон иқдом мекунанд, бояд барои анҷоми ин кор тамоми нусхаҳои мавҷуд ва дастрасро мавриди истифода қарор диҳанд. Матни асарро дар тамоми нусхаҳо бо ҳам қиёс намоянд. Чунин чопе аслан ба хотири корҳои таҳқиқӣ, баҳри мутахассисон сурат мегирад.

Тамоми тафовутҳо, фарқиятҳо, изофот дар повараќи матни аслӣ зикр карда мешавад. Маъмулан дар муқаддимаи осори мавриди назар тамоми ҳусну қубҳи чопҳои пешин, тӯли замонӣ, тартибдиҳандагон ва тозагиҳои чопи нав зикр мегардад.

Аслан, чопи илмии асари мавриди назар бояд шарҳу тавзеҳоти лозимаро оид ба сарчашмаҳои матн, давраҳои кори муаллиф аз болои матн, тағйироти ба матн вориднамударо доро бошад.

Муҳаққиқи тоҷик А. Кӯчаров дар мақолаи «Асосҳои ба чопи илмӣ тайёр кардани повести «Одина» андешаи ҷолиберо зикр намудааст, ки ба мавзуи мо иртиботи мустаҳкам дорад. Мавсуф менависад: «Матни илмии «Одина» бояд он роҳеро, ки нависанда дар ҷараёни эҷодии повест тай намудааст, ба хонандаи ихтисосманд нишон дода тавонад. Бинобар ин дар қисмати матнҳо дарҷ намудани боз як матни дигари асар, ки нисбат ба матни асосӣ фарқияти зиёдтаре дошта бошад, зарур аст» [Кучаров: 1997, 100].

**Нашри академии осори адабӣ.** Миёни дигар навъҳои нашри осор маъмултарин навъи табъ, осори адабӣ-бадеӣ маҳсуб мешавад. Нашри академӣ дар натиҷаи пажӯҳишу таҳқиқоти дуру дарози филологӣ ба амал меояд. Ҳадафи аслӣ аз нашри академӣ манзури хонандагон намудани мероси гаронсанги гузаштагон, шоирону нависандагони классик мебошад. Вуҷуди матни комили классикон имкон медиҳад, то рӯйи онҳо таҳқиқоти лозим сурат бигирад. Чунин чопҳои академӣ, пеш аз ҳама, ба муҳаққиқони адабиёт, матншиносон, китобшиносон, муҳаққиқони ҷавон равона карда мешавад. Дар чопи академии осори классикон шарҳу тавзеҳоти матншиносон нақши ниҳоят муҳимро мебозанд.

Дар ҷумҳурии мо дар тӯли замон чопи академии асарҳои зиёде аз классикон анҷом ёфтааст. Бояд гуфт, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини нашри академӣ ошкорсозии аслияти матни муаллиф аст. Ногуфта намонад, ки нақши муҳаррир дар танзиму мураттабсозии тасвиру мусавварахои осори бадеӣ ниҳоят калон аст.

Дар тӯли асрҳо расм шудааст, ки дар осори бадеӣ ва илмӣ ба мақсади пурқувват намудани мазмуну мундариҷаи онҳо аз унсурҳои дигари ёрирасон, мисли мусаввараҳо, нақшаву расмҳо истифода мешаванд. Тасвирҳоро метавон як навъ забони дигари китобҳои илмиву бадеӣ ҳисобид. Тасвирҳо, миниатюраҳо дар навбати худ иттилооту маълумоти дар асар мавҷудбударо ба тарзе тафсиру баён месозанд. Ҳунари тасвиргарӣ дар китобҳо як навъи мустақили ҳунари таҷассумӣ буда, муносибату бархурди хосеро тақозо мекунад. Осори адабӣ-бадеӣ шояд бе ширкати расму тасвирҳо ҳам ҳадафрас бошад, вале будани онҳо арзишу қиммати асарро боло мебарад. Дар осори адабӣ-бадеӣ тасвирҳо, миниатюраҳо метавонанд, нақшҳои гуногунро иҷро кунанд. Аз ҷумла, бо ёрии мусаввараҳо хонанда метавонад, ба таври комил матнро дарку фаҳм намояд, онро ба шеваи лозимӣ шарҳу эзоҳ диҳад. Гоҳо расму аксҳои ҷойгиршуда дар асар қодиранд, баёнкунадаи андешаи аслии нависанда бошанд. Наққошиҳои як асари бадеӣ дар шинохти симои қаҳрамони асар ниҳоят таъсиргузоранд.

Лозим ба ёдоварист, ки мусаввараҳо танҳо шаҳрдиҳандаву баёнсози матни асар набуда, ҳамзамон дар рушду камол ва тафсири андешаву мароми адибону нависандагон нақши назаррас доранд. Муҳимтарин хусусияти як тасвир ё наққошии китоб иборат аз он аст, ки он вобастаи матни адабӣ буда, нақлу ривояти муаллифро бо биниши хос комил месозад. Ҳар сурату ҳар тасвири китоб дар маъруфияту шӯҳрати китоб нақши бориз дорад. Набояд фаромӯш намуд, ки сифату тасвирҳо на танҳо ба рассом, балки ба муҳаррирон, коргарони матбаа вобаста аст.

Дар назари аввал шояд чунин натиҷа гирифт, ки мавҷудияти тасвиру мусаввараҳо барои як асари адабӣ-бадеӣ ҳеҷ зарурате надорад. Вале агар ба масъала чуқуртар назар андозем, маълумамон мешавад, ки доштани аксу тасвир, саҳнаҳои наққошишуда барои як асари бадеӣ ниҳоят зарур аст. Масалан, замоне ки мо девони Ҳофиз, Саъдӣ ё «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро ба даст мегирему ба тасвирҳои он чашм медӯзем, симои қаҳрамонони пешин мазҳари зиндагии онҳо, тарзи муоширату ахлоқи онҳо

пеши назарамон ҷилвагар мешавад. Аз тарафи дигар, расму наққошиҳои як асар дар фаҳму идроки мазмуну мундариҷа, ҳифзи нукоти асосии он ниҳоят судманд аст.

Масалан, дар романи «Вафо»-и Ф. Ниёзӣ дар саҳифаи аввал қабл аз оғози матни асар расми пайроҳаи пурпечутоб, мошинаи боркаш, ки болояш марди шинелпӯше нишастааст, бо сари худ метавонад инъикосгари бахше аз муҳтавои асар бошад. Нахуст муаллифи асар, ки созандаи матн аст, дуввум, наққош ё рассом, ки бояд сабку услуби нависандаро сарфаҳм равад, идрок намояд ва ниҳоят, шахси сеюм муҳаррир аст, ки масъулияти зиёдеро ба дӯш дорад. Сабку услуби муҳаррир бояд бо шеваву услуби асар мутобиқат дошта бошад. Зимни арзёбии тасвиру мусаввараҳо муҳаррир бояд таъин кунад, ки оё андешаву идеяҳои асосии нависанда дар аксу наққошиҳо баён шудаанд ё не. Шинохти хусусиятҳои фардии шеваи наққошу рассом бо сабку услуби нависанда вазифаи дигарест, ки муҳаррир бояд анҷом диҳад. Тасвиру мусавваҳо, аксу наққошиҳои як асар вобаста ба мавқеият ва мизони фарогирии муҳтавои асар метавонанд, ба навъҳои гуногун ҷудо шаванд. Бахше аз тасвирҳо, ки аз онҳо метавон ҳамчун тасвирҳои аввалин ном бурд, дар ибтидои матн меоянд ва алоқаи мустақим ба хати ривоят доранд. Чунин аксҳо ё расмҳои оғозгари матн, аслан, қабл аз қироати матн таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунанд, як ҳолати хоси андешабарангез дар ниҳоди ӯ эҷод менамоянд. Ҳамзамон бо тасвирҳои аввалин мо тасвирҳоеро медонем, ки дар поёни асар ба сифати матлаби хулосакунанда омадаанд ва ба мазмуну муҳтавои матн робитаи мустаҳкам доранд. Дар ин миён муҳаррир бояд назорат кунад, то матн бо расми дар охири он ҷойшуда, ҳамоҳангии маъноӣ дошта бошад.

Албатта, аксари китобҳо дар муқоваи хеш низ наққошӣ доранд, ки баёнгари муҳтавои асосии асар мебошанд.

Дар миёни навъҳои зиёди тасвиру мусавварaҳои як асар тасвирҳои равонӣ-психологӣ нақши босазо доранд. Дар асарҳои бадеӣ тасвиру расмҳои баёнкунанда ҳолатҳои равонии хеле зиёдро инъикос менамоянд. Аҳамияти ин тасвирҳо аз он иборат аст, ки ба ёрии онҳо хонанда метавонад, ба моҳияту

сиришт, ахлоқ, рафтору кирдори қаҳрамон ошно шавад. Гурӯҳи дигаре аз тасвирҳо мавҷуданд, ки андешаву идеяи нависандаро киноямез ба хонанда мерасонанд. Ин қисм наққошиҳо исми хоси афсонаҳову масалҳо, осори ҳамосӣ мебошад.

Он чи ки як тасвирро аз тасвири дигар ҷудо намуда, образи онро барҷаста месозад, ҷанбаи умумӣ, сюжет доштани онҳо аст.

Қобили қайд аст, ки зебу зиннат додани адабиёти бадеии классикӣ ниҳоят кори мушкил аст. Ҳадаф аз таъйини осори классикӣ дар шинохту дарки давра ё замони мавриди назар ва комилсозии мавзуи асар ба воситаи ҷузъиёти алоҳидаи таърихӣ ба хонанда иборат ёрӣ додан мебошад. Гоҳо истифода аз расму наққошиҳои рассомону наққошони ҳамаср ё ҳамзамони нависанда ниҳоят судманду муассир ба назар мерасад. Дар интихоби расму тасвирҳо завқу салиқаи муҳаррир ниҳоят муҳим аст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки асарҳое, ки аз нигоҳи мазмуну мундариҷа мутааллиқ ба замони имрӯзанд, шеваву услуби хоси тасвириро талаб менамоянд.

Адабиёти муосири мо фарогиру инъикоскунандаи соҳаҳои мухталифи зиндагианд ва омӯзишу шинохти амиқу дақиқи воқеияти зиндагӣ дар навбати худ ба муҳаррир дар арзёбии дурусту шоистаи тасвиру мусавварахои муносиб ба адабиёти бадеии мавриди назар ёрӣ мерасонад.

Равшан аст, ки ҳангоми мунташир намудани осори бадеӣ ороишу танзими бадеии онҳо нақши ҳалкунанда дорад. Ороишу танзими бадеии китобҳо дар замони ҳозира ҳамоҳангии тамоми унсурҳои ороишгариро талаб менамояд. Ин ҳамоҳангӣ дар андоза ва масофаи сафҳаҳо, сатрҳо ва дигар қисмҳо дучор мешавад.

Ороишу танзими бадеӣ ба таври мустақим ба кори муҳарриру муҳаррирӣ вобастагӣ дорад. Муҳаррири имрӯза бояд на танҳо донандаи касбу кори худ бошад, балки дорои завқу салиқаи хос, соҳибмаълумот, эҷодкор бошад, истеҳсолотро хуб бидонад, ба сабку услуби асари мавриди чоп ошно бошад, вижагиҳои фардии рассомону наққошонро бишносад. Муҳаррир бояд назорат намояд, ки китоб осонхону ҷолиб бошад. Аз муқова сар карда таваҷҷуҳи

хонандаро ба худ ҷалб намояд. Муҳаррир дар назар дошта бошад, ки маводи шарҳу баёнкунандаи наққошиҳои китоб бо вазифаҳо ва ҳадафҳои нависанда мутобиқату ҳамоҳангӣ дошта бошанд. Зимни ба чоп омода намудани як асари бадеӣ, махсусан ороишу танзими он, рассом бо муҳаррир ҳамкории мустаҳкам дошта бошад.

Дар радифи ин ҳамкорӣ муҳаррирро лозим аст, ки нақшаи хосе барои тасвирҳои лозиму зарурии китоб мураттаб созад. Лозим ба зикр аст, ки чунин нақша бахши муҳими ороиши бадеии китобро ташкил менамояд. Барои он ки чунин нақша омода гардад, омӯзишу бозхонии дақиқи асар лозим аст, то ин ки макону ҷойи тасвиргузорӣ дар асар муайян гардад. Муҳаррир бояд бо завқу малакаи кордонии хеш дар асар он қисматҳоеро бояд интихоб кунад, ки дар онҳо андешаву идеяи нависанда барҷаставу нерӯмандтар ифода ёфтааст, зеро бахшҳои баргузида бо тасвиру мусаввараҳо хубтару беҳтар метавонанд, симои воқеии қаҳрамононро муҷассам созанд. Лаҳну оҳанг, ҳолатҳои равонии қаҳрамононро инъикос намоянд. Дар асар теъдоди мусаввараҳо ҳам муҳим аст. Шумораи аксу расмҳо бошад, вобаста ба он аст, ки асар ба кӣ равона шудааст ё мухотаби асар кист. Пас аз муайян намудани миқдору ҷойи мусаввараву тасвирҳо бояд сохтмони умумии китоб таҳия шавад. Сохтмони муносиб дар навбати худ ба хонанда кӯмак менамояд, то хонанда матнро ба гунае шоиста шарҳу баён намояд. Вазифаи охирине, ки муҳаррир бояд дар рафти таҳия ва омодасозии китоб ба иҷрои он муваффақ шавад, ҳамоҳангии матн, тасвирҳо ва танзиму муайянсозӣ мебошад.

Дар хотимаи ин бахш лозим ба ёдоварист, ки имрӯз дар соҳаи таҳриру муҳаррирӣ дигаргуниҳои чашмрас ворид шудаанд, ки касро ба таамmулу андеша водор менамояд. Дар ин ҷо нахуст бояд аз иқтисоди бозоргонӣ ва муносибати бозорӣ ёдовар шуд, ки на танҳо таъсиррасони табъу нашр, балки кори муҳаррирӣ гаштааст. Имрӯз дар радифи нашриёҳои давлатӣ даҳҳо нашрияи хусусӣ пайдо шудаанд, ки дар амалияи кори муҳаррирӣ дигаргуниҳо ворид намудааст. Дар ҳоли ҳозир аксари нашриёҳои хусусӣ тамоми умури таҳририро ба зиммаи худи муаллиф гузоштаанд. Муаллиф бояд вазифаи

муҳаррир, мусаҳҳеҳро иҷро кунад. Барои асараш рассом пайдо намояд. Онро танзиму тадвин намояд ва дар шакли тайёру омода пешкаши нашриёт созад. Барои сифату арзиши китоб, камбудиву норасоиҳои ҷойдошта ҳеҷ касе ҷавобгӯ нест.

Мутаассифона, дар нашриёти давлатӣ ҳам ҳарчанд бо ном муҳарриру мусаҳҳеҳ, муҳаррири техникӣ, рассому ороишгари бадеӣ мавҷуд аст, вале ҷараёни кори муҳаррирӣ бо садоқату дилгармӣ сурат намегирад. Ин аст, ки аксар китобҳо бо иштибоҳу хатоҳои асршумор ба чоп мерасанд.

## 1.7. Аз таърихи таҳрири адабӣ

Доир ба таърихи пешаи муҳаррирӣ ва махсусан, таҳрири адабӣ санаи махсусеро таъйин кардан душвор аст. Вале як нукта дақиқ аст, ки таҳриру муҳаррирӣ ҳам дар радифи дигар соҳаҳои зиндагии маънавӣ ва фарҳангии башар дар натиҷаи эҳтиёҷу ниёзе ба зуҳур расидааст, ки мавқеъи асосиаш худи зиндагии башарӣ ва амалия мебошад. То ба имрӯз гуфтан мумкин аст, ки доир ба таърихи таҳриру таҳрири адабӣ дар кишвари мо асари таҳқиқии ҷудогонае таълиф нагардидааст. Вале муҳаққиқон дар маҷаллаву китобҳои хеш ишороте ба зуҳуру сайри такомули он намудаанд.

Таҳрир ва, махсусан, таҳрири адабӣ, дар ҳар кишваре вижагиҳои хоси худро дорад, ки баррасии онҳо масъалаи дигарест. Бо вуҷуди ин хусусиятҳо муҳаррирӣ дар ҳама кишварҳо асосҳои монанду мушобеҳи зиёде метавонад дошта бошад. Барқарорсозӣ, таҷдиди аслияти матнҳои адабӣ маъмултарин талаботи муҳаррирӣ маҳсуб мешавад, ки пас аз пайдоиши санъати чопгарӣ ба он аҳамияти хосе медоданд. Муҳаққиқони рус Иван Федоровро нахустин ношир мешуморанд, ки дар анҷоми умури муҳаррирӣ, аз қабили мураттабсозии низоми имлоӣ, навсозии вожагони матн, шарҳу тафсири бахшҳои номафҳуми китобҳои мазҳабӣ саъю талош намудааст.

Вале таҳрири адабӣ ба маънои ҳақиқӣ ё аслии он дар нимаи дуюми асри XIX вобаста ба пешрафти санъати китобчопкунӣ ва дигар маҳсулоти чопӣ арзи вуҷуд намудааст.

Тавре ки дар боло зикр намудем, дар Россия дар асрҳои пеш калимаи муҳаррир (редактор) марҳилаҳои шаклгирии маъноиро тай намудааст. Масалан, нахуст калимаи мазкур ба маънии «ношир», сипас ба маънии «роҳбар»-и матбуоти даврӣ фаҳмида мешуд. Ашхоси мазкур дар асл вазифаи муҳаррирро иҷро менамуданд.

Касби муҳаррирӣ ба маънои имрӯзаи он танҳо баъди Инқилоби Октябр ва вусъату густариши воситаҳои ахбори омма ва умури табъу нашр ба зуҳур расид. Ташаккулу пешрафти муҳаррирӣ ба фарогирӣ ва ошноии амиқи

таҷрибаи кории нависандагони классик ва муҳаррирони саршиноси замон вобастагӣ дошт.

Муҳаққиқон дар ин замина ба фаъолияти муҳарририи нависандагону шоирони номдори рус Пушкин, Некрасов, Салтиков-Шедрин, Лев Толстой ва махсусан Горкий таъкид варзидаанд.

Бояд арз дошт, ки кори муҳаррирӣ дар сарзамини мо низ таърихи қадима дорад. Вале замоне ки сухан аз таҳрир ва муҳаррирӣ дар миён меафтад, чанд мавзуи дигар ба зеҳн мерасад, ки зикрашон зарур аст. Барои тавсифи саҳифаҳои норавшани таърихи муҳаррирӣ нахуст аз матншиносӣ, шеваҳои китобат (хушнависӣ), анвои коғаз, зуҳури чопхонаҳо ёдовар шудан бамаврид аст. Мо дар бораи алоқаву пайванди муҳаррирӣ бо матншиносӣ дар боло матлабе баён намуда будем. Истеҳкому зарурати ин пайванд замони бознигарии ҷараёни таърихиу шаклгирии он боз ҳам равшантар мегардад, чунки ҳангоми омӯхтану барқарорсозии матн кори муҳаррирӣ оғоз меёбад.

Равшан аст, ки инсонҳо андешаву афкори хешро бар рӯйи маводи гуногун аз қабили пӯсти ҳайвонот, санг, пӯсти дарахт ва қоғазҳо менавиштанд. Худи бозёфтҳои хаттӣ, сангнавиштаҳо, ки хондану дарку шинохташон ниҳоят мушкил буд, аз таърихи қадими умури муҳаррирӣ шаҳодат медиҳад.

Муҳаққиқи тоҷик А. Кӯчаров дар асари худ ба ин масъала дахл намуда, хотирнишон месозад, ки «Дар миёни қавму миллатҳои сершумори ҷаҳон мисли тоҷикон халқиятҳое ҳастанд, ки бо осори фарҳангӣ ва адабии худ ифтихор доранд. Китобҳои мардумони форсизабон дар қадим дар пӯсти ҷонварон навишта мешуданд. Таърихнигор Ибни Балхӣ дар «Форснома» менависад: «Чун Зардушт биёмад, Виштасф ӯро ба ибтидо қабул накард ва баъд аз он ӯро қабул кард ва китоби Занд оварда буд, ҳама ҳикмат ва бар дувоздаҳ ҳазор пӯсти гови дабоғаткарда навишта буд ба зар» [Кучаров: 1997, 6].

Зикр намудем, ки хат ва анвои он низ дар тӯли таърихи муҳаррирӣ нақши корсозе доштааст. Маъмулан, дар имтидоди зиёди замон хати маъмули мо арабӣ будааст, ки анвои зиёде дорад. Нозукиҳои ин хат дар амри таҳриру муҳаррирӣ мушкилоти зиёдеро ба бор овардааст, ки баъдан ба он ишорат хоҳем

намуд. Дар рушду пешрафти муҳаррирӣ накши китобхонаҳо ҳам ниҳоят аҳамиятнок будааст.

Дар боло зикр шуд, ки дар атрофи таърихи таҳриру муҳаррирӣ ба таври алоҳида китоби комиле то ба ҳол ба нашр нарасида, танҳо андешаҳои пароканда дар пажуҳишҳои олимони тоҷик ба назар мерасад.

Вале хурсандиовар аст, ки нашри китоби А. Насриддинов «Матншиносии осори адабӣ» барои алоқамандони ин ришта маълумоти фаровонеро дода метавонад. Аслан, мавзуи ин пажӯҳиш баррасии матншиносӣ ва усулҳои бунёдии он аст, вале дар баробари тафсиру арзёбии ҳар бобе мо ба вуҷуди пешаи муҳаррирӣ, таҳриргарон, таҳрири адабӣ ва ҷузъиёти кори сангини онҳо ошно мешавем. Муаллифи мазкур зимни шарҳу тафсири маънои истилоҳӣ ва мавқеи матншиносӣ миёни дигар илмҳои адабиётшиносӣ таъкид менамояд, ки агар як матншинос қудрату тавони идроки маъно ва мафҳумҳои аслии китобро надошта бошад, наметавонад, асарро тасҳеҳу таҳрир намояд. Номбурда дар ҷойи дигар чунин менависад: «шинохти матни асар, ки марбут ба донистани муаллифи аслӣ, вақти таълиф, мақсади таълиф, таҳриру такмили такрории он, нусхаҳои мавҷудаи тағйирот дар асар, сабабҳои тағйирёбии нусхаҳои аслӣ, таъсири муҳити замон бар осори адабӣ ва чандин омилҳои дигар мебошад, таҳкурсии адабиётшиносӣ ва сухансанҷӣ мебошад. Ҳамон фаъолияти донишмандон ва хонандагон ба асолати матн вобаста аст» [Насриддинов: 2009, 13].

Воқеан, мардуми тоҷик аз зумраи миллатҳое мебошад, ки умри осори хаттии эшон таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Агар чунин аст, пас, таҳрири адабӣ, матншиносии мо низ таърихи дуру дарозеро пушти сар намудааст, зеро тамоми матнҳо ва адабиёти парокандаро ҷамъоварӣ намудан, нусхабардориву китобат кардан, тасҳеҳ намудан худ аз вуҷуди муҳаррирӣ дарак медиҳад. Дар китобҳои марбут ба матншиносӣ он ҷо, ки сухан аз осори муътабари пешин, мисли «Авасто», «Дарахти Асурик» ва шарҳу тафсири онҳо дар миён меафтад, бидуни шак, метавон натиҷа гирифт, ки сухан ба таҳрири адабӣ низ дахл дорад.

Пас аз қабули хати арабӣ дар тӯли беш аз се ҳазор сол осори хаттии адабиву илмӣ ба забони форсии тоҷикӣ дар сарзамини мо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, Ҳиндустону Покистон таълифу тадвин ва таҳриру нусхабардорӣ шудаанд, ки ин ҳама аз таърихи қадима доштани кори муҳарррирӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ба ақидаи А. Насриддинов, «ба кори нусхабардорию тасҳеҳи матн донишмандону шоирони маъруф амсоли Абӯҳафси Суғдӣ, Қатрони Табрезӣ, Асадӣ, Анварӣ, Саноӣ машғул шудаанд… Имрӯз дар китобхонаҳои маъруфи дунё китобҳои бо қалами Асадии Тусӣ, Анварӣ, Саноӣ қаламишуда маҳфузанд, ки барои мо, ворисон, бисёр азизанд» [Насриддинов: 2009,15].

Дар бахши умури муҳаррирӣ варивоҷи он нақши муншиёну котибон, нусханависон ниҳоят бузург аст. Тавре ки аз мероси гузаштагон бармеояд, ҳанӯз дар замони Ҳахоманишиён, Ашкониёну Сосониён котибону муншиёне фаъолият доштанд, ки номаҳои подшоҳонро китобату таҳрир менамуданд. Ногуфта намонад, ки маъруфтарин муншиён баромади эронӣ доштанд. Аз ҷумла Абдулҳамиди Котиб ва Абдуллоҳ Ибни Муқаффаъ, ки дар ривоҷу равнақи номанигорӣ, муҳаррирӣ хидматҳои зиёде намудаанд.

Собит шуда, ки нахустин марказҳои нусханависӣ дар дарбори халифа Ҳорунаррашиди Аббос таъсис ёфтаанд. Маҳз дар давраи ҳукмронии ӯ бузургтарин маркази китобдорӣ бо номи «Байтулҳикма» таъсис гардид. Ба навиштаи муҳаққиқи арҷманд Н. Зоҳидов, «Дар замони Ҳорунаррашид (779 – 780) дар Бағдод китобхонае бо номи «Дор ул – ҳикмат» таъсис ёфт, ки дар он баробари ҳифзи кутуб ба кори тарҷумаву таълиф низ мепардохтанд. Ин амр дар замони хилофати Маъмун ривоҷи тамом пайдо кард. Халифаи мазкур дар Бағдод нахустин муассисаи исломии тарҷумаву таълифро таъсис дод, ки он дар айни замон маркази таҷаммуи нависандагону мутарҷимон ва нассохону саҳҳофони эронӣ буд» [Отахонова: 1972,160].

Давраи Сомониёнро метавон дурахшонтарин замон дар пешрафту равнақи кори муҳаррирӣ, котибиву хушнависӣ, нусхабардорӣ шуморид. Маҳз

дар ҳамин давра нахустин падидаҳои нусханавии гурӯҳӣ ба забони форсӣ падид омад.

Баъдҳо «дар замони Темуриён наҳзати нусханависӣ ва тадвину ороиши китоб ба авҷи тараққӣ расид. Шоҳзодагони темурӣ бо мақсади касби шуҳрат ва интишори ном ба анвои ҳунарҳои нафис таваҷҷуҳи хос намуданд. Ҳироту Самарқанд аз марказҳои асосии таҷаммуи донишмандон, адибон, хушнависон, хаттотон, наққошон, музаҳҳибон ва муншиёну воизон маҳсуб мешуданд. Ба вижа ҳузури Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дастгирии маънавию моддии онҳо аз аҳли китоб боиси ривоҷи нусханависию китобдорӣ гардид» [Отахонова: 1972, 25].

Аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки умури таҳрирӣ, тасҳеҳу тадвини китоб, махсусан, дар замони ҳукмронии набераи Темур Бойсунғур, равнаққу ривоҷи беандоза касб намуд. Мавсуф бунгоҳи китобсоз бунёд сохта буд, ки дар он мутахассисону коршиносони ботаҷриба ба тадвину тасниф ва табъу нашри матни дурусту саҳеҳи осори Фирдавсӣ, Анварӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва ғайра машғул буданд [Кучаров: 1997, 16].

Умуман, асри XV дар рушду камоли нусхапардозӣ, ороиши китоб тасҳеҳу муқобилаи нусхаҳо мусоидтарин давра маҳсуб мешавад.

Ногуфта намонад, ки кори муҳаррирӣ ва мусаҳҳеҳӣ дар имтидоди замон ба шаклҳои гуногун сурат гирифтааст. Масалан, дар доираи адабии Ҳирот Навоӣ осори ба забони тоҷикӣ навиштаашро ба Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ месупорад, то ӯ онро таҳриру тасҳеҳ намояд.

А. Мирзоев дар як навиштаи худ, ки ба пайвандҳои адабӣ миёни ин ду бузургвор ихтисос дорад, пораеро аз китоби «Хамсат-ул-мутаҳайирин»-и Навоӣ нақл менамояд, ки ниҳоят ҷолиб аст: «Навбате фақир, – девони қадимии он ҷанобро ба Мавлоно Абдусамад, ки аз хушнависони замон ва соҳиби табъ буд, додам, ки барои ман бодиққат китобат намояд. Вақте ки китобати девон ба охир расид, онро гирифта ба хизматашон бурдам ва хоҳиш намудам, ки як навбат аз назар гузаронанд. Он кас гуфтанд, ки «ду-се рӯз дар ин ҷо бошад, то ки мулоҳиза намоем». Котиб шахси хуштабъ мегӯянд, шояд боэҳтиёт китобат

карда бошад ва ба муқобала эҳтиёҷ пайдо нашавад». Рӯзи дигар ба хизматашон расидам. Гуфтанд, ки котиб «китобро ба навъи ғариб китобат кардааст, чунин менамояд, ки ба он илтизоме намудааст, зеро мисрае пайдо намешавад, ки дар он ғалат нарафта бошад. Дар баъзе ҷо як–ду байтӣ ва баъзан бештар абётро партофта рафтааст… Шахси хушнавис аст, шояд барои эҳтиёткорӣ вақти зиёди худро зоеъ карда бошад». Дар байни мо гуфтушуниди зиёде давом кард. Дар охир фақир гуфтам, ки агар бо қалами мубораки шумо тасҳеҳ шавад, муҷиби мубоҳот ба зеби (китоб) хоҳад буд». Оқибат ба ин қарор омадем, ки бо қалами мубораки худ ислоҳ менамоянд. «Ғалат ҳадду ҳисоб надошт, ҳама ҳам ҳақ ва ҳам ислоҳ гардид» [Мирзоев: 1977, 230].

Абдулғанӣ Мирзоев дар ҷойи дигар дар бораи муносибати Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ чунин таъкид менамояд: «Хоҳ Алишер Навоӣ ва хоҳ Абдураҳмони Ҷомӣ дар як асар, ҳатто баъзан шеърҳои тозаеро, ки аз қаламашон таровиш менамуд, пеш аз он ки манзури назари аҳли илму адаб гардонанд, ба якдигар нишон дода, фикр мегирифтаанд. Аз ҷумлаи асарҳое, ки Навоӣ манзури назари Абдураҳмони Ҷомӣ гардонидааст, яке «Хамса» мебошад. Ин асар гарчанде дар байни таълифоти шоир сазовори аҳамияти бузурге буд ва худи вай ба хубии он боварии куллӣ дошт, ӯ пеш аз он ки онро ба каси дигаре нишон диҳад, ба Абдураҳмони Ҷомӣ тақдим намуда, мехоҳад, аввалан ақидаи устоди худро бидонад» [Мирзоев: 1977, 230].

Миёни шеваҳо ва усулҳои кори таҳририӣ таҳрире, ки аз ҷониби худи муаллифи асар сурат мегирад, ниҳоят арзишманд аст, зеро шинохту дарёфти нуқсону костагиҳои матн, ислоҳи иштибоҳу хатоҳои рафта аз ҷониби соҳиби асар осонтару равшантар аст.

Аслан, асарҳое, ки дар тӯли таърихи дуру дарози адабиёт ҳамчун шоҳкории нотакрор шинохта шудаанд, борҳо аз тарафи худи нависандагону холиқи худ мавриди таҳзибу таҳрир қарор гирифтаанд. Бар асоси далелҳои мавҷуда асаре мисли «Шоҳнома», «Гулистон», «Маснавии маънавӣ», ғазалиёти Ҳофиз ва дигарон аз ҷониби муаллифон таҳриру такмили дубора шудаанд.

Дар ин миён ба андешаи муҳаққиқон, шояд «Шоҳнома» қадимтарин шоҳкорӣ бошад, ки ба дасти Абулқосим Фирдавсӣ дубора таҳриру такмил шудааст. Дар ин бора муҳаққиқи рус Е. Э. Бертелс дар китоби «История персидско-таджикской литературы» ишорат намудааст.

Миёни муҳаққиқони «Шоҳнома» чунин андешае мавҷуд аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ гӯё ин таҳрирро ба хотири дигар шудани вазъи сиёсӣ ва таҳавулоте, ки пас аз сарнагунии ҳукумати Сомониён рух дод, анҷом додааст. Ин шоири бузург зимни таҳрир гӯё ба хотири васфу ситоиши Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворид кардани номи ӯ ин корро кардааст. Муҳаққиқи тоҷик А. Насриддинов ин андешаро дуруст намешуморад ва бар ин назар аст, ки «таҳриру бозбинии дуввуми «Шоҳнома» соли 1010 анҷом ёфт. Агар мо фаразан бигӯем, ки Фирдавсӣ бо мақсади манзур сохтани «Шоҳнома» ислоҳу иловаи онро ба амал овард, суоле пеш меояд, ки оё имкон надошт, ки ин кори дар муқоиса бо азамати «Шоҳнома» ночизро дар зарфи як сол ё бештару камтар ба сомон бирасонад. Барои Фирдавсӣ ба мунтаҳои камол расидани «Шоҳнома» муҳимтар буд» [Насриддинов: 2009, 73].

Матни «Гулистон»-и Саъдӣ аз ҷониби Шайх Саъдӣ низ мавриди таҳриру такмил қарор гирифтааст. А. Насриддинов бар асоси қиёсу муқобилаи чопҳои интиқодӣ, ки аз ҷониби муътабартарин нусхаҳои «Гулистон» сурат гирифта, собит сохтааст, ки нахустин таҳрири матни «Гулистон» аз худи Саъдист.

Яке аз асарҳои арзишманди адабиёти форсӣ девони Ҳофиз аст, ки борҳо мавриди таҳриру такмил қарор гирифтааст, вале ба ақидаи муҳаққиқон, «нахустин омили эҷоди дигарсониҳо худи Ҳофиз будааст. Ончунон ки аз баррасиҳои дақиқ ва нақди ихтилофҳои калимот ва таркибот дар баъзе аз ин ғазалҳо бармеояд, Ҳофиз дар ҳар фурсати муносиб аз таҳзиби каломи худ диранг намекардааст ва баъзе аз ин нусхабардорҳои фаровон зодаи табъи худи шоир аст» [Насриддинов: 2009, 41].

Мо дар боло аз робитаи адабӣ миёни Мавлоно Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ ёдовар шуда, хотирнишон сохтем, ки шеваи маъмул дар муҳаррирӣ барои онҳо хондани асарҳои якдигар буд, вале дар таърихи адабиёти мо усулҳои дигаре дар

китобату нусханависӣ маъмул буд, ки онро бо истилоҳи «Самоъ додан» ёд менамуданд. Моҳияти ин усул аз он иборат буд, ки китоб ё асари муаллиферо, ки нусхабардорӣ шудааст, дар ҳузури худи ӯ ё ашхоси донишманд бо овози баланд мехонданд ва хатоҳои рафтаро ислоҳ мекарданд. Чунончи, «Ҳисомуддин Чалабӣ дар ҳузури Ҷалолиддини Румӣ бахшҳое аз «Маснавии маънавӣ»-ро мехонд ва бо нишондоди муаллиф онро такмилу таҳзиб менамуд» [Насриддинов: 2009, 82].

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти муосири тоҷик низ таҳриру такмили дубораи романи «Дохунда»-и С. Айнӣ, «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода, «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил, ашъори М. Қаноат, Лоиқ, «Вафо»-и Ф. Ниёзӣ ва ғайра сурат гирифтааст. Қобили зикр аст, ки дар кори муҳарририи осори бадеӣ махсусан фаъолияти устод Садриддин Айнӣ ниҳоят арзишманд аст. Устод Айнӣ аз зумраи бузургоне мебошад, ки пеш аз инқилоб ба чопу нашри матни саҳеҳи осори классикон оғоз намуда буд. Яке аз асарҳое, ки бо таҳриру тасҳеҳи ӯ таҳти роҳбарии Садри Зиё ва ҳамкории Мунзиму Ҳайрат сурат гирифт, «Наводир-ул-вақоеъ» – и Аҳмади Дониш мебошад.

Пас аз инқилоб низ як бахши кори умдаи ӯ таҳриру тасҳеҳ ва тадвини осори классикон буд. Дар ин бора худи ӯ чунин изҳор дошта: «Бештарини ин тобистон – навиштааст устод, – тобистони соли 1940 – ро дар назар дошта, – дар роҳи кор кардан бар болои классикҳо рафт. Абуалӣ Синоро дубора (кор карда аз асарҳояш, баъзе порчаҳо ҳамроҳ карда шуд. Барои Рӯдакӣ як маҷмуаи алоҳида сохта шуд. «Бӯстон» – и Саъдиро интихоб карда, 4 ҳазор мисраъ гирифтан ва эзоҳ додан. Барои вай як муқаддима ҳам навиштам» [Айнӣ: 2008, 28].

Албатта, рӯй овардан ба адабиёти гузашта, чанд нашри осори гузаштагон дар марҳилаҳои муҳиме аз таърихи кишвари мо тақозову ниёзи мубрами замон буд. Бояд ба дӯстону бадхоҳони миллат собит мешуд, ки миллати тоҷик дорои гузаштаи пурифтихор, фарҳанги боарзишу нерӯмандест, ки дархури омӯзишу шинохт аст.

Худи устод бо дарку эҳсоси ин зарурат чунин навишта буд: «Намунаи адабии ҳазорсолаи тоҷикро, ки то ба ҳол ба ҷое ҷамъ нашудааст, аз китобҳои мутааддид бардошта, ба як ҷилд гирд овардан, нусхаҳои хаторо аз се-чаҳор китоб ба даст даровардa, ба онҳо муроҷиат намуда, татбиқ ва тасҳеҳ кардан, таърихи зиндагӣ ва вафоти ҳар адибро аз маҷмуаҳо, китобҳои бефеҳрист тафтиш намуда, таъйин намудан, ривоятҳои мухталифро ба воқеаҳои муайяни он замон андоза карда ба яке қаноат ҳосил кардан, нисбат ба мо камиқтидорон кори бузурге аст» [Айнӣ: 2008, 29].

Бояд гуфт, ки дар амри таҳриру муҳаррирӣ аз нависандагону адибони тоҷик, махсусан А. Деҳотӣ, А. Лоҳутӣ, Раҳим Ҳошим, хизмати босазое намуданд. Ногуфта намонад, ки аксари эшон парвардаи мактаби Садриддин Айнӣ буданд. Устод Айнӣ нисбат ба кори таҳриру муҳаррирӣ ниҳоят сахтгир буда, аз миёни адибони номбаршуда, махсусан, нақши А. Деҳотӣ дар таҳриру тасҳеҳи осори Садриддин Айнӣ ниҳоят арзишманд аст.

Аз ҷумла, Ҳаким Карим боре ба ӯ матнро барои тарҷума медиҳад. Худи Ҳ. Карим дар ин бора чунин изҳор намудааст: «ду шаб нишаста тарҷумаро тамом карда овардам. Худи «мӯрӣ аз хона калон» гуфтагӣ барин ҳамон тарҷумаеро, ки ман дар ду шаб тамом карда будам, устод А. Лоҳутӣ дар панҷ шаб таҳрир карда баромад. Устод ҳар як ҷумлаи ночаспон ва вайронро хонда, камаш панҷ минут, зиёдаш ним соат ба ман дарси сарфу забон медод. Ин дарси панҷшаба дар соҳаи матбуот ҷуръати моро садҳо маротиба боло бардошт ва яке аз сабабҳое шуд, ки пай дар пай тараққӣ намоям ва пеш равам» [Раҳим Ҳошим: 1988, 121].

Тавре ки дар боло зикр намудем, дар пешаи таҳриру муҳаррирӣ дар адабиёти тоҷик мақоми Р. Ҳошим низ ниҳоят аҳамиятнок аст. Мавсуф солҳо дар Нашриёти Давлатии Тоҷикистон паҳлу ба паҳлу бо А. Лоҳутӣ кору фаъолият намудааст. Ӯ аз зумраи бузургмардоне мебошад, ки бо устод Садриддин Айнӣ низ фаъолиятҳои муштараке доштааст. Р. Ҳошим баъдҳо хотироти худро дар бораи шеваи кори устод Айнӣ, муносибаташ ба кори

муҳаррирӣ, ғамхориҳои падаронааш барои пешрафти дараҷаи касбияти шогирдон ба чоп расондааст.

Аз мутолиаи хотироти вай маълум мегардад, ки ҳангоми фаъолиятҳои муштарак борҳо аз устод Садриддин Айнӣ барои бепарвоию лоқайдиаш сарзанишу танбеҳ шудааст ва муҳим аз ҳама ин, ки сахтгириҳои ӯ самараи хубе ба бор овардааст.

Хидмати ӯ дар тарҷумаи осори адабиёти ҷаҳон ва, махсусан, рус ниҳоят бузург аст. Раҳим Ҳошим дар тадвину таҳрири луғатҳои дузабона низ саҳми босазо гузоштааст.

Бояд изҳор дошт, ки рушду камоли пешаи муҳаррирӣ дар ҷомеаи адабии мо, махсусан, мавқеи нависандаи номдори тоҷик Ф. Муҳаммадиев ниҳоят калон аст. Дар бораи ҷиддият, садоқат, касбият ва, муҳим аз ҳама, инсонияти Ф. Муҳаммадиев чӣ пажӯҳишгарон ва чӣ ҳамкасбонаш зиёд навиштаанд. Ӯ аз зумраи некмардоне буд, ки як умр дар нашриёту идораи рӯзномаҳои мухталиф ба кори муҳаррирӣ машғул шудааст.

Устод Фазлиддин Муҳаммадиев тамоми анвои навиштаҳоро аз хабари маъмулӣ шурӯъ намуда то асарҳои бузургҳаҷм таҳрир менамуд ва аксар вақт номаҳои тавзеҳӣ ва омӯзандае ҳам ба соҳаҳои асар навишти номбурдаҳояшонро зикр менамуд.

Донишманди тоҷик А. Кӯчаров дар бораи хусусиятҳои шеваи кори Ф. Муҳаммадиев чунин менависад: «Устод Фазлиддин Муҳаммадиев ҳамчун муқарриз аз нависанда талаб дорад, ки ӯ таърих ва урфу одати халқашро хеле ҷиддӣ омӯзад, то ба зиндагӣ баҳои ҳақиқӣ дода тавонад ва дар истеъмори сухан сахтгирӣ накунад. Устод дар таҳрири дастхати қиссаи «Парончакҳо»-и А. Самад фикру андеша ва эродҳои худро дар шаш саҳифаи дастнавис ба адиби ҷавон пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, дар қисса хусумати қаҳрамони сиёсӣ Наим ба бародараш Абдухолиқ, ки кабки ӯро кушта, меҳмонҳояшонро зиёфат карда буд, дар чанд саҳифа баён гардидааст. Устод Муҳаммадиев ба ин лаҳзаи қисса чунин эрод мегирад: «Адоват бар бародар чунин батафсил тасвир шудааст.

Мегӯед, ки сабаб марги кабк, лекин кина ба андозаи сад рама гӯсфанд… Ба назар қайла аз маза гузаштааст андаке» [Кӯчаров: 2013, 58].

Нақши А. Деҳотӣ махсусан дар таҳрири охирин асари устод С.Айнӣ «Ёддоштҳо», ки иборат аз чаҳор қисм аст, ниҳоят назаррас аст. Пас аз он ки дастнависи «Ёддоштҳо» омода мегардад, барои таҳрир ба А. Деҳотӣ фиристода мешавад. Деҳотӣ бо эҳсоси масъулият ва вазифашиносие, ки хоси ӯ буд, барои хубу шоиста иҷро намудани ин вазифа ба Самарқанд сафар мекунад. Дар бораи ҷараёни кори таҳрири «Ёддоштҳо» бо устод Садриддин Айнӣ баъдҳо чунин хотирнишон намудааст: «Барои дида баромадани қайдҳо бо ҳамроҳии муаллиф се рӯз, рӯзе чор-панҷсоатӣ коркард лозим омад, зеро ки як қисми онҳо доир ба эзоҳи калимаву ибораҳои ҷудогона ва тафсил додани баъзе воқеаҳо бошад, қисми дигараш мазмунан ҷиддӣ ва калон, чунончи, ба тағйир додан, мондан ё партофтани як порчаи бутуни китоб оид буд» [Деҳотӣ: 1966, 291].

Шиносоӣ бо навиштаҳои А. Деҳотӣ нишон медиҳад, ки устод Садриддин Айнӣ ба шеваи кор ва покизакории таҳрири осораш ниҳоят эътиқод доштааст. Аксари пешниҳодоти ӯро дар ихтисор кардан ё изофа кардани матни асар қабул доштааст.

Ин худ гувоҳ бар он аст, ки таҳрир ва муҳаррирӣ дар зиндагии эҷодии нависанда ва асари ӯ то чӣ андоза аҳамияту арзиш дорад.

Исботи ин андешаро мо метавонем аз суханони устод Айнӣ, ки пас аз анҷоми кор ба А.Деҳотӣ изҳор медорад, дарк намоем: «Дар назди хонагиҳо ба шумо ташаккур изҳор кардам, ки ин асари моро бодиққат аз назар гузаронида ба ислоҳи норасоиҳо дар вақташ мадад расондед ва ба худам ташаккур гуфтам, чунки он ҳама қайду эродҳои зикршударо ман бурдборона қабул карда, ба асари тайёр ҳамин қадар ислоҳ даровардам. Агар ба ҷойи ман ягон нависандаи ҷавон мебуд, ҳаргиз ба ин заҳмати иловагӣ тан намедод, балки шӯр бардошта, ба шумо дастбагиребон ҳам мешуд» [Деҳотӣ: 1966, 292].

Дар риштаи таҳрири адабӣ ва рушди инкишофи он саҳми устод А. Лоҳутӣ низ хеле назаррас аст.

Гап дар ин аст, ки зиндагӣ ва фаъолияти А. Лоҳутӣ дар як давраи ҳассоси таърихи ҷумҳурии мо рост меояд. Ҷумҳурии тозатаъсиси Тоҷикистон дар риштаи чопу тадвини китобҳои дарсӣ, бадеӣ, таҳриру тасҳеҳи онҳо эҳтиёҷи зиёд дошт. Бар замми Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, ки нимаи дуюми солҳои бистум таъсис гардида буд, аз ҷониби А. Лоҳутӣ идора мешуд.

Устод А. Лоҳутӣ дар ин рӯзҳои ниҳоят сангин бо саъю талоши зиёд тавонист, барои таълифу таҳрири китобҳои дарсӣ ва дигар адабиёти таълимӣ беҳтарин фаъолону аҳли адабро сарҷамъ намояд. Метавон гуфт, ки А. Лоҳутӣ як мактаби нерӯмандеро бо зарфиятҳои қобили мулоҳиза ташкил дод ва шогирдони зиёдеро тарбият намуд. Ҳасан Ирфон, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим, Ҳ. Карим, ки ҳар яке дар рушду тараққии фарҳангу адаби тоҷик корҳое анҷом додаанд, парвардаи мактаби А.Лоҳутианд.

Муҳаққиқи тоҷик А. Кӯчаров перомуни ҷузъиёти кори А. Лоҳутӣ дар иртибот бо аҳли адаби тоҷик андешаҳои арзишмандеро иброз медорад.

Ба ақидаи ӯ, устод А. Лоҳутӣ на танҳо навиштаҳо ва осори нависандагони тоҷикро механдаасту таҳрир менамудааст, балки барои пешрафти зеҳнияти онҳо, рост кардани дасти онҳо аз тарзҳои гуногун кор мегирифтааст [Кӯчаров: 2013, 54].

Масалан, замоне эҳсос мекунад, ки Ҳ. Карим нависандаи ҷавони тоҷик дар баёну матлаб аз нигоҳи забонӣ сустӣ мекунад, барои пешрафти кори ӯ супоришҳои мустақилонаи иловагӣ медиҳад.

Тавре ки дида мешавад, соҳаи таҳрири адабӣ дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, дорои собиқаи дурахшон аст. Гузаштагони мо дар амри нашри бехатову дурусти осори хеш ниҳоят ҷиддияти зиёд нишон медодаанд.

Мутаассифона, имрӯз кори муҳаррирӣ рӯзҳои хуберо аз сар намегузаронад. Он сатҳу мартабаеро, ки дар гузаштаи на он қадар дур пайдо намуда буд, комилан аз даст додааст. Матни рӯзномаҳо, китобҳои бадеӣ, забони воситаҳои ахбори омма қариб таҳрир намешаванд.

Донишманди фозил Б. Камолиддинов дар аксари пажӯҳишҳои солҳои охири хеш аз вуҷуди ин камбудӣ изҳори ташвиш намудааст. Андешаҳову

пешниҳодҳои мавсуф, махсусан, дар рисолаи «Сухан аз баҳри дигарон гӯянд» ба таври муфассал ҷамъбаст шудаанд. Ҳарчанд аксари мақолаҳои китоб ба ҳусну қубҳи забони матбуот бахшида шудаанд, вале дар маҷмуъ ба забони адабӣ ва таҳрири он алоқамандӣ доранд. Ба ақидаи мавсуф: «Забони матбуот забони адабии ҳамарӯзаи мост ва талабот ба дурустию покизагии он бояд дучандон бошад» [Камолиддинов: 2001, 54].

Ғалат ва иштибоҳоте, ки дар забони адабии имрӯза ба чашм мерасанд, аз ҷониби муҳаққиқ дар ниҳояти диққату ҷиддият гурӯҳбандӣ шудаанд. Масалан, бахши умдаи ғалатҳоро хатоҳое ташкил медиҳанд, ки дар истеъмоли калимаву истилоҳоти алоҳида дучор мегардад. Гурӯҳи дигари иштибоҳот истифодаи нодурусти ибораҳои рехтаву фразеологӣ мебошанд, ки намунаашро муҳаққиқ аз саҳифаи матбуоти даврӣ гирдоварӣ намудааст. Ғалатҳои сарфиву наҳвӣ ва ҷумлабандиҳои нодуруст бахши дигари иштибоҳотанд, ки дар рисолаи мазкур ба онҳо ишорат шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, ин камбудӣ танҳо ба воситаи диққату таваҷҷуҳи муҳаррирон метавонад ислоҳ гардад.

Ба ҳамин тариқ, аз баррасии дидгоҳҳои назарӣ ва мурури маводи мавҷуда чунин бармеояд, ки имрӯз низ мо беш аз ҳар замони дигаре ба кори таҳриру муҳаррирӣ ниёзмандем.

## БОБИ II

## ФАЪОЛИЯТИ МУҲАРРИРИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар боби пешин мо дар бораи таҳриру муҳаррирӣ, навъҳои таҳрир, собиқаи таҳрир дар ҷомеаи адабии ҷаҳон, пешоҳангони фаъолияти муҳаррирӣ ва, махсусан, таҳрири адабӣ, сухан дар миён гузоштем. Зикр гардид, ки таҳрири адабӣ низ мисли дигар соҳаҳои фарҳангиву адабӣ дар тӯли замон шебу фарозҳое доштааст. Ҳамзамон саъй намудем, нақшу аҳамияти таҳрири адабиро дар пешрафту нумӯи адабиёти бадеӣ ба қадри имкон инъикос намоем. Ҷойи таъкид аст, дар адабиёти тоҷик аз ҳамон марҳилаҳои аввалини таҳриру муҳаррирӣ мавҷуд будааст, зеро ба бозхонӣ, ғалатгирӣ, пуррасозӣ, изофанамоӣ, тағйири пораҳои ҷудогонаи асар ниёзу эҳтиёҷе буда, ки аз матни асари бадеӣ бармехостааст. Дар бораи таҳрири осори шоирону адибони классик чизе намегӯем, вале гуфтан лозим аст, ки муносибату бархӯрд ба корҳои муҳаррирӣ, махсусан, дар замони муосир, рушди васеъ касб намуд. Нашриёту матбааҳое, ки масъули чопи китоб буданд, тамоми асарҳои чопшавандаро нахуст таҳрир менамуданд. Аз ҷумлаи коргарону хидматчиёни матбуот чанд нафаре танҳо ба кори муҳаррирӣ машғул мешуданд.

Ба ҷуз ин бояд қайд намуд, ки асари ҳар як нависанда метавонад, пеш аз нашрҳои такрорӣ аз ҷониби худи муаллиф мавриди таҳрир қарор гирад. Аксари нависандагону адибони муосири мо дар иртибот бо осори таълифнамудаи хеш чунин амалро анҷом додаанд, ки дар фаслҳои баъдӣ ба бархе аз онҳо ишора хоҳем кард.

Вале ҳангоме ки сухан аз фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ дар миён меафтад, зарур аст, ки корномаи эшон дар чанд замина сурат бигирад. Чун дар зиндагии эҷодии ҳеҷ адибе кори муҳаррирӣ, ба андозае ки дар ҳаёти халлоқонаи устод ҳузур доштааст, мавқеъ надорад. Пеш аз он ки ба таври муфассал ба ҷараёни кори таҳриргарии устод ошно гардем, лозим мешуморем, намунаи мақолоту таҳқиқотеро, ки дар ин самт сурат гирифтааст, дида бароем.

## 2.1. Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар манзари танқиди адабӣ

Қобили зикр аст, ки дар тӯли замон ин ҷанбаи кори эҷодии устод Садриддин Айнӣ, яъне кори муҳарририи ӯ аз чашми аҳли таҳқиқу пажӯҳиш ва дӯстдорони адабиёту фарҳанг пинҳон намондааст. Муаллифони мақолоту таълифот дар ин замина танҳо мунаққидону олимон ё адабиётшиносон нестанд, дар радифи пажӯҳишгарону адабиётшиносони касбӣ, шоирону нависандагон ва махсусан онҳое, ки бо устод замоне ҳамдаму ҳамкор будаанд, изҳори назар кардаанд.

Дар иртибот бо ин мавзуъ дар навбати аввал бояд аз таълифоти шоистаи олими арҷманд, шодравон Раҳим Ҳошим зикри ном кард.

Номбурда солҳои зиёд якҷо бо устод ҳамкор ва ҳамнафас буд ва ба ҷараёни кори муҳарририи Садриддин Айнӣ шиносоии комил дошт. Р. Ҳошим назару дидгоҳҳои хешро дар китобҳои «Сухан аз устодон ва дӯстон» ва «Солҳо дар саҳифаҳо» иброз доштааст. Асарҳои мазкур дарбаргирандаи мақолоти ҷудогонаанд. Устод М. Шакурӣ дар сарсухане, ки ба китоби аввалӣ навиштааст, мақолотро «портретҳои адабӣ» номида буд. Пас аз гузашти солҳо мурури он қисмат аз мақолот, ки ба Садриддин Айнӣ иртибот мегиранд, нишон медиҳад, ки таълифоти Р. Ҳошим танҳо «портретҳои адабӣ»-и маъмулӣ нестанд. Муаллиф дар саҳифаҳои онҳо кӯшиш намудааст, иллату сабабҳои диққату таваҷҷуҳи бепоёни С. Айниро ба кори таҳрир баён намояд. Гузашта аз ин, домону паҳнои хадамоти бузурги ӯро дар ин замина инъикос созад.

Ба ақидаи Раҳим Ҳошим, заминаи асосӣ ва аслии дилбастагии Садриддин Айнӣ бо масъалаи таҳрири осори шоирону нависандагон, қабл аз ҳама, забони тоҷикӣ ва зарурати нигаҳдошту покизагӣ ва ташаккули он будааст. Гап дар ин аст, ки дар тӯли таърихи дуру дароз пас аз шукуфоии давлати Сомониён ва рушду инкишофи бемисли забони тоҷикӣ, дар илму фарҳанг дар сарзамини мо иттифоқоти бешумори нохушоянде ба вуқӯъ пайваст. Бар асари ҷангҳову ҳуҷумҳои паёпайи истилогарон он ҳама шукуҳу шавкат рӯ ба таназзул ниҳод.

Мардум аз сарчашмаҳои саршори илмиву фарҳангӣ дур гардид ва дар ин миён забони тоҷикӣ низ дучори зарбаҳои камаршикане шуда, он доираву доманаеро, ки дошт, аз даст дод ва дар истифодаву корбурдаш як фазои парокандагӣ ба амал омад.

Дар чунин вазъи ногувор лозим буд, забон дар сатҳи як забони муттаҳиди миллат инкишофу ташаккул дода мешуд. Махсусан, ин вазъи ногувор дар ибтидои солҳои бистуми асри гузашта – пас аз инқилоб боиси он гардид, ки душманони миллати мо мавҷудияти халқи тоҷик ва забони онро зери шубҳа гузоранд. Дар чунин вазъияте забони тоҷикӣ ба роҳбариву ҳимояти шахси муътабаре мисли Садриддин Айнӣ ниёз дошт. Ба навиштаи Р. Ҳошим: «Айнӣ баробари ташкил шудани Нашриёти давлатии Тоҷикистон соли 1927 дар он ҷо вазифае зоҳиран назарногири муҳарририро ба ӯҳда гирифт ва дар рӯзҳое, ки барои босавод кардани оммаи халқи тоҷик аввалин китобҳои тоҷикӣ нашр мешуданд, чунон як хизмати бузургеро ба анҷом расонид, ки имрӯз дар вақти назар андохтан ба роҳи тайшуда аҳамияти он хизмат бо тамоми бузургиаш дар пеши назари мо намоён мегардад» [Раҳим Ҳошим: 1983, 19].

Андозаву доманаи ишқу муҳаббат, ҷиддияту алоқаи устодро ба забони тоҷикӣ ва фарҳангу адаби тоҷик аз ин гуфтаи муҳаққиқ метавон эҳсос намуд: «Айнӣ чун сӯзангаре аз масолеҳи кухнаву ҷангзада чизҳои суфтаву ороста, нафису зебо месохт ва пас аз соатҳо фикр кардан дар атрофи як калима, як истилоҳ ва ҷумла ва баъд аз чунин борҳо муроҷиат кардан ба луғатҳо нӯги қаламашро ба латтае, ки дар болои столаш буд, пок карда ва айнакашро бардошта, миёни ба болои дастнависи таҳриршаванда хамшударо паст намуда, нафаси пур аз мамнунияте мекашид ва як пиёла чой нӯшида, боз ба кор машғул мешуд» [Раҳим Ҳошим: 1983, 19].

Ҳангоме ки Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъсис гардид, дар он коргарони соҳибтахассус намерасид. Онҳое, ки ба кор қабул шуда буданд, аз нигоҳи дониш дар сатҳи мухталиф қарор доштанд. Гурӯҳе мактабҳои узбекӣ хондаву андешаи хаттиашон таҳти таъсири сохтори ҷумлабандӣ ва ҷумласозии узбекӣ буд. Гурӯҳи дигар рӯзномаву китобҳои дар Эрон нашргардидаро

мехонданд ва сабки навишташон низ зери таъсири забони форсии Эрон буд. Ба таври умум ҳама шогирдони мактабнодида буданд ва ҳар кадоме мувофиқи зеҳну фаҳмиши худ матлаб менавишт. Гузашта аз ин, бар асари падидаву рӯйдодҳои замон ба забони тоҷикӣ мафҳуму фазоҳои тозаи маъноӣ дохил мешуданд, ки ифодаву баёни дурусту созгори онҳо ба забони тоҷикӣ кори дандоншикане буд. Заҳмату кори фаровону хастагинопазире лозим буд, то зимни баёну пешкаши мардум намудани мавзуъ ва матлабҳои мавриди назар забон аз чаҳорчӯби мавҷуду шаклгирифта ва доираи расму анъанаҳои шинохташуда берун набарояд, ба халқ мафҳуму дастрас бошад.

Лозим буд, ки омӯзишу бознигарии амиқи масолеҳи аслӣ – забону адабиёт, забони халқ сурат бигирад, калимаҳо ва ибороти ҷавобгӯ ба мақсад, дархури ҳадаф интихоб гардад, то дар низоми умумии забон дарҳамбарҳамӣ, парешонӣ сурат нагирад. Дар ташкилу бароҳмонӣ, банизомдароии ин ҷараён хидмати Садриддин Айнӣ ниҳоят бузург буд.

Ҳангоми арзёбии андозаи кору заҳмати Садриддин Айнӣ дар вазъи сангинии он солҳо муҳаққиқ чунин менависад: «Дар рӯзҳои аввали ташкил шудани Нашриёти давлатии Тоҷикистон таҳрири тамоми китобҳои адабӣ ва дарсӣ аз таҳрири Айнӣ мегузашт. Таҳрир? Дар ҳаққи корҳои онвақтаи устод таҳрир гуфтан кам аст. Ӯ тамоми ҷумлаҳоро аз нав месохт. Ҳар рӯз ҳашт соат тақрибан қоматашро рост накарда тамоми ҳушу зеҳнашро ба дастнависе, ки дар таҳти таҳрираш буд, монда кор мекард. Агар ба ҷойи вай одами бепарвову камҳавсалае мешуд, гардани худро аз таки ин бори гарон ва аз ин дарди сар халос менамуд. Аммо Айнӣ ин тавр намекард. Ӯ бо диққати тамом, босаброна ҳеҷ як ҷузъиётро аз назар нагузаронда, ҳамаро гаштаву баргашта мехонд. Ба замми ин, ки асар ё тарҷумаеро ҷумла ба ҷумла таҳрир карда мебаромад, муаллиф ё тарҷумонро ҷеғ зада, дар паҳлӯяш нишонда, тамоми камбудиҳоро як ба як гуфта, фаҳмонида медод» [Раҳим Ҳошим: 1983, 22].

Дар боло хотиррасон намудем, ки заминаи аслии рағбату таваҷҷуҳи Садриддин Айнӣ ба муҳаррирӣ аз ишқу муҳаббати бепоёнаш ба забони тоҷикӣ маншаъ мегирифт. Тавре ки маълум аст, охири солҳои бистум ва сиюм барои

забони тоҷикӣ яке аз давраҳои ниҳоят пурпечу хатарнок буд. Бар асари баҳсу ҷидолҳое, ки дар атрофи забон сурат гирифта буд, соли 1928 масъалаи соданависӣ, ба халқ наздик намудани забон пеш омада буд. Бояд гуфт, ки ин сиёсати расмии Ҳукумати Шуравӣ буд, ки тибқи он бояд забони адабӣ ба гунае содаву равон бошад, ки оммаи мардум онро дарк кунад ва, аз тарафи дигар, тавре бошад, ки бо зарфияти он баёни мавзуъҳои илмиву фаннӣ, сиёсиву иҷтимоӣ мумкин бошад. Равшан аст, ки муҳаррирӣ кардану таъйин намудани чунин забон кори осон набуд.

Устод Айнӣ бо хубӣ дарк намуда буд, ки, агар мавзуи соданависӣ ба ҷиддияти том назорату роҳандозӣ нашавад, метавонад, барои забони тоҷикӣ мушкилоти бештареро эҷод намояд. Гузашта аз ин, аксар баҳсу мунозираҳои забоншиносону муҳаққиқон роҷеъ ба соданависӣ дар идораи Нашриёти давлатии Тоҷикистон доир мегардид. Ин буд, ки устод Айнӣ ҳангоми маҳфилҳо аз даъвогарони соданависӣ талаб менамуд, то намунаҳое аз матнҳои таҳриршуда ва содакардаи хешро пешниҳод намоянд.

Пешниҳоду нашри як порчаи адабӣ бо лаҳҷаи Бухоро дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» аз иқдомоти нахустини Садриддин Айнӣ дар ин замина буд, ки пас аз чоп ба зудӣ мавриди танқиди яке аз ҳамдарсони устод Айнӣ Мирзо Абдулвоҳид Мунзим қарор гирифт. Мунзим ба матни таҳрирнамудаи устод ба баъзе аз калимаҳо, ки гӯё баромади арабӣ доранд ва гурӯҳе ҳам маъмул нестанд, хӯрдагирӣ кард. Устод пас аз чанд рӯз посухе ниҳоят муҳаққиқона ва амиқ менависад ва нодурустии андешаҳои ӯро исбот менамояд.

Иқдоми дигаре, ки дар ин бахш аз ҷониби устод сурат гирифт, тарҷумаи романи нависандаи фаронсавӣ Ф. Дюшен «Қамар» мебошад, ки аз ӯзбекӣ тарҷума ва бо забони сода таҳрир шуда буд. Худи устод дар пешгуфторе, ки барои нашри китоб навишта буд, чунин изҳори назар намудааст: «Бо хоҳиши баъзе коркунони нашриёти тоҷикӣ дар забони ин ҳикоя як қадар таъбирҳои кӯчагӣ дароварда шуд, ки ин як таҷриба аст. Агар оммаи хонандагон ин корро хуш қабул кунанд, баъд аз ин дар баъзе ҳикояҳо ин равиш риоя карда хоҳад шуд, вагарна ин ҳикоя дар ин боб аввалин ва охирин шуда хоҳад монд. Ба ҳар

ҳол дар ин бора диққат кардан, изҳори фикр намудани хонандагон матлуб аст» [Раҳим Ҳошим: 1983, 35].

Баъдан устод Садриддин Айнӣ ин амрро зимни таҳрири осори адабии хеш «Одина», «Марги судхӯр», «Дохунда», «Ғуломон» низ идома медиҳад.

Бахши дигари фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ дар нашриёт замони сармуҳарриру муҳаррир буданаш аз он иборат буд, ки китобҳои тарҷумашударо бознигарӣ менамуд ва ба ҷойи ҷумлаҳои носаҳеҳу муғлақбаён муодили содаву фаҳмои тоҷикии онҳоро тартиб медод. Пас аз пешниҳоди шакли саҳеҳу дурусти ҷумлаҳо аксар чунин иброз медошт: «Ин чизҳо чизҳои бисёр хурд ва назарногир аст, бо вуҷуди ин ба сабаби бепарвоӣ кардан дар монандии ин чизҳо хусусияти забони тоҷикӣ барбод меравад» [Раҳим Ҳошим: 1983, 37].

Шодравон Раҳим Ҳошим ки худ дар тарҷумаи осори шоирону нависандагони рус ба тоҷикӣ хидмати шоиста намудааст, хотирнишон месозад, ки нақши устод Айнӣ дар таҳрири тарҷумаҳои вай ниҳоят калон аст. Китобҳои «Саёҳат аз Петербург ба Москва»-и Радишев, «Музикачии нобино»-и Коромико, «Лӯлиён»-и Пушкин, ки охири солҳои чилум ва аввали панҷоҳум аз ҷониби Р. Ҳошим ба тоҷикӣ тарҷума шуда буданд, бо дасти устод таҳриру тасҳеҳ гардидаанд.

Яке аз хусусиятҳои кори муҳарририи устод аз он иборат буда, ки ҳамзамон бо тасҳеҳи ҷумла, калима ва иборот ба қисмате аз вожаҳо шарҳу эзоҳи лозим медодааст. Р. Ҳошим аз шарҳу эзоҳоти устод Айнӣ намунаҳои фаровон овардааст, ки яке аз онҳо чунин аст: «Масалан, устод дар тарҷумаи асари манзуми «Масири» (асари Лермонтов) дар байти:

Шуда гумроҳ дар миёни шаб,
Боз мондам миёни ранҷу тааб.

Ба таги калимаи «гумроҳ» хат кашида, дар паҳлӯяш «роҳгумшуда» навишта монда, дар ҳошия бо қалами сиёҳ чунин қайд кардаанд: «Гумроҳ дар забон ба маънои аз роҳи рост – динӣ ё сиёсӣ – аз роҳи рости маънавӣ берун шударо гӯянд. Ин калима ба гумкунандаи роҳи одӣ намеояд» [Раҳим Ҳошим: 1983, 98].

Хуршеда Отахонова аз муҳаққиқони дигарест, ки перомуни фаъолияти таҳқиқии устод Садриддин Айнӣ назариёти судманде иброз намудааст.

Номбурда ҳамзамон бо зикри хидмати бузурги нависанда дар инкишофу густариши забону адабиёти тоҷикӣ, саҳми ӯро дар тарбияту камоли нависандагони ҷудогона ва таҳриру ислоҳи забони осори онҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Хидмати устод Айнӣ дар таҳрири таълифоти адибони тоҷик М. Фарҳат, А. Деҳотӣ, Р. Ҷалил, П. Толис, Ф. Ниёзӣ ва дигарон қобили мулоҳиза аст. Донишманди фозил Х. Отахонова бар асоси маводе, ки дар ихтиёр доштааст, тарзи бархӯрд, муносибати устодро ба навиштаҳои нависандагону адибони ҷавон ниҳоят дақиқу ҳамаҷониба таҳлилу арзёбӣ намудааст. Тавре ки аз мурури андешаҳои муҳаққиқ маълум мегардад, тарзу тариқи кори Садриддин Айнӣ бо осори адибон пурҷабҳа ва васеъ аст. Ҳадафи нахустини устод, аввалан, тарбияту таълими шеваи эҷод, нишон додани мавқеи дониши адабӣ-бадеӣ зимни кори эҷодӣ ва муҳимтар аз ҳама, беғалату бенуқсон, ҷавобгӯ бо табиати забони тоҷикӣ иншо кардан аст.

Таҳрире, ки аз ҷониби устод Айнӣ анҷом дода мешуд, танҳо таҳрири забону услуб набуд, балки фарогири фазоҳои дигари забонӣ, маъноӣ, мантиқии як матни адабӣ буд. Муҳаққиқ барои таъйиди андешаҳои хеш мисолҳои фаровонеро аз осори нависандагони тоҷик интихоб намуда, ки бо қайду эзоҳоти Айнӣ пешкаш шудаанд. Масалан, аз китоби «Одамони ҷовид»-и Р. Ҷалил чунин порча нақл шудааст: «Пӯлод баъди аз Масква баргаштан дар чойхона бо одамон каме суҳбат карда нишаст ва баъд ба хона рафтанӣ шуда аз ҷой хест. Одамоне, ки дар вақти сухангӯйии Пӯлод омада, нишаста буданд, бо ӯ чун бародар, монанди дӯстони қадрдон, оғӯшкунон вохӯрӣ ва аҳволпурсӣ мекарданд».

Айнӣ дар зери ин ҷумлаҳо хат кашида дар ҳошия чунин қайд кардааст: «Вохӯрӣ ва ба оғӯшкашӣ бояд дар аввали мулоқот мешуд. Шояд аз ёди муаллиф баромада бошад, ки ин корро дар вақти аз маҷлис хестани Пӯлод иҷро намуданд» [Отахонова: 1999,29].

Зимни ишорат ба ҷанбаҳои фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ Х. Отахонова ба ин натиҷа мерасад, ки устод ҳамеша кӯшиш ба харҷ медодааст, то нависандагон дар фаъолияти халоққонаи хеш ба сарвати бекарони забон, зарфиятҳои забони тоҷикӣ таваҷҷуҳу диққати бештар дошта бошанд, дар истифодаи вожаҳои забон ва маънои нишонраси онҳо дақиқтар бошанд, аз калимоту таъбироти шевагӣ – кӯчагӣ дурӣ биҷӯянд. Вазифаи ҳар як нависанда, қабл аз ҳама, инъикосу бозтоби дурусту расои вожагони забон аст. Агар ин ё он калима миёни халқ шеваи ғалат дошта бошад, бояд он аз ҷониби нависандагон ислоҳ гардад, то ғалаткорӣ ҷанбаи умумӣ пайдо накунад.

«Барои тасдиқи фикр боз ба яке аз қайдҳои устод дар ҳошияи «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил ишора мекунем: «Бечора аз ғам пилтатов барин шудааст».

Устод пас аз мутолиаи ин ҷумла зери калимаи «пилтатов» хат кашида, чунин қайд менамояд: «Пилтатов – «пилтатоб» гуфтан аст, ки маънии ин калима тобандаи пилта мебошад. Аммо дар ин ҷо мақсад дар пилта барин тофта шудааст. Агар мардум як суханро вайрон карда кор фармуда бошанд, вазифаи устодони забон – нависандагон он суханро дуруст карда кор фармудан аст» [Отахонова: 1999, 15].

Қолаби ҷумлаи тоҷикӣ, ҳамнишинии калимаҳои забон дар матни як асар низ ҳамвора зеҳни устодро ба худ мекашидааст. Хушрехтӣ, салосат, ки дар табиати ҳар як забон нуҳуфтааст, набояд халалдор шавад.

Аз ин сабаб зимни баррасии таҳрири китобҳои адибон Садриддин Айнӣ бо ҷиддият ба ин ҷанбаи кор таъкид намудааст. Қобили зикр аст, ки зимни бархӯрд бо ҷумлаҳои сохторашон вайрони гӯшхарош ҳатман варианти хуби қобили қабули онро сохтаву пешниҳод менамудааст.

Нуктаи дигаре, ки муҳаққиқи ёдшуда зимни арзёбии корномаи муҳарририи устод ба он таваҷҷуҳ намудааст, диққату ҷаҳди устод дар истифодаи зарбулмасалу мақолҳо ва ибораҳои рехтаи забон аст, ки дар сохтмони забон нақши корсоз доранд.

Ин андешаро устод дар бахше аз номаҳои унвониаш низ махсус зикр намудааст. Аз ҷумла, дар номае, ки ба адибон Деҳотӣ ва Турсунзода ирсол намудааст: «Ҳар як асари адабӣ хоҳ назм бошад, хоҳ наср, дар дасти автор (ё авторҳо) баъд аз тамом шудани таҳрири охирӣ, агар калонтар бошад, як сол ва, агар порчаи хурдакак бошад, як моҳ лозим аст, ки монад. Вагарна дар асар чунон нуқсонҳое мемонад, ки хонандаро ба ханда меорад. Ба ибороти дигар, дар рафти кори эҷоди адабӣ мазмуни қитъаи зеринро дастурамал кардан лозим аст, ки гуфта шудааст:

Хоки Машриқ шунидаам, ки шавад
Ба чиҳил сол косаи чинӣ.
Субҳ рӯзе зананд дар Бағдод
Лоҷарам қиматаш ҳаме бинӣ!» [Мактуби Айнӣ, 1956].

Адабиётшиноси тоҷик Атохон Сайфуллоев, ки пажӯҳишҳои сершуморе перомуни зиндагӣ ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ анҷом додааст, ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти муҳарририи устод ишора намудааст. Вале бар хилофи Раҳим Ҳошим ва Х. Отахонова тарзу услуби таҳлилу таҳқиқи А. Сайфуллоев дар ин замина фарқ мекунад. Яке аз ҳадафҳои муҳаққиқ дар таҳқиқоташ таъйини сарчашмаҳо, сабабу иллатҳои мубрамияти таҳрир барои Садриддин Айнӣ аст. Ҳамчунин таъсире, ки устод Айнӣ аз дигар бузургони аҳли фарҳангу адаб гирифтааст, мавриди баррасии ӯ қарор гирифтааст. Чи хеле ки дар боло зикр шуд, муҳаррирӣ барои мо мавзуи бегона ё бархоста аз адабиёту ҷомеаи дигаре набуд ва дар адабиёти мо собиқаи тӯлонӣ дошта ва Садриддин Айнӣ низ ҳанӯз дар замонҳои таҳсил дар мадраса ба ҷузъиёти ин кор ошно буд, вале баъдҳо шиносоӣ бо меросу осори нависандаи бузурги рус М. Горкий зарурату аҳамияти онро дар ҳаёти адабӣ барангехт. Муҳаққиқ А. Сайфуллоев дар китоби «Мактаби Айнӣ» пас аз таҳриру арзёбии ҷанбаҳои нависандагӣ ва ҳунарии М. Горкий ва таъсири осори ӯ ба Садриддин Айнӣ чунин ибрози ақида менамояд: «Асарҳое, ки устод пас аз шиносоӣ бо эҷодиёти М. Горкий навиштааст, аз ҷиҳати мундариҷа ва шакл аз китобҳои пештарааш фарқ мекунанд. Эҷодиёти М. Горкий С. Айниро водор намуд, ки ӯ асарҳои пештарaашро низ аз нав

таҳрир кунад, таҷрибаи падари тарбиятгари адабиёти советиро дар роману повестҳои тозааш моҳирона истифода барад» [Сайфуллоев: 1978, 156].

Ногуфта намонад, ки устод Садриддин Айнӣ бархе аз асарҳои М. Горкий, аз ҷумла романи «Модар»-ро, ки ба тоҷикӣ 1930 тарҷума шуда буд, таҳрир намуда, дар муқаддимаи чопи тоҷикии он аз бардоштҳои хеш аз ҷаҳони рангини андешаву афкори М. Горкий изҳори назар намудааст: «Ҳар ҷумлае, ки аз ягон мақолаи М. Горкий фаҳмида хондаам, барои ман як дарси бузург ва як дастурамали фаромӯшнагардиданӣ шуд… Дар солҳои 1929-1930 буд, ки дар Тоҷикгиз тарҷумаи як китобчаи Горкийро аз ҷиҳати забони тоҷикӣ таҳрир мекардам, дар ин ҷо ба як ҷумла вохӯрдам. Горкий менавишт, мафҳумаш ин буд: «Бештарин чӣ гуфтани як кас аҳамият надорад, аммо ин муҳим аст, ки он кас чӣ гуна мегӯяд: «Мазмуни он ҷумлаи Горкий дар хотири ман монанди як хати дар санг кандашуда нақш бастааст ва дар корҳои эҷодии ман вазифаи дасту поро адо мекунад, бинобар ин кӯшиш мекунам, чӣ гуна гуфтан ва навиштани як мазмуне, ки дар вақти эҷод илҳом мешавад, дарёбам» [Сайфуллоев: 1978,194].

Лозим ба таъкид аст, ки дар китоби «Мактаби Айнӣ» ҳарчанд мақсади муаллиф нишон додани мавқеъ ва манзалати устод Айнӣ мебошад, вале дар ҳошияи он ба фаъолияти муҳаррирӣ ва матншиносии Садриддин Айнӣ низ ишорат шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, яке аз усулҳои мактаби устод Айнӣ, ки ниҳоят шоиставу қобили зикр аст, қайдҳо, ёддоштҳо ва нуктаи назари вижаи ӯ дар ҳошияи достонҳо ва китобҳои нависандагон ва рӯзномаву маҷаллаҳост.

А. Сайфуллоев, асарҳоеро, ки устод зимни қироат дар ҳошияшон қайду эзоҳ навиштааст, ба ду қисм ҷудо мекунад. Гурӯҳи аввал асарҳои бадеие, ки ба забони асл, яъне тоҷикӣ навишта шудаанд. Гурӯҳи дуввум осоре, ки аз дигар забонҳо тарҷума шудаанд. Садриддин Айнӣ дар қайду эзоҳоти хеш нахуст ба мазмуну муҳтавои осор ва тасвири воқеъгароёнаи воқеаву падидаҳо таваҷҷуҳ менамудааст.

Муҳаққиқи ёдшуда аз навиштаву дидгоҳҳои нависандагоне, ки осорашон аз зери таҳрири устод гузаштааст, мисолҳои зиёдеро овардааст. Намунаҳо

гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳибони асар қайдҳои устодро барои камолу пешрафти хеш мактаби бузурги илмиву адабӣ шуморидаанд. Қайдҳои Садриддин Айнӣ танҳо дар доираи забон маҳдуд нашудаанд, балки ба мазмуну мундариҷаи мавзуъҳо ва образҳову тасвирҳо ҳам алоқамандӣ доранд.

А. Сайфуллоев чунин хотирнишон мекунад: «... Ҷ. Икромӣ дар романи «Шодӣ» ҳамагӣ образи як муаллими советиро тасвир мекунад ва он муаллим низ образи манфист. Устод Айнӣ ба ин кори нависанда розӣ намешавад. «Ман дар таҳрири аввали худ як муаллимро нишон дода будам, ки аз ҷиҳати характер ба типи муаллими советӣ рост намеомад, менависад Ҷ. Икромӣ. – Ин ҳолро устод сахт танқид карда, нишон доданд, ки чун ягона типи муаллими советӣ дар «Шодӣ» тасвири ин хел муаллим нодуруст ва хато мешавад. Чи тавре ки хонанда медонад, ман ин ҷойи асарро ислоҳ кардам» [Сайфуллоев: 1978, 229].

Ҷанбаи дигаре, ки донишманди фозил ба он таваҷҷуҳи зиёд намудааст, баррасии қайду навиштаҳои Садриддин Айнӣ дар ҳошияи осорест, ки аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Маълум аст, ки солҳои сиюм дар ҷомеаи адабии Тоҷикистон кори тарҷума ва баргардони осори халқҳои дигар ба забони тоҷикӣ ривоҷу равнақи беандоза пайдо намуд. Устод бо камоли алоқаву дилбастагӣ осори тарҷумашударо мутолиа менамуд, ҳамзамон таҷрибаву шеваҳои эҷодии онҳоро меомӯхт.

Аз як тараф устод Айнӣ, ба сохтору услуби ҷумлаи тоҷикӣ диққат медод, аз ҷониби дигар, сайъ мекард, назокату хусусиятҳои баёни русӣ тароватy асолаташро аз даст надиҳад. Ба навиштаи А. Сайфуллоев, устод Айнӣ «диққати тарҷумонҳоро ба сохти ҷумла, муносибати сухан, интихоби калима, тарзи ифода, возеҳияти сухан ва таъбирот, дурустӣ, саҳеҳӣ ё носаҳеҳии онҳо ҷалб менамояд. Қайдҳои Садриддин Айнӣ шаклҳои гуногун доранд. Аз саволгузорӣ дар муқобили калима ё ҷумла ва хат кашидан дар зери онҳо, ки эътирози Айниро ба вуҷуд овардаанд, сар карда то равшану возеҳ навиштани фикри худ дар ҳошияҳо мулоҳизаҳои устод ба тарзҳои гуногун ифода ёфтаанд» [Сайфуллоев: 1978, 235].

Аз мутарҷимоне, ки тарҷумаҳояш ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи Садриддин Айнӣ будааст, нависанда Ҳ. Карим мебошад. Мавсуф соли 1940 маҷмуаи ҳикояҳои М. Горкийро бо забони тоҷикӣ зери унвони «Ҳикояҳо» ба табъ мерасонад. Қайду эзоҳоте, ки дар матни тарҷума аз ҷониби Садриддин Айнӣ сурат гирифтааст, ниҳоят арзишманданд ва мо дар бахшҳои баъдӣ ба онҳо ишорат хоҳем кард.

Ибтидои солҳои панҷоҳуми асри гузашта дар адабиёти тоҷик барои соҳаи тарҷума давраи дурахшоне ба шумор меравад.

Дар ин солҳо «Ҷанг ва сулҳ»-и А. Толстой, «Ҳикояҳои Севостопол»-и Д. Фурманов, «Чапаев»-и И. Эренбург, «Қадами қатъӣ»-и Б. Карбобоев ва садҳо китоби дигар ба нашр мерасанд.

Устод Айнӣ ҳамаи ин осорро бо диққати тамом ҷиддан мутолиа намуда, қайду эрод ва назари худро дар ҳошияи онҳо навиштааст.

А. Сайфуллоев ба нақшу таъсири таҳрири устод бар бахши тарҷумаи осори адабӣ ишора намуда, таъкид мекунад, ки шеваи бархӯрди устод серҷабҳа буд. Нахуст ба ҷараёни андешаву тазаккури мутарҷимону нависандагон диққати ҷиддӣ медод, онҳоро аз шаклпарастӣ, тобеият ба он раҳо месохт ва ба ҷустуҷӯйи тарзу шеваҳои наву ҳаётӣ водорашон менамуд.

Гузашта аз ин, устод Айнӣ талқин менамуд, ки мутарҷим бояд ғулому пайрави сабку услуб ва хусусиятҳои забони асл набошад, балки матнро бар асоси ниёзу талаботи забони тоҷикӣ созгор намояд. Талаби дигари устод зимни тарҷума баёни тоҷикии фикру матлаб буд.

Перомуни фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ муҳаққиқи номвар Камолиддин Айнӣ низ дар чанде аз таълифоти хеш ибрози назар намудааст. Ҳарчанд ишорати К. Айнӣ дар ин маврид зиёданд, вале мо бо зикри як мақолаи ӯ таҳти унвони «Ду таҳрири як осори Садриддин Айнӣ» иктифо менамоем. К. Айнӣ дар ин мақола аз як мақолаи нодири устод бо номи «Маънои калимаи тоҷик» сухан дар миён мегузорад.

Мақолаи мазкурро муҳаққиқ аз архиви Нашриёти давлатии Тоҷикистон пайдо намудааст, ки ҳамагон ба гум шудани он итминон доштаанд. Камол Айнӣ

менависад: «Мусаввадаи ин асар дар 21 саҳифаи варақҳои пуропур аз ислоҳ, қайд, илова, таҳрир аст ва пас аз ба даст даромадани нусхаи пурраи он аз архиви нашриёт маълум гардид, ки ин нусхаи мусаввада хеле ноқис буда, ҷумлаҳо ва баёни фактҳо, фарқҳо ва тафовути калон дорад. Агар мо ҷумлае чанд аз матни комили мусаввада интихоб карда, бо навиштаҳо аз матни комили асар муқоиса кунем, ба осонӣ метавонем, исботи иддаоро мушоҳида кунем» [Айнӣ: 1989, 241].

Дар китоби «Дирӯз ва имрӯз» ҳамчунин дар атрофи асари «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» маълумот дода шуда, ҷузъиёти корҳои таҳририи устодро дар матни он зикр намудаанд. Аз баррасии ин мақола равшан мегардад, ки Садриддин Айнӣ асарҳояшро на танҳо гаштаю баргашта покнавис ва ҳар дараҷа ислоҳ мекард, балки барои ба мақсади дилхоҳи худ расидан ва як асари воло сохтан солҳои сол дар ҷустуҷӯйи эҷодӣ банд мегардад.

Қобили қайд аст, ки китоби «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» то соли 1982 дар ягон матбаа чоп нашуда буд. Китоби мазкур соли 1940 таълиф гардида, фарогири шарҳи ҳоли пурошӯби муаллиф дар тӯли замон аст. Ба ақидаи К. Айнӣ, сабаби нашр нашуданаш шояд он бошад, ки нависанда ин асарро як ҷузъи «Ёддоштҳо» ҳисоб менамуд ва мехост, бо он якҷо мунташир шавад. Баъдҳо аз архиви устод нусхаи дастнависи асар пайдо гардид. Камол Айнӣ дар навиштаи хеш таҳти унвони «Варианти А» ва «Варианти В» мисолҳои ҷолибе аз «Ёддоштҳо» ва асари «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» оварда, собит месозад, ки «муқоисаи ин ду варианти як вожаи хуби мушоҳидаи коргоҳи фикрии Айнӣ буда, барои мо роҳи эҷодии ӯро ба тарзи конкрет дода метавонад. Аҳамияти матни «Варианти В» – и «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» боз дар он аст, ки татбиқи он бо «Варианти А» ва ҳатто бо китоби якум ва дуввуми «Ёддоштҳо»-и муаллиф усули баён ва ҳунари нависандагии Айниро дар ҳаракат, дар таҳаввул нишон дода метавонад» [Айнӣ: 1989, 236].

Аз олимони рус И. С. Брагинский ба масъалаи нақши Айнӣ дар таҳрири осори бадеӣ қайдҳои қобили мулоҳизае дорад. Бояд гуфт, ки бо қалами ин олими пуркор таълифоти фаровоне дар атрофи зиндагӣ ва роҳи эҷодии

Садриддин Айнӣ ба нашр расидааст. Соли 1974 китоби саввуми ӯ таҳти унвони «Проблемы творчества Садриддина Айни» тавассути нашриёти «Ирфон» ба нашр мерасад. Муаллиф дар ин китоб зимни тарҳи мавзуи «Айнӣ – асосгузори адабиётшиносии тоҷик» ба саҳми бузурги ӯ дар шинохту дастраси мардумӣ намудани адабиёти классикӣ таъкид меварзад ва махсусан ба ду китоби арзишманди вай, ки гувоҳи фаъолияти таҳриргарии устоданд, ишорат менамояд. Китобҳои мавриди назари муаллиф осори пажӯҳишии устод дар бораи Мирзо Абдулқодири Бедил ва Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мебошанд. Барои хонанда равшан аст, ки забону шеваи баёни Бедил ва то андозае Восифӣ то чӣ ҳадде мушкилу печида ва ғайри қобили дарк аст. Айнӣ зимни ба чоп тайёр намудани ин осор ранҷи бисёр кашида, таҳрирҳое дар забони насри онҳо ворид намуд, то барои хонандаи имрӯз қобили фаҳму идрок бошанд. Бад-ин маънӣ И. С. Брагинский менависад: «Садриддин Айнӣ ҳамзамон бо ворид сохтани забони фасеҳи худ асолати матнро дар ёддоштҳои пурарзиши Восифӣ ҳифз намуд. Ба ҷуз ин ӯ дар бораи ин мавзуъ дар очерки «Дар бораи нависандаи камшинохташуда» ва дигар ишороташ маълумот додааст» [Брагинский: 1954, 146].

Дар бораи фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ дар атрофи асари машҳури Восифӣ поёнтар сухан хоҳад рафт.

Муҳаққиқи рус дар ин китоби судманд ҳамчунин аз арзишу қиммати мукотиботи устод ба адибон, ки аксар ба таври мустақим ба масъалаҳои таҳриру фаъолияти муҳаррирӣ алоқамананд, ёдовар мешавад. Мукотиботи устод мукотиботи одӣ набудаанд. Дар ҳар як нома матлаби муҳиме дарҷ мегардидааст, ки дар ислоҳи забон, рушду пешрафти сарфу наҳви он, сабку услуби баёни нависандагон созгору муносиб будааст. Ҳарчанд мисолу далелҳои овардаи муаллиф зиёданд, вале номбурда ба мактуби кушодае, ки устод ба П. Толис навишта, мавқеъи махсус ҷудо карда, ба мондагории он ишорат мекунад. Мавсуф чунин қайд кардааст: «Магар метавон мактубҳои кушоди С.Айниро (масалан ба Толис) дар иртибот ба забон ва суханронии охирини ӯро дар пленуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар бораи он, ки нависанда бояд

ин тасаввурро дошта бошад, ки «Забоншинос муваззаф нест, ки нависанда бошанд, аммо нависанда ба андешаи ман, бояд ҳатман забоншинос бошад»-ро ба фаромӯшӣ супурд [Брагинский: 1954, 148].

Е. Э. Бертелс аз дигар муҳаққиқони номдори рус аст, ки барои монографияи устод Садриддин Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» сарсухани муфассале навиштааст. Тавре ки маълум аст, китоби устод соли 1954 ба табъ расида буд. Е.Э. Бертелс дар пешгуфтори хеш аз нақши Садриддин Айнӣ дар таҳқиқу баррасии адабиёти классикӣ ва махсусан зиндагӣ ва рӯзгори Мирзо Абдулқодири Бедил, ёдовар шуда, бо ҷузъиёти шеъру каломи шоир таъкид менамояд ва таъсири ӯро дар миёни мардуми форсу тоҷик хотиррасон менамояд. Муҳаққиқ аз заҳмати калони С.Айнӣ ёд намуда менависад: «Ин китоб ҳамаи ин гуна порчаҳои пурҳикмату даркориро бо тарзи навишти саҳеҳ ва яқинҳояшон бо эзоҳот ва қайдҳои даркориашон ба хонанда тақдим мекунад. Ягона чизе, ки мо ба хонандагон, хусусан ба ҷавонон, хотиррасон кардан мехоҳем, он аст, ки порчаҳои дар ин ҷо намуна овардашуда беҳтарин порчаҳои осори Бедил мебошанд ва зарбулмасали машҳури «мушт намунаи хирвор аст» ба ин маврид рост меояд, яъне тамоми қисмҳои боқимондаи куллиётро низ дар ҳамин савияи баланд аст, гуфта тасаввур кардан дуруст нест» [Айнӣ: 1954, 7].

Бояд гуфт, ки дар бораи фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айнӣ таҳқиқоти назаррасро муҳаққиқи шинохта А. Кӯчаров анҷом додааст. Номбурда дар монографияи худ «Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик» ба паҳлӯҳои гуногуни муҳарририи устод Айнӣ ишора намудааст. Ҳарчанд монографияи мазкур ба масъалаҳои матншиносии осори Садриддин Айнӣ иртибот дорад, вале зимнан ба таҳрирҳое, ки устод ҳангоми чопи муҷаддади асарҳояш анҷом додааст, ишора гардидааст.

Аз ҷумла таҳрири «Дохунда» ва, махсусан, бахши «Оташи ниҳонӣ»-и он ба таври муфассал мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. А. Кӯчаров бо диққату мулоҳизаи хос сабабу заминаҳои таҳрирҳои анҷомдодашударо дар матни асар нишон додааст. Муҳаққиқ хулосаи пажӯҳишҳои худро чунин ҷамъбаст мекунад: «Таҳрири дуюм аз ҷиҳати бандубаст, ифодаи фикр ва бадеиёт нисбат

ба таҳрири аввал пурқувваттар гардида, дар он меҳнати муайяни муаллиф сарф шудааст, ки ин хусусияти таҳрирро низ ба эътибор гирифтан лозим аст» [Кӯчаров: 1994, 49].

Дар китоб ҳамчунин дар бораи таҳрирҳое, ки аз ҷониби муаллиф дар матни «Марги судхӯр» ва «Одина» сурат гирифтааст, маълумот дода шудааст.

Муҳаққиқ дар бораи аҳамияти ин таҳрирҳо чунин ибрози ақида мекунад: «Таҳрироти минбаъда то чӣ андоза мутаносиб афтодани зоҳиру ботин ва сурату сирати шахси асосии асарро боз ҳам тақвият медиҳад. Қорӣ-Ишкамба дар бозор на танҳо ба анвои хӯрокворӣ, пӯшокӣ ва шираворихои аз пеши роҳаш бароянда беихтиёр даст мезанад ва шиками чун ҷуссаи шутур бузургашро пур мекунад, инчунин барои ягон имконияти шикампуркуниро аз даст надодан тамоми панҷ узви ҳиссиашро ба кор медарорад» [Кӯчаров: 1994, 50].

Ҷолиби диққат аст, ки соли 2013 китоби дигари А. Кӯчаров таҳти унвони «Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи устод С.Айнӣ» ба табъ мерасад. Муаллиф нахуст дар бораи таърихи фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ маълумот дода, ҷараёни онро ба чанд қисмат тақсим мекунад.

Ба ақидаи донишманди мазкур, яке аз ҷанбаҳои фаъолияти таҳриргарии Садриддин Айнӣ зимни омӯзиши номаву мактубҳои эшон равшан мегардад. Бахши дуюми фаъолияти муҳарририи ӯ марбут ба қайду эзоҳоте мебошад, ки дар ҳошияи осори нависандагон сабт намудааст. Ба ақидаи А. Кӯчаров, «Таҳрироти адабии Айнӣ, махсусан қайдҳои устод дар ҳавошии асарҳои адибону суханшиносони тоҷик, дорои аҳамияти калони илмӣ ва омӯзандагӣ буда, дар айни ҳол мавқеи ин шахсияти барҷастаи фарҳангиро дар такмили ҳунари нигорандагии нависандагон ва таҳаввули маънавию лафзии адабиёти тоҷик таъкид менамояд» [Кӯчаров: 1994, 78].

Шарҳу эзоҳ ва қайдҳои муҳарририи устод Айнӣ дар осоре, ки аз дигар забонҳо ба тоҷикӣ тарҷума шуда буданд, низ ниҳоят муҳиму арзишманд аст. Дар китоби мазкур бо далелу мисолҳои зиёд нақши Садриддин Айнӣ дар беҳбуду ислоҳи забони осори тарҷумашуда нишон дода шудааст, ки ин аз

муносибати ғамхоронаву ҷиддии ӯ ба кори муҳаррирӣ ва аҳамияти он дар зиндагии иҷтимоӣ гувоҳӣ медиҳад.

Тибқи таҳлилу тадқиқи А. Кӯчаров, устод ҳангоми қайду шаҳрҳо оид ба проблемаҳои тарҷума масъулияти тарҷумону муҳарририи осори тарҷумашуда мулоҳиза ронда, пеш аз ҳама, суханшинос ва нозукписанд будани эшонро таъкид мекунад. Дидгоҳҳо ва мулоҳизаҳои Садриддин Айнӣ оид ба тарҷума то ба имрӯз дорои аҳамияти бузурги илмию омӯзишӣ мебошанд.

Муаллиф менависад: «Баъзан Айнӣ маҷбур мешавад, ки нодурустии таъбирҳои ғалатро аз нигоҳи илмӣ исбот кунад. Дар ин мавридҳо устод чун забоншиноси нуктасанҷ ва ҷомеашиноси комил ба назар мерасад. Махсусан, вақте ки сухан оид ба имло ва тарзи навишти муҷмал, ваҳшонийят, мутамаддин барин калимаҳои адабӣ меравад, сатҳи илмии мулоҳизаҳои ӯ ба дараҷот тақвият меёбад» [Кӯчаров: 1994, 79].

Ба таври умумӣ таъкид кардан зарур аст, ки асари А.Кӯчаров дар самти шиносонидани фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ва вижагиҳои кори ӯ комилтарин асар маҳсуб мешавад.

### 2.2. Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори худи нависанда

Дар адабиёти ҷаҳонӣ, чи классикиву чи муосир, таҳрири осори адабӣ аз тарафи муаллифон падидаи маъмул аст. Намояндагони адабиёти пешини мо низ аксар дар матни таълифоти хеш таҳриру изофаҳое анҷом додаанд, ки дар боби пешин ба баъзеи онҳо ишорат шуд.

Аслан, таҳрир пас аз чопи аввали асари мавриди назар дар тӯли замон то нашри навбатии он анҷом дода шуда, сабабҳое, ки нависанда ё адиберо ба иҷрои он водор кардаанд, гуногун будаанд.

Садриддин Айнӣ ки ба кори муҳаррирӣ муносибати ниҳоят дақику ҷиддӣ менамуд, дар матни осори хеш низ таҳрирҳои зиёде ворид намудааст.

Дар зерфасли мазкур ба таври муфассал фаъолияти муҳарририи устод дар иртибот бо муҳимтарин осори худи нависанда мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегирад.

Миёни китобҳои устод романи «Дохунда» яке аз романҳои нахустин ва калонҳаҷм ба шумор меравад ва дар тӯли замон чанд маротиба ба чоп расидааст, вале қабл аз он ки ба табъ расад, аз ҷониби устод мавриди бозхонӣ ва таҳрир қарор гирифтааст. Шояд саволе дар миён афтад, ки сабаби таҳрири асар дар чӣ ниҳон аст? Тавре ки аз пажӯҳишҳои анҷомдодашуда бармеояд, сабаби асосии таҳрири «Дохунда» ба сиёсати ҳокимон ба замон иртибот мегирад.

Гап дар сари ин аст, ки дар романи «Дохунда» яке аз образҳои марказӣ Абдуллохоҷа мебошад, ки худ узви ҳизби коммунистӣ ва яке аз шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ буд. Аз ҷониби дигар, дар замони чопи асар диққату назорати масъулони ҳизби коммунист ба адабиёти бадеӣ ниҳоят ҷиддӣ буд. Ҳар як роман аз зери назари муқарризони сиёсӣ мегузашт ва дар сурати созгорӣ бо марому аҳдофи ҳизб, иҷозати чоп мегирифт, «Дохунда» низ чунин марҳилаеро тай намуд. Дастхати романи «Дохунда» ҳангоме ки барои мутолиа ва назархоҳӣ ба яке аз масъулони ҳизбӣ бо номи А. М. Дяков фиристода мешавад, номбурда дар матни роман «норасоиҳои сиёсӣ»-ро, махсусан, дар тасвири образу

ҷаҳонбинии Абдуллохоҷаи коммунист ошкор менамояд. Ба андешаи муқарриз, Абдуллохоҷа натавонистааст, миёни болшевикҳо ва ҷавонбухориён фарқ гузорад, тафовути онҳоро нишон диҳад. Ба қавли он мунаққиди сиёсӣ, «Масалан, Абдуллохоҷа дар саҳ. 296 – 310 мақсади ҷадидонро баён мекунад. Он чизе, ки мегӯяд, монанди роҳи сиёсии болшевикҳо аст. Мақсад болшевикӣ ва ҷадидиро пайвастан. Дар баёни онҳо як тафовути асосӣ, ки ҳаст, нишон надодан дуруст нест» [Кӯчаров: 1994, 47].

Ҳарчанд ин нома ба назар мисли баёни як андешаи одиву маъмулӣ мерасад, дар асл як навъ дастуру фармони таҷдиди назар намудан дар матн буд, ки устод бояд бечунучаро иҷро менамуд ва матнро ба талаби сиёсии диёр мувофиқ месохт.

Нависанда соли 1930 иншои «Дохунда»-ро ба поён расонида буд ва дар нусхаи аввал боби «Оташи ниҳонӣ», ки ба тасвири образи Абдуллохоҷа бахшида шудааст, аз панҷ саҳифа зиёд набуд. Танҳо пас аз дарёфти номаи масъули сиёсӣ ва «ошкор гардидани камбудиҳои сиёсӣ» нависанда образро густаришу камол дода, ба ёздаҳ саҳифа мерасонад.

Барои равшан шудани масъала мисоле аз таҳрири якуму дуюм меорем:

Таҳрири аввал: «Мо хостем, ки саҳвҳои гузашта такрор нашавад. Чунончи, дар инқилоби гузашта – воқеаи Колесуф оммаи аҳолӣ бехабар монданд, ҳатто онҳое ҳам, ки аъзо ва хайрхоҳи тӯдаи ҷавонбухориён буданд, бехабар монда, ба воқеаи Колесуф монанди як воқеаи ногаҳонӣ вохӯрданд. Чӣ кор кардани худро надониста ва натавониста ба дасти амиру ҷаллодонаш гирифтор гардиданд.

Аҳолӣ ҳам ки аз ҳама чиз бехабар буд, барои халосӣ ёфтан аз тороҷи «мужикон – болшевикон» ба таъсири муллоён ва фармони амир афтода, ба муқобили ҷавонбухориён баромаданд» (Д., саҳ. 271) [Кӯчаров: 1994, 45].

Таҳрири дуввум: «– Рост аст, ки ҷадидон ба Колесуф як шуда ва ба ёрмандии ӯ ба амир ҳуҷум карданӣ шуданд, лекин дар ин кор якдила набуданд… Сабабаш ҳамин буд, ки дар рӯзҳои воқеаи Колесуф бо бекор шудани як қушбегӣ (Мирзои урганҷӣ), бо қӯшбегӣ шудани каси дигаре

(Усмонбек) ҷадидон ба ҳусули муддаои худ умедвор шуда шодиҳо мекарданд. Вақте ки амир аз ин «тап – тапи зағома» натарсида корро ба ҷанг анҷомонид, боз ҳам ҷадидон аз дудилагӣ набаромаданд… Лекин аҳвол ҳамин тарз шуда истода Колесуфро, ки пеш аз ҳуҷум ташвиқот бурданро лозим медонист, «сӣ ҳазор нафар инқилобчии мусаллаҳи дар даруни Бухоро тайёр дорем» гуфта, фиреб доданд (Д., саҳ. 271) [Кӯчаров: 1994, 45].

Муҳаққиқи варзида А. Кӯчаров, ки пажӯҳишҳои арзишманде доир ба осори Садриддин Айнӣ анҷом додаст, аҳамияти таҳрири дуюмро дар комил шудани «Дохунда» ниҳоят арзишманд арзёбӣ мекунад.

Ба андешаи донишманди мазкур, таҳрири дуввум, махсусан, дар пухтагиву равонии забони роман ва хусусиятҳои поэтикии асар таъсири ниҳоят амиқ дошт, зеро нависанда бо як маҳорату ҳунармандии хос симои воқеии Абдуллохоҷаро бо истифодаи ташбеҳу истиораҳои ниҳоят дилчаспу гӯшнишин тасвир намуда буд: «Истифодаи мақолу зарбулмасал, ташбеҳу истиора ва дигар санъату воситаҳои тасвири бадеӣ рӯҳи миллӣ ва хусусиятҳои ҳиссиву эстетикии пораҳои алоҳидаи матнро афзуда, маъниро завқовартару нишонрастар гардонидааст. Ба «гурги бедандон» ва «мурғи бечангол» нисбат додани давлатмандони аз сарвату дороияшон маҳруммонда боиси ифодаи ҷаззобу фасеҳи майли халқиву моҳияти иҷтимоии Инқилоби Бухоро гаштанд» [Кӯчаров: 1994, 43].

Нуктаи дигаре, ки аз ҷониби олим таъкид шудааст, ҷанбаи манфии таҳрири дуввум аз нигоҳи мазмуни ғоявии асар аст, ки бар асоси дидгоҳҳои сиёсӣ-идеологии солҳои сиюм сурат гирифтааст, яъне комилан ба назар нагирифтани нақшу мавқеъ ва муборизаи ҷадидҳову ҷавонбухориён, ки ҳадафҳои онҳо заминаву бунёди миллӣ доштанд. Омӯзишу тадқиқи кору фаъолияти ҷавонбухориён бар асоси тадқиқоти муҳаққиқони адабиёт ва таърихнигорон гувоҳ бар он аст, ки аксари онҳо узви ҳизби коммунист буданд ва дар омодасозиву амалигардонии Инқилоби Бухоро нақши босазо доштанд. Барои амалӣ шудани ин мақсад тақризи масъули сиёсӣ доир ба «Дохунда»

беасар набуд. Дар таҳрири дуюм Абдуллохоҷа перомуни ҷадидҳо чунин изҳори ақида мекунад:

*Ҷадидҳо?.. Ҷадидҳо хеҷ кор карда наметавонистанд ва пас аз ин ҳам ҳеҷ кор карда наметавонанд, дар асл ҳам онҳо ягон кори дуруст карданӣ набуданд, «давидани гӯсола то каҳдон» гуфтаанд; ниҳояти матлаби инҳо «ислоҳи мактаб», «ислоҳи мадраса» ва «ислоҳи ҳукумати амир» буд. Худ аз худ маълум мешавад, ки ислоҳи як чиз нест кардани он чиз не, балки дурусттар карда пойдор намудани он чиз аст. Дуруст аст, ки ҷадидҳо ба сабаби ин талабҳои хурди худ аз амир хеле зулм диданд, хеле кушта шуданд; дар натиҷаи ин ҳол ба шахси амир ва ба чанд нафар калонони дарбори амир душман ҳам шуданд. Бо ин ҳама гуфта намешавад, ки онҳо ба амир муқобиланд* (Д., 271-271).

Равшан аст, ки дар ин порча дигар аз он дилбохтагиву меҳру алоқае, ки Абдуллохоҷа ба ҷадидону ҷавонбухориён дошт, нишоне намондааст.

Бояд гуфт, ки аксари айнишиносон зимни арзёбии роҳи эҷодии устод Айнӣ ба ин нукта ишорат намудаанд, ки, агарчанде таҳрири устод дар қисмати образи Абдуллохоҷаи коммунист характери маҷбурӣ дошт, вале аз нигоҳи бандубаст, бадеият, баён, забону сохтори он асарро нерӯманду қавӣ гардонид.

«Марги судхӯр», ки метавон аз машҳуртарин асарҳои устод шуморид, аз лиҳози омӯзиши проблемаҳои таҳрир ҷолиби диққат аст.

Бояд қайд намуд, ки устод замони барҳаёт будан ду маротиба ба таври ҷиддӣ «Марги судхӯр»-ро бозхониву таҳрир намудааст. Ба ҷанбаи кори муҳарририи нависанда дар қиссаи «Марги судхӯр» муҳаққиқони зиёде, аз қабили С. Салоҳ, Н. Маъсумӣ ва А. Кӯчаров диққати хос додаанд.

Тавре ки маълум аст, қисса нахустин бор соли 1939 ба нашр расид ва чопи ҳамаҷониба таҳрирдидааш дар соли 1953 сурат гирифт, вале то соли 1953 матни тоҷикии асар дар соли 1948 дар дохили «Асарҳои мунтахаб» ба чоп мерасад. «Баъзе муҳаққиқон, – менависад А. Кӯчаров, – аз ҷумла, Н. Маъсумӣ ва Иржи Бачка бар онанд, ки ҳам матни соли 1948 ва ҳам матни соли 1953 таҳрир дидаанд. Қиссаи «Марги судхӯр» се чопи асосии китобиро аз сар гузаронидааст: соли 1939 чун китоби алоҳида, соли 1948 дар шакли аз нав кор

кардашуда дар дохили «Асарҳои мунтахаб» ва дар охир бобҳои иловагардида дар маҷаллаи «Садои Шарқ» [1952, М9 ва №10] ва матни пуррааш соли 1953 ба табъ мерасад» [Кӯчаров: 1994, 54].

Садриддин Айнӣ дар муқаддимае, ки барои чопи 1953 нигоштааст, дар атрофи таҳрири «Марги судхӯр» маълумоти муфассал медиҳад. Аз ҷумла, устод перомуни масъалаҳое баҳс мекунад, ки бознигарӣ ва таҳрирашон зарурати замон будааст. Нависанда қайд мекунад, ки «дар вақти дубора кор кардани асар мазоминҳои векселиро ҳам, ки ба судхурӣ вобастагии қавӣ дошт, Қорӣ – Ишкамба ҳам ба ин кор машғул шуда ва дар таърихи иқтисодиёти Бухорои амирӣ як саҳифаи пурфоҷиаеро ташкил мекард, тасвир намуда, ба ҷоҳои муносиби асар даровардам» [Айнӣ: 2015,9].

Қобили қайд аст, ки бархӯрди муҳаққиқони мазкур перомуни таҳрири «Марги судхӯр» аз ҳам фарқ мекунад. Зимни таҳқиқ таваҷҷуҳи Н. Маъсумиро бештар ҷанбаҳои забонии асар ва таҳрире, ки дар заминаи хусусиятҳои синтаксисии матни асар анҷом шудааст, ба худ мекашад. Ба андешаи Н. Маъсумӣ, дар таҳрири дуввуми асар Садриддин Айнӣ саъю кӯшиш намуда, то забони асарро ба сатҳи забондонии хонандагон созгор намояд, аз бештари калимаҳои гуфтугӯйӣ, ки хоси лаҳҷаи Бухоро буданд, даст кашад. Ин аст, ки дар таҳрири дуввум калимаву вожагони китобӣ ҷойи вожагони лаҳҷагиро танг месозад [Маъсумӣ: 1959, 67].

Муҳаққиқ С. Салоҳ низ зимни муқоисаи таҳрири аввалу дуввум ба чунин натиҷа мерасад, ки дар таҳрири дуввум диққати асосӣ бештар ба ҷанбаҳои забонии асар нигаронида шудааст: Мавсуф барои тасдиқи андешаи хеш мисолҳои фаровонеро ҷамъоварӣ намудааст, ки мо ба баъзеи онҳо ишора менамоем. Масалан, «ба ҷойи салла» – дар чопи дуюм бештар «дастор», баъзан ба ҷойи «муллобача» – «талаба», ба ҷойи «ука» – «додар», ба ҷойи «каллапӯш» – «тоқия», ба ҷойи «даракдод» – «нишондод», ба ҷойи «пул карда диҳам» – «фурӯхта диҳам», ба ҷойи «духтурхона» – «беморхона», ба ҷойи «каклик» – «кабк», ба ҷойи «киса» – «ҷайб» –ро истифода намудааст.

Феълҳои «ҳамроҳ кардан»-ро бо «илова кардан», «яла кардан»-ро бо «кушодан», «ғун шудан»-ро бо «ҷамъ шудан», «навқончинӣ»-ро бо «хӯшачинӣ», «ёзидан»-ро бо «хобидан», «нигарон шудан»-ро бо «мунтазир шудан», «тиққондан»-ро бо «андохтан» иваз карданд [Салоҳ: 1965].

Тадқиқотчиёни дигар бар ин назаранд, ки «аксари калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйие, ки тобишҳои услубиашон пурқувват буда, барои ифодаи равшану возеҳи симоҳои қисса ва мақсадҳои ғоявии нависанда мусоидат доранд, дар таҳрироти охирин низ мавқеашонро нигоҳ доштаанд. Аммо ҳиссачаҳои дар матнҳои аввалаи қисса фаровон – ку, –дия, – канӣ, – мӣ дар таҳрири охирин аз истеъмол бароварда шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки дар оғози солҳои сиюм бар асари сиёсатҳои нодуруст калимаву иборахои зиёде бо номи «русӣ – интернатсионалӣ» вориди забони тоҷикӣ шуданд. «Албатта, ин бемории ба осори бадеӣ низ сироят кард, ки қиссаи «Марги судхӯр» аз он қатор истисно набуд. Садриддин Айнӣ дар таҳрири охирин онҳоро ба муродифҳои тоҷикиашон иваз намудааст» [Салоҳ: 1965].

Омӯзишу муқоисаи таҳрирҳои қисса нишон медиҳад, ки ҳар яке сабабу заминаи хосе доштааст, ки боиси беҳтару расотар шудани матн, пухтагии калом, ҷанбаҳои зебошинохтии асар гардидааст. Гоҳо бо илова шудани қайду изофоте ба матн қисмате аз предметҳои тасвиршуда равшантару мушаххастар шудаанд.

Масалан, дар матни асар лаҳзаҳои аҷибе аз сартарошии Қорӣ -Ишкамба инъикос шудааст. Вақте Қорӣ-Ишкамба саллаашро мехоҳад, ба мехи лунгиовезӣ овезон кунад, сартарош монеъ мешавад. Дар таҳрири аввал сабаби ин амали сартарош маълум нест, вале дар таҳрири дуюм сабаби эътирози сартарош равшан мегардад.

Барои исботи андеша як пора матнро аз ҳар ду таҳрир меорем.

Таҳрири аввал: «Ман гумон кардам, сартарош хуб медонист, ки як салла чӣ қадар калон ҳам бошад, бо вазнинии худ як мехро шикаста наметавонист. Бояд мақсади ӯ аз роҳ надодани саллаи Қорӣ ба сари мехи лунгиовезӣ нигаҳдории лунгиҳои худ аз чирки саллаи ӯ бошад. Дуруст аст, ки саллаи Қорӣ-

Ишкамба хеле калон буд, аз дастори ҳар гуна муллоҳои саллакалон қариб дучанд меомад. Бо вуҷуди ин он қадар вазнинӣ надошт, ки як мехро шиканад» [Салоҳ: 1965].

Таҳрири дуюм: «Дар ҳақиқат, саллаи Қорӣ – Ишкамба бисёр калон буда, аз дастори ҳар гуна муллоҳои саллакалон ду баробар меомад, бо вуҷуди ин вай он қадар вазн надошт, ки мехи лӯнгиовезиро шиканад. Шояд бар мехи лӯнгиовезӣ ба гузоштани он салла роҳ надодани сартарош барои он бошад, ки вай бисёр чиркин буд ва ба болои лӯнгиҳои мӯйсаргирӣ истодани он саллаи чиркин сабаби нафрати мӯйсаргирони дигар мешуд» [Салоҳ: 1965].

Чи тавре ки мебинем, дар таҳрири дуюм иллати ба мехи лӯнгиовезӣ иҷозат надодани сартарош саллаи Қориро мушаххастару барҷастатар намудааст. Гузашта аз ин, зишту нафратовар будани кори Қорӣ боз ҳам бештар таъкид мешавад.

Садриддин Айнӣ дар таҳрири дуввум, махсусан барои пурқувват сохтани образҳои қисса ба ҷиҳатҳои гуногуни хислату кирдори онҳо, хулқу атвор ва муносибати онҳо таваҷҷуҳи зиёд намудааст. Кӯшиш намудааст, ки ба ҳар роҳу восита, ҳатто бо хурдтарин иловаву изофаҳо қаҳрамонони худро беҳтару зиндатар нишон диҳад.

Онҳое, ки қиссаи «Марги судхӯр»-ро хондаанд, медонанд, ки Қорӣ-Ишкамба чӣ гуна резаҳои хӯрокро аз дандонҳояш берун мекашид ва боз дубора фурӯ мебурд. Ҳамин эпизод дар ду таҳрир аз ҳам фарқ мекунанд. Дар нашри соли 1953 тасвири ин ҳолат пурратару пухтатар шудааст. Масалан, дар таҳрири аввал аз ҷониби шахси сеюм чунин зикр шуда буд: «Сар бардошта нигоҳ кардам, ки Қорӣ-Ишкамба аст. Ба дасташ дандонхилол, дандонҳояшро мековад [Салоҳ: 1965].

Ҳамин қисмат дар таҳрири дуввум хеле васеъ ва барҷаста баён шуда, ки боиси саҳеҳтар шудани гӯшаҳои ҳаҷвии асар гардидааст. Таҳрири дуюм: «Ман сар бардошта ба саломдиҳанда нигоҳ кардам. Ин Қорӣ-Ишкамба буд ва ӯ бо дандонхилоли аз чӯби газ тарошида дандонҳояшро мекофту резаҳои хӯроки аз байни дандонҳояш ба нӯги дандонхилол банд шуда баромадаро ба дасташ

гирифта, ба тарафи вай як нигоҳ мекард ва баъд резаро дубора ба даҳонаш андохта, мехӯрд» [Салоҳ: 1965].

Садриддин Айнӣ дар таҳрири қисса ҳамчунин ба муколима ва гуфтугӯйи персонажҳои асар низ ҷиддияти хос зоҳир намудааст. Махсусан, гуфтугӯйи онҳо бознигарӣ шуда, гоҳо бо зарбулмасалу мақол, ибораҳои фразеологӣ пурқувват карда шудааст.

Ҷанбаи дигаре, ки зимни таҳрир устод ба он бисёр такя намудааст, пурқувватсозӣ ва такмили муколамаи персонажҳои асар, махсусан, аҳли бозор мебошад. Бояд гуфт, ки аксари саҳнаҳои муҳовара, ки таҳриру бознигарӣ шудаанд, ба амалиёту симои зоҳиру ботини Қорӣ-Ишкамба тааллуқ доранд.

Масалан, яке аз лаҳзаҳои диққатҷалбкунанда тасвири дуздидани пулҳои Қорӣ ва аксуламали ӯст, ки дар ду таҳрир аз ҳам фарқ мекунанд. Дар нашри соли 1939 нависанда ин «бадбахтӣ»-и Қорӣ-Ишкамбаро ба таври мӯъҷаз бо чанд ҷумлаи кӯтоҳ баён медорад. Вале дар нашри соли 1953 саҳнаи гум шудани пул ва ҳолати психологии қаҳрамон ба воситаи тасвирҳои ҷаззоб комил шудааст.

Таҳрири аввал: «Дар даруни сарой одамони миршаб ва даҳбошии ҷиреб (район) менамуданд, онҳо бо гармӣ бо якдигар дар гуфтушунид буданд, дар миёнаи онҳо Қорӣ-Ишкамба шаҳд рафта фарёд мекашид, «Вой хонем сӯхт» – гӯён риши худро меканд ва рӯйи худро медарид» [Салоҳ: 1965].

Таҳрири дуюм: «Дар миёнаи давраи одамони ҳокимони шаҳрӣ Қорӣ-Ишкамба, дар ҳолате ки саллаи калонаш каловавор ба гарданаш фуромадагӣ буд, монанди навҳагарон ба ҳар тараф хам хӯрда, торҳои риши худро бо ангуштонаш канда «Вой хонаам сӯхт, вой ҷонам ба лаб омад, вой ҷонаки азизам аз даст рафт!» — гӯён фарёд мекашид; гоҳо бо нохунҳои худ рӯяшро харошида хуншор мекард; гоҳо гиря гулӯгираш гардида, бе он ки чӣ гуфтанаш маълум шавад, монанди саге, ки дар обмӯрии боғ даромада, ба паси худ аз боғбон зарбаҳои ҷонкоҳ мехӯрда бошад, нӯла мекашид…» [Салоҳ: 1965].

Қаҳрамони дигаре, ки дар қиссаи нависанда дар тасвири симояш таҳрир сурат гирифтааст, Раҳими Қанд мебошад.

Тавре ки маълум аст, Раҳими Қанд дар асар симои мусбат ба шумор меравад. Мувофиқи қоида вақте ки қаҳрамоне дар асар ҷанбаҳои мусбат дорад, бояд тамоми рафтору кирдораш ба образаш мувофиқат дошта бошад. Вале, мутаассифона, дар нашри 1939 дар баъзе вазъиятҳо амалу кирдораш тавре акс ёфтааст, ки ӯро ҳамчун як шахси ҳарису гурусначашм, камҳиммат тасвир мекунад.

Масалан: «Раҳими Қанд танбӯрро ба девор рост монда, худашро рост ба болои табақи палав партофт» [Салоҳ: 1965].

Ҳамин ҳолат дар таҳрири дуюм ба таври қобили мулоҳиза тағйир дода шудааст.

Таҳрири дуюм: «Раҳими Қанд бе рухсати касе аз танбӯрнавозии маҷбурӣ халосӣ ёфт, чунки шарикон хӯрдани палавро аз шунидани танбӯр муҳимтар медонистанд» [Салоҳ: 1965].

Чӣ тавре ки дида мешавад, дар нашри дуюм устод саъй намудааст, ки бо ишоратҳои кӯтоҳу нишонрас шахсонеро аз ҷамъияти он рӯза зери тозиёнаи ҳаҷву танқид бигирад, ки фарҳангу ҳунар барояшон бегонаву беарзиш буд ва аксар бандаи нафсу шикамчаронӣ буданд.

Дар таҳрири дуввум нависанда гоҳо барои тасвиру тавсифи барҷастатари образи Қорӣ-Ишкамба аз суханони шоирони маъруф истифода мекунад. Гоҳо дар гуфтаи шоирон тағйири ҷузъӣ медарорад, вале ин ба маънӣ халал намерасонад, балки мақсадро возеҳу равшан ва таъсиргузор мекунад.

Масалан, муаллиф гуфтаҳои Раҳими Қандро, ки аз чашмгуруснагӣ ва ҳарисии Қорӣ озорҳо дидаву шикоят мекунад, аз забони шахси сеюм чунин тақвият мебахшад: «Ҳарчанд Саъдии Шерозӣ гуфтааст, ки –«Чашми танги дунёдорро ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр», – ман мегӯям, ки «Чашми танги дунёдорро на қаноат пур кунад, на хоки гӯр» [Салоҳ: 1965].

Қобили зикр аст, ки ба андешаи С. Салоҳ, гоҳо на ҳама таҳрирҳои суратгирифта қобили қабул ва саҳеҳ ба назар мерасад.

Муҳаққиқи мазкур барои тасдиқи назариёти худ мисолҳои зиёде ҷамъоварӣ намуда, ки мантиқӣ ба назар мерасанд. Ба қавли С. Салоҳ, гоҳо баъзе

аз иборахои маъмулу рехтаи тоҷикӣ, ки дар нашри якум буданд, дар нашри дуюм бемавқеъ бардошта шуданд. Дар бораи як ибора чунин изҳори ақида менамояд:

«Думи меҳмонон канд» ибораи мӯъҷаз ва рехтаи халқист, ки тобиши мутоибавӣ дорад ва дар маъракаву тӯйхонаҳо борҳо шунидаем. Ин ибора дар контекст бисёр бамавқеъ омадааст. Ибораи «соҳиби тӯй» дар нусхаи сонӣ ба «касони дар тӯй хизмат мекардагӣ» табдил ёфтааст. Ва ҳол он ки мантиқ ва сюжети қисса тақозо мекунад, ки Қорӣ-Ишкамба ҳатман бояд ба соҳиби тӯй муроҷиат кунад, на ба касони дар тӯй хизмат кардаистода, то ин ки тӯшаи дурусттаре рӯёнад ва муддаои Қорӣ ҳам ҳамин аст [Айнӣ: 2015, 3–6].

«Дар вақти таҳрири ин порчаҳои нав, қайд кардани рақобат ва зиддиятҳои байни судхӯрони шаҳр ва саҳроро бо ҳамаи ин дар мавриди тороҷ кардани деҳқонони меҳнаткаш бо ҳам созиш карда аз як гиребон сар баровардани онҳоро фаромӯш накардам ва инчунин дар рафти воқеаҳои саҳро як шахси реалии намояндаи ҳукумати Бухороро иштирок кунонда, дар тороҷи деҳқонон чӣ гуна ёрӣ додани онро, ҳатто дар вақти боло гирифтани зиддияти байни судхӯрон ба воситаи ӯ ба сӯзиш омадани онҳоро нишон додам» [Айнӣ: 2015, 9].

Қобили қайд аст, ки аз олимони айнишинос А. Кӯчаров ба таври васеъ дар бораи таърихи таҳрири қиссаи «Марги судхӯр» ва ҷузъиёти он аз ҷониби устод тадқиқоти судмандеро анҷом додааст.

А. Кӯчаров дар тадқиқоти худ сараввал сайъ намудааст, ки таърихи пайдоиши қиссаи «Марги судхӯр»-ро тадриҷан баён намояд. Аз маълумоти гирдовардаи муҳаққиқ маълум мешавад, ки асари мазкур муддати бист сол зеҳну ҳуши нависандаро ба худ машғул доштааст ва асаре, ки устодро ба таълифи қиссаи «Марги судхӯр» барангехта, тарҷумаи тоҷикии «Марги чиновник»-и А. П. Чехов будааст [Кӯчаров: 1997, 49].

Донишманди фозил А. Кӯчаров ҳамчунин қайд менамояд, ки дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон матбаа бо ҳуруфи арабӣ аз нав таъсис мегардад. Ба ин муносибат асарҳои бархе аз нависандагонро барои чоп бо ҳуруфи ниёгон пешниҳод менамоянд. Академик Бобоҷон Ғафуров аз миёни

китобҳои пешниҳодшуда маҳз «Марги судхӯр»-ро ба чоп тавсия менамояд [Кӯчаров: 1997, 55].

Аз ин сабаб таҳрири қисса ниҳоят тез сурат мегирад. Аз ҷониби дигар чунин асар барои форсизабонон нашр мегардад, бояд забонаш ба андозае ба забони форсии муосир созгор карда мешуд.

Таҳриру такмил ба андозае ҷиддӣ будааст, ки чопи таҳриршуда аз чопи соли 1939 аз нигоҳи ҳаҷм ду баробар зиёд буд.

Баррасии ҳамаҷонибаи ҷузъиёт дар асар нишон медиҳад, ки нависанда ҳангоми такмили мазмуну муҳтавои асар кӯшиш намудааст, ин корро ба воситаи таҳрири ҳаматарафаи симои қаҳрамони асосӣ Қорӣ-Ишкамба ба сомон расонад. Аз ҷумла, андешаву афкори Қорӣ роҷеъ ба молу сарват ва роҳҳои нигаҳдошту афзоиши он таҳлилу такмил шуда, ҳамзамон сабабгори нерӯманд шудани мавзуи асар гардидааст. Дар ин бора А. Кӯчаров чунин изҳори ақида мекунад: «Аввалан, таҳрироти минбаъда хонандаро водор мекунад, ки ба симои зоҳирӣ ва сурати хандаовари Қорӣ-Исмат дурусттар зеҳн монад. Масалан, барои тасдиқи «Шумо ба мӯйсаргирӣ пули бисёр сарф намекунед… шумо дар ду моҳ як бор мӯйсар мегиред ва музди дастро ҳам баробари нимаи музди дигарон дода, мегурезед», – гуфта шикоят кардани сартарош минбаъд аз номи талабаи мадраса порчаи зерин илова мегардад: «Ман аз ин суханони сартарош огоҳӣ ёфта, ба сари Қорӣ-Ишкамба бо диққат назар андохта дидам, ки дар ҳақиқат мӯйсараш монанди зиндониёни даври амирӣ баланд расида, то пешонӣ ва буни гарданаш фуромадагӣ буда, торҳои муйсараш ба торҳои ришаш монанди тору пуди дар дастгоҳи бофандагӣ бофташуда ба ҳам печида буданд ва бар хилофи сарҳои одӣ дар теппаи сараш ба қадри кафи даст як ҷойи бемӯй ҳам менамуд» [Айнӣ: 2015, 12].

Бознигарӣ ва таҳрироти паёпайи устод чунин имконро фароҳам овардааст, ки симои зоҳирӣ ва ботинии Қорӣ-Ишкамба, сурату сираташ бо ҳам муносибу созгор афтанд.

Андешаву тааммул дар атрофи образи Қорӣ-Ишкамба устодро ба сӯйи таҳрирҳои нав мебарад. Тасвиру тавсифи ҳамаҷонибаву фарохи одатҳо,

шеваҳои бархӯрдаш ба молу сарват, ба анвои хӯрданиҳо дар бозор ва чойхона ва растаҳои хӯрокворифурӯшиву ширинифурӯшӣ сурат мегирад. Нависанда ба бархе ҷумлаҳо иловаву изофотро анҷом медиҳад, ки камолу пухтагии лаҳзаҳоро сабаб мегардад.

Чунончи:

Матни соли 1939: «Қорӣ оташи лампаро қадре паст карда, шишаашро ба остинаш гирифта ба даруни хона гузошт» [Айнӣ: 2015, 41].

Матни соли 1953: «Қорӣ лампаро баъд аз қадре пастар кардани пилтааш шишаашро бо дасташ гирифта, ба замин гузошт. Магар шишаи лампа бисёр тафсон буда, дасташро сахт сӯзонд ки:

– Воҳ, воҳ, дастакам! – гӯён ӯ панҷаашро ба пеши даҳонаш бурда, «пуф-пуф» гӯён барои таскин додани сӯзиши сари ангуштонаш кӯшиш мекард.

– На ин ки шишаи тафсонро бо дастатон гиред! – гуфтам ман ба ӯ бо оҳанги афсӯсхӯрӣ. – Бояд бо остин ё ин ки бо рӯймолчаатон мегирифтед.

– Хайрият, ки бо остин ё ин ки бо рӯймолчаам нагирифта будаам, – гуфта Қорӣ, дар ҳолате ки ҳанӯз сари ангуштонашро «пуф-пуф» мекард, – дар он вақт остин ё рӯймолча парт шуда нобуд мегардид, ки товони вайро ҳеҷ кас намедод ва ба ман зарари калон мерасид. Даст сӯзад, ямоқаш аз худаш аст, худ ба худ дуруст мешаваду меравад ва маро ҳеҷ бало намезанад ва зарар ҳам намерасад…» [Айнӣ: 2015, 51].

Мавзуи дигаре, ки зимни таҳрири «Марги судхӯр» мавриди назари нависанда будааст, пурқувват сохтани заминаҳои ҳаҷвнигорӣ дар матн ва вусъати моҳияти иҷтимоии он мебошад.

Аз дидгоҳи А. Кӯчаров, Садриддин Айнӣ дар таҳрири қиссаи хеш таваҷҷуҳи зиёд ба ҷанбаи ҳунарӣ, поэтикии асар намудааст. Бадеияти матни асар, хусусиятҳои ҳиссӣ-тасвирии он дар маркази диққати ӯ будааст. «Аз ҷумла, воҳидҳои фразеологии ҳангоми таҳрирҳои минбаъда иловашуда чун «ба замин чашм дӯхтан», «дар оташи ҳирсу ҳасад сӯхтан», «дилпур будан», «аз касе дил бад бурдан», «аз даҳони касе бӯйи шир омад», «гулӯи касеро равған

кардан», «лингро аз осмон овардан» ва ғайра баёнро рехтаву мӯҷаз намудаанд» [Кӯчаров: 1997, 68].

Арзёбӣ ва таҳқиқи мисолҳо моро ба ин натиҷа мерасонанд, ки нависанда барои камолу барҷастасозии бадеияти асар бештар аз воситаҳои тасвири бадеӣ: ташбеҳу истиора, маҷозу муболиға ва ғ. истифода намудааст, ки исботи онро мо дар таҳрир мебинем. Ҳар таҳриру иловае, ки дар матн сурат гирифта, дар инъикоси хислатҳои зишти Қорӣ-Ишкамба мисли баднафсӣ, ҳарисӣ, чашмгуруснагӣ, бетамизӣ нақш доранд:

Нашри соли 1939: «– Хуб, барои аберааш нею барои худо боз як хӯрок диҳед, дуо мекунам. Илоҳӣ тӯйи фарзандонатонро бинед».

Нашри соли 1953: «– Хуб, ба ҳисоби наберааш нею, барои худо боз як белча гулқанд диҳед, ки меъдаам хунук шуда рафта, аз иштиҳо мондаам. Дуо мекунам: илоҳӣ тӯйи фарзандонатонро бинед!

– Хайрият, ки меъдаатон хунук шуда аз иштиҳо монда будаед, вагарна тамоми дунёро нахоида фурӯ мебурдед, – гуфт аттор бо оҳанги нимшӯхию нимҷиддӣ…» [Айнӣ: 2015, 20].

Қобили қайд аст, ки А. Кӯчаров низ мисли муҳаққиқ С. Салоҳ пас аз пажӯҳишу таҳқиқи таҳрири қисса бар ин хулоса омадааст, ки таҳриру тағйироти нашри 1953 ба матни асар таъсири манфӣ низ расонидааст. Яке аз сабабҳои аслии иштибоҳот дуруст баргардон нашудани матн аз алифбои арабист.

«Аксари калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйие, ки тобишҳои услубиашон пурқувват буда, барои ифодаи равшану возеҳи симоҳои қисса ва мақсадҳои ғоявии нависанда мусоидат доранд, дар таҳрироти охирин низ мавқеашонро нигоҳ доштаанд. Аммо ҳиссачаҳои дар матнҳои аввалаи қисса фаровони – ку, – дия, – канӣ, – мӣ дар таҳрири охирин аз истеъмол бароварда шудаанд:

Нашри 1939: «– Хона диҳам-мӣ? – гуфта мепурсидам» [47].

«– Канӣ, марҳамат кунед, асп тайёр шуд, – гуфт» [53].

«– Пойи бойбачаҳо нозук мешудааст-дия» [42].

Нашри 1953 «– Хона диҳам? – гуфта мепурсидам» [59].

«–Марҳамат кунед, асп тайёр шуд, – гуфт» [65].

«–Ниҳоят дараҷа нозук будани пойи бойбачагонро акнун фаҳмидам» [Кӯчаров: 1997, 52].

Пас аз «Марги судхӯр» устод Садриддин Айнӣ беш аз ҳар асари дигар ба ду ҳикояҳои машҳури хеш «Аҳмади Девбанд» ва «Мактаби кӯҳна» таваҷҷуҳи хоса дошта, дар матни онҳо таҳрирҳои заруриро анҷом додааст.

Ҳикояи «Аҳмади Девбанд» соли 1928 дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» ба чоп расида буд. Худи устод, замоне ки онро барои чопи дуюм омода месохт, чунин навишта буд: «Ман нахостам, хонандагони ҷавоне, ки баъд аз он (баъди соли 1929) ба майдон омадаанд, коргар ва колхозчиёне, ки баъд аз он саводнок шудаанд, аз мутолиаи ин порча маҳрум монанд. Бинобар ин имсол (соли 1936 – К.А.) дубора кор кардам, баъзе нуқсонҳои таҳририашро ислоҳ намудам ва ба китобхонаи адабиёти нафисаи бачагон ва меҳнаткашони калонсоли бесавод пешкаш карданашро муносиб дидам» [Айнӣ: 1989, 19].

Зимни таҳрири мазмун ва даровардани изофот нависанда кӯшидааст, мундариҷаи зоҳирӣ ва ҳадафи ҳикояро пурра намояд. Муаллиф бо илова намудани калимаву таркибот, ҳамзамон бо комилсозии матн муносибати хешро ба падидаҳову ҳодисаҳои дарҷшуда нишон медиҳад. Масалан, дар нашри нахустини «Аҳмади Девбанд» ва нашри дуюми он соли 1936 мо бо мисолҳои фаровоне дучор мешавем, ки аз таҳрири ҷиддии устод дарак медиҳанд.

Ҳикояи «Мактаби кӯҳна» бошад, нахуст соли 1935 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ва баъдан дар шакли китоби алоҳида дар тӯли замон беш аз 8 маротиба ба чоп расидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки ҷузъиёти кори муҳарририи нависанда дар асарҳои зикршуда аз ҷониби донишманди фозил А. Кӯчаров ниҳоят муфассал таҳқиқ шудааст. Ба андешаи номбурда, таҳрир аз ҷониби нависанда дар заминаҳои гуногун, аз ҷумла дар муҳтаво, тасвири шахсиятҳо, забони ҳикояҳо ва сабку услуби онҳо сурат гирифтааст [Кӯчаров: 1997, 68].

«Не, мо ҳамон шаб рӯй пинҳон кардем. Ҷамолиддин Амин дар миёна даромада, аз ҳама атроф боз 3 ҳазор танга ғундошта, ба чор ҳокими Ғиҷдувон дод» [27].

Нашри 1936: «Не, – гуфт Гӯппон, – ҳамон шаб мо – тарфбозони машҳур, рӯй пинҳон кардем. Ҷамолиддин Амин дар миёна даромада, аз ҳамаи тарфбозон 3 ҳазор танга ғундошта, як қисмашро худаш хӯрда, бақияашро ба ҳокими Ғиждувон дод, бо ҳамин кори мо хаспӯш шуд» [29].

Бояд гуфт, ки устод аксар ба матни асар ҷумлаҳову калимаҳои тозаро илова намудааст. Масалан, дар «Мактаби кӯҳна».

Нашри 1936: «Ман ҳам ба дили худ падари ин бачаро хасис ва сахтдаст мешуморидам ва он вақт намедонистам, 8 пул, ки баробари 2 тин аст, чӣ қадар қурбу манзалат дошт» [35].

Нашри 1943: «Ман ҳам ба дили худ падари ин бачаро хасис ва сахтдаст мешуморидам ва он вақт намедонистам 8 пулро, ки баробари 2 тин аст, чӣ қадар қурбу манзалат дошт ва ёфтани он барои камбағалон чӣ андоза душвор буд» [26].

Дар боло зикр гардид, ки яке аз тарзҳои кори муҳарририи устод дар матни ҳикояҳои боло даровардани тағйир, дигаргунсозии тасвири шахсиятҳост, ки он дар матни «Аҳмади Девбанд» бештар аст.

Тавре ки А. Кӯчаров изҳор медорад: «Чунин тағйирот дар ҳикояи «Аҳмади Девбанд» зиёдтар ба назар мерасад. Симои Аҳмад дар чопи дуюми ҳикоя нисбат ба чопи якум пурратар ва мукаммалтар тасвир ёфтааст. Агар дар нашри аввал фақат нотарсии Аҳмад нишон дода шуда бошад, дар нашри дуюм (ва нашрҳои минбаъда) хислатҳои кунҷковӣ ва ба қувваҳои фавқуттабиӣ бовар накардани ӯ низ инъикос меёбад. Масалан, дар чопи дуюм Аҳмад ба Ниёз-Гӯппон зуд-зуд савол дода чизҳои барояш номафҳумро фаҳмиданӣ мешавад».

«Аҳмади Девбанд» – 1: «… 8 нафар мурданд, се нафари онҳо касоне буданд, ки ҳамроҳи ман тарфро бардошта буданд, аммо дасти рости ман шикаста аз кор баромад. Каси бисёре бо зарби порчаҳои тарф ва тахта маҷрӯҳ шуданд» [30].

«Аҳмади Девбанд» – 2: «– 8 нафар мурданд, се нафари онҳо касоне буданд, ки ҳамроҳи ман тарфро бардошта гашта буданд. Аммо ман ба шикастани дасти ростам зинда мондам.

– Магар ба тамошобинони дигар зарар нарасид? – гуфта Аҳмад ба ҳаяҷон пурсид [26].

Масъалаи дигаре, ки зимни таҳрири ҳикояҳои «Аҳмади Девбанд» ва «Мактаби кӯҳна» ба он зиёд диққат дода шудааст, забони асарҳо мебошад. Нависанда сатҳи донишу забондонии қишрҳои мухталифи ҷомеаро омӯхта, саъй кардааст, то забони ҳикояҳо барои омма фаҳмо бошад.

Ба ин сабаб дар матн бархе аз калимаҳо ба калимаҳои маъмултар иваз карда шудаанд. Дар бисёр мавридҳо аз муродифоте, ки миёни омма маълуму машҳур буданд, истифода шудааст.

Масалан, ҳангоми таҳрири матни «Мактаби кӯҳна» ба ҷойи калимаи адабии «заиф» аз калимаи «суст», ки синоними он мебошад, истифода намудааст.

«Мактаби кӯҳна» нашри 1935: «Аммо ин остинзании ӯ аз боди заиф зиёдтар таъсир намедод» (20).

«Мактаби кӯҳна», нашри 1943: «Аммо остинзании ӯ аз як боди суст зиёдтар таъсир надошт» (14).

Назар ба гуфтаи муҳаққиқон дар чопи нахустини ҳикояи «Аҳмади Девбанд» Садриддин Айнӣ аҳволи пешазинқилобии одамони деҳаи Соктареро тасвир карда, феълҳои аксарияти ҷумлаҳоро дар замони ҳозира-оянда меорад. Лекин ҳангоми таҳрир ӯ феълҳои замони ҳозира-ояндаро ба феълҳои замони гузашта иваз мекунад. Ин ҳолат мазмуни ҷумларо дигар карда, ба ҳаёти бачагони пешазинқилобӣ тааллуқ доштани маъноро таъкид мекунад:

«Аҳмади Девбанд» – 1: Аммо бачагони хурдсолро зимистон ин қадар бад намегузарад», (49).

«Аҳмади Девбанд» – 2: Аммо бачагони хурдсолро зимистон он қадар бад намегузашт» (14).

Ворид сохтани дигаргуниҳои сабкиву услубӣ дар матн аз вазифаҳои дигаре буда, ки устод пеши назар доштааст.

Масалан, дар нашри якуми ҳикояи «Аҳмади Девбанд» ба ҷумлаи зер дучор мешавем: Чун назаратон аз дарёи Зарафшон гузашта, ба сояи бунафшаранги кӯҳ бармехӯрад, тамошои ин тарафро тамом карда, дилатон мехост, ки тарафи дигари ин талро низ аз назар гузаронед» (47).

Дар нашри дуюми ин ҳикоя нависанда таркиби «тамошои ин тарафро тамом карда»-ро ба таркиби «тамошои ин тарафро тамомшуда ангошта» иваз карда, бо ҳамин ба норасоии услубии ҷумла хотима додааст.

Мисоли дигар:

Мактаби кӯҳна – 1: Кӯбанда дарро асабиёна бо пояш <u>лагад</u> <u>мезад</u> (16).

Мактаби кӯҳна – 2: Кӯбанда дарро асабиёна бо пояш <u>мезад</u> (11).

Дар ҷумлаи якум калимаи *лагад* зиёдатӣ аст, зеро *бо пояш задан* маънои *лагад задан*ро дорад. Нависанда гоҳо бо тағйири ҳатто як ҳарф ба услуби ҷумла таъсири мусбат мерасонад. Масалан, дар нашри дуюми ҳикояи «Аҳмади Девбанд» ба воситаи ба калимаи «танӯр» ҳамроҳ кардани бандаки изофӣ (– и) ҷумларо аз нигоҳи услуб дуруст намудааст [Кӯчаров: 1994,77].

## 2.3. Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ

Бахши бузурге аз таърихи муосири мо дар заминаи адабиёту фарҳанг ва хусусан, назм бо ҳамкориҳои самарабахши устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ алоқаманд аст. Ҳамкории эшон, тавре ки маълум аст, дар тӯли сӣ сол ниҳоят пурдомана буда, дар заминаҳои худсозиву худшиносӣ сурат гирифтааст, ки кори муҳаррирӣ ҳам аз ин қатор мустасно нест.

Зикр кардан бамаврид аст, ки соли 1925 Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъсис шуд ва нахустин сармуҳаррири он устод Абулқосим Лоҳутӣ таъин гардид. Баъдҳо бо сабаби набудани шароити табъу нашри китоб идораи он дар шаҳри Самарқанд ба кор оғоз намуд ва сармуҳарририи шуъбаи самарқандии нашриёт ба зиммаи устод Садриддин Айнӣ вогузор шуд. Назар ба маълумоти муҳаққиқон, «бо таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар саргаҳи он ду абармарди арсаи фарҳангу адабиёти нави тоҷик, устодони каломи бадеъ Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ меистанд, дар ҷумҳурии тозабунёди тоҷикон масъалаи чопи китобҳои дарсӣ, сиёсӣ, илмӣ ва бадеӣ ба миён омад ва табиист, ки ба ин кор, пеш аз ҳама, суханшиносону аҳли қалам ҷалб шудаанд» [Кӯчаров: 1997, 34].

Масъалаи дар тарбияи насли нави нависандагону шоирони тоҷик чӣ нақш доштани Абулқосим Лоҳутӣ, мавзуи дигари таҳқиқ аст. Танҳо зикр карданӣ ҳастем, ки устод Садриддин Айнӣ ба бархе аз навиштаҳои А. Лоҳутӣ аз нуқтаи назари муҳаррир нигоҳ кардааст. Андешаҳои устод Айнӣ, ки дар мактубҳои ӯ дарҷ шудаанд, бештар ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ дар мукотиботи хеш аксар осори тозаэҷоди хешро барои ошноӣ ва назархоҳӣ мефиристодаанд, ки бо овардани як-ду мисол дар ин замина иктифо мекунем.

Садриддин Айнӣ дар мактубе, ки 11.02.1939 ба Абулқосим Лоҳутӣ менависад, назари хешро перомуни ғазали «Ёр аз дили ман хабар надорад» иброз медорад. Аз ҷумла, чунин менависад: «Мо дар шеърҳои Шумо ғазалҳои равони ҳаяҷонбахшро бисёр хондаем. Аммо аҳамияти хусусии ин ғазал дар он

аст, ки бо тақлид кардани вазн, қофия ва услуби як ғазал тамоман мазмунҳои бикр суруда шудааст. Ин ғазали содаи равони равонбахшро ҷуз «саҳли мумтанеъ» гуфтан дигар таъбире намеёбам. Аммо ман аз баҳо додан ба ду байти охирини ин ғазал:

«Ё чашми ту бо дилам рафиқ аст,
Ё шери сияҳ хатар надорад,
Ё бо дили хаста меҳрубон бош,
Ё ҷон биситон! Зарар надорад»

оҷиз ҳастам.

Инро ҳам бояд бигӯям, ки

«Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад» –

ҳарчанд аз ҷиҳати шеърият мисли ҳамқаторони худ дар пояи аъло аст ва ҳарчанд мутолеакунандагони холис мефаҳманд, ки гап дар бораи ишқ меравад, – дар ин ғазал мувофиқ нест. Ин бояд дар қатори он байтҳое, ки барои ғазали ҷудогона мондаед, даровАрда шавад, ё ки дар ҷойи калимаи «бахт» калимаи «васл» даровАрда ба ин тариқа:

«Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи васл дар надорад»

хонда шавад. Ва инчунин ба хотири ман мегузарад, ки, агар байти:

«Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи дил сипар надорад»,
«Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи ман сипар надорад»

мебуд, ба байтҳои болоии худ (бо таъбири тоҷикӣ) «бе ширеш мечаспид» [18].

Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ нишон медиҳад, ки ин ду устоди бузурги сухан ҳам нисбат ба худ ва ҳам нисбат ба якдигар серталаб будаанд. Устод Айнӣ на фақат аз муваффақияти дӯсти худ хурсанд мешуд, аз шеърҳои баланди ӯ лаззат мегирифт, балки ба онҳо бо назари мунаққиди

борикфаҳм ва нозуксанҷ менигарист ва бар он мекӯшид, ки ин шеърҳо боз ҳам хубтар садо диҳанд.

Яке аз саҳвҳое, ки Садриддин Айнӣ дар «Достони гул»-и Лоҳутӣ мебинад, эътибор додан ба шахсият аст. Садриддин Айнӣ мадҳи шахсро дар шеър ноҷоиз донистааст. Ин фикри ӯро қабул кардани Абулқосим Лоҳутӣ нишон медиҳад, ки вай то чӣ андоза устод Айниро маслиҳатчии боэътимод медонистааст.

Акнун меоем ба сари матлаи

Кораш ҳама ноз аст, чунин ёр кӣ дидаст?

Нозаш ҳама бо мост, чунин кор кӣ дидаст?

Ин ҳамчунон тоза, чунон мазмуни нав ва чунон равон аст, ки сазовори болонишинӣ аст ва тамоман ҳақ дорад, ки дар ин ғазал матлаъ шавад.

Аммо дар хотир чунин мерасад, ки дар мисраи дуюм агар ба ҷойи «Нозаш ҳама бо мост…» «нозаш ҳама кор аст…» мебуд, як тозагии дигар ҳам пайдо мекард. Нози маҳбуби Лоҳутӣ ҳам бояд бар хилофи нози маҳбубони дигар – ҳама кор бошад».

## 2.4. С.Айнӣ ва таҳрири забони осори классикон

Ҳарчанд устод Садриддин Айнӣ дар таҳқиқу тадвини адабиёти классикӣ хидмати арзишманде намуда, ҳангоми чопи осори эшон дар заминаҳои мухталиф матнҳои осори мунташиршударо таҳрир намудааст, вале аз миёни онҳо мо танҳо асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро мавриди арзёбӣ қарор хоҳем дод.

Тавре ки дар боло дидем, Садриддин Айнӣ дар таҳриру такмили мазмуну мундариҷаи осори худ ҳамеша кӯшиш ба харҷ додааст, ки навиштаҳои ӯ барои тамоми хонандагонаш дастрасу фаҳмо ва шавқангезу пурманфиат бошад.

Ин усулро ӯ дар таҳрири осору навиштаҳои дигар муаллифон, аз ҷумла шогирдону ҳамкасбон ва ҳамзамонони худ бо як масъулияти том истифода менамояд. Ба замми ин, дар таҳия ва интишори нави осори адибони давраи классикӣ низ ба таври интиқодӣ муносибат карда, кӯшиш намудааст, ки мазмуну мундариҷаи онҳоро ба меъёрҳои забони фаҳмову адабии даврони муосир мувофиқ намояд.

Манбаи таҳлилу баррасии мо асари «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мебошад. Аз оғози шиносоӣ бо матни асари мазкур ва андешаҳои Садриддин Айнӣ дар бораи Восифӣ ҳамин масъала равшан мешавад, ки устод Айнӣ бо як ҷиддияти комил ба омӯзиш, таҳия ва таҳлилу интишори асари Восифӣ ва ҳаёту эҷодиёти ӯ муносибат кардааст. Устод Айнӣ ҳатто дар оғози китоб таҳти унвони «Тартиби кори ман дар бораи ёддоштҳои Восифӣ» як шарҳи мукаммале навишта, дар он ҷо аз нозукиҳои таҳия, таҳрир ва интишори асари Восифӣ хеле мӯшикофона изҳори назар менамояд: «Ёддоштҳои Восифиро бо таҳрири ӯ як китоби оммавӣ чоп намуда баровардан бо чандин сабаб мумкин набуд: сабаби аввал ин аст, ки Восифӣ воқеаҳоро, бо тарзе ки воқеъ шудаанд, бе парда тасвир менамояд, ки ин аз одоби таҳрири замони мо берун аст; дуввум, Восифӣ барои риоя кардани қоидаҳои «бароати истеҳлол» бисёр киноя ва истиораҳоро кор мефармояд, ки ин фаҳмидани матлабро барои хонанда бисёр душвор мекунад; саввум, дар тасвирҳо муболиғаҳои аз ақл

берунро бисёр кор мефармояд, ки ин ба хонандагони мо бемаънӣ менамояд; инчунин Восифӣ дар таҳрироти худ аз оят, ҳадис ва шеър ва мақолҳои арабӣ бисёр иқтибос мекунад, ки ин низ ба хонандагони мо бегона аст» [Айнӣ: 1957, 22].

Аз суханони адиб чунин бармеояд, ки таҳрир ва коркарди асари муаллифи дигарро Садриддин Айнӣ бо мавҷудияти чаҳор сабаб мавриди назари худ қарор медиҳад. Дар робита бо ин мо кӯшиш намудем, ки ин тарзи таҳрири устод Айниро ба таври зайл тасниф намуда, мавриди шарҳу тавзеҳ қарор диҳем:

1. Ислоҳ ва ё ба таври умумӣ суфта кардани матн дар ҳолати мавҷуд будани нуктаҳои ислоҳталаб, ғалатҳо ва хатоҳои чопиву техникӣ.

2. Иваз кардани калима, ибора ва мафҳумҳои мушкилфаҳм ва услубан ба забони адабии муосир номувофиқ бо калимаву ибора ва мафҳумҳои фаҳмо ва ба меъёри забони адабии муосир мувофиқ.

3. Ташреҳи баъзе калимаҳо, ибора ва дигар нуктаҳои мушкилфаҳм ва тавзеҳталаб дар қавсайн, дар поварақ ва ҳамчунин ба тавзеҳоти охири китоб.

4. Такмили баъзе қисматҳое, ки ба назари устод Садриддин Айнӣ ҳамчун муҳаррир донистани онҳо барои хонанда муҳим ва арзишманд аст. Яъне худи устод Айнӣ мазмуну мундариҷаи баъзе нуктаҳоро такмил дода, ба хонанда маълумоти пурратаре медиҳад. Такмили матн аз тарафи устод Айнӣ ба мисли ташреҳи нуктаҳои мушкилфаҳм дар қавсайн, дар поварақ ва дар тавзеҳоти охири китоб ба роҳ монда шудааст.

Ҳангоми муқоисаи матни аслии асари Зайниддин Восифӣ, ки матни интиқодии он аз тарафи муҳаққиқи рус А. Н. Болдирев [Болдирев: 1961] таҳия гардидааст, бо матни аз тарафи устод Айнӣ таҳриршуда мушоҳида карда метавонем, ки дар ин матнҳо фарқи калон мушоҳида карда мешавад. Барои мисол дар аввали китоб ҳамду сано ба офариниш ва сухани эътиқодии Восифӣ дар матни устод Айнӣ ихтисор шудааст. Мавриди ислоҳи баъзе қисматҳо низ дар натиҷаи муқоисаи ин ду сарчашма хеле зиёд ҳис карда мешавад.

Дар ин ҷо мо, асосан, бештар ба масъалаи ташреҳи баъзе калимаву ибора, ҷумла ва қисматҳои матн ва ҳамчунин ба ҷиҳати такмили қисматҳои асари

Восифӣ дар коркарди устод Айнӣ таваҷҷуҳ хоҳем кард. Дар муқоиса ба матни аслӣ устод Айнӣ забони ҳикоёти Восифиро хеле сода, фаҳмо ва дар хониш низ хеле осону дастрас ба қалам додааст. Чунончи: «Дар он вақт Бадеъуззамон дар Балх буда, писараш – Муҳаммад Муъминмирзо аз ҷониби ӯ дар Астаробод ҳукумат меронд. Бадеъуззамон ба писари худ – Муҳаммад Муъмин, мактуб навишт, ки Астарободро ба амакаш – Музаффар Ҳусайн, насупорад ва, агар лозим шавад, биҷангад» [Айнӣ: 1957, 24.].

Чунон ки мебинем, меъёри забони асарро устод Айнӣ ба забони муосири тоҷикӣ мувофиқ намудааст, ки онро ҳар хонандаи имрӯзаи тоҷик бо шавқу ҳавас мутолиа карда метавонад.

Дар мавриди тавзеҳи баъзе калимаҳои душворфаҳм устод Айнӣ варианти фаҳмо ва ба забони адабии муосир мувофиқро дар қавсайн овардааст. Чунончи: «Ӯ насаби худро ба Оли Аббос мерасонид ва дар ин бора *шаҷара* (насабнома) навишта буд, ки вайро тамоми калонони Хуросон номи худро навишта, имзо карда, тасдиқ карда буданд» [Айнӣ: 1957, 25].

Чунон ки дар мисоли боло мебинем, калимаи *шаҷара* дар қавсайн бо калимаи *насабнома* тавзеҳ додааст, ки барои хонандаи имрӯза фаҳмову муайян аст. Чунин тарзи таҳрир, бешубҳа, бо мақсади ба хонанда беҳтару бештар ва фаҳмотар дастрас намудани маълумоти зарурӣ сурат гирифтааст, ки устод Айнӣ ин вазифаро барои худ як рисолати бемисл ва муҳим медонад. Дар ин асар чунин тарзи тавзеҳот хеле зиёд мушоҳида карда мешавад.

Тарзи дигари тавзеҳ, ки аз тарафи устод Айнӣ ба роҳ монда шуда, дар ин асар дида мешавад, дар поварақ овардани тавзеҳоти баъзе нуктаҳо мебошад, ки мисоли зерин ба он марбут аст:

«Хоҷа табассуме кард ва гуфт:

- Эй хоҷазода, ман марди деҳқонам ва хокпош, зироате мекунам ва ҳосилоти вайро ба фуқаро ва мискинон сарф менамоям». Дар ин мисол, чунон ки мебинем, калимаи *деҳқон* бо рақам ишора шудааст ва Садриддин Айнӣ дар поварақ назари худро доир ба ин калима қайд намудааст: «Албатта, деҳқонии

хоҷа Маҳмуд Фарохонӣ заминдорона ва помешикона буд, вагарна он қадар давлату ҳашаматро аз куҷо меёфт?» [8,31].

Яъне ин таври тавзеҳ низ дар таҳрири устод Айнӣ ба назар мерасад, ки гоҳо адиб назари худро нисбат ба ин ё он мафҳум баён намуда, ба хонанда иттилооти заруриро дастрас менамояд.

Тарзи дигари таҳрир, чунон ки дар боло қайд карда будем, такмили матни муаллиф мебошад, ки чунин тартиби таҳрирро низ устод Айнӣ ба таври комил ва ҳунармандона ба сомон расонидааст. Барои мисол дар мавриди муайян маънии баъзе абётро шарҳ дода, матнро такмил медиҳад. Дар шарҳи мисраъҳои овардаи Восифӣ устод Айнӣ матнро ба таври возеҳ ва фаҳмо такмил медиҳад. Чунончи:

«Онро, ки бувад нури Набӣ дар башара,
Ҳоҷат набувад ба тулу арзу шаҷара.
Онро, ки зи рух натобад ин нури сара,
Шаҷра надиҳад ба ғайри лаънат самара.

Устод Айнӣ матнро бо шарҳи абёт чунин такмил медиҳад:

(Ҷомӣ бо ин рубоӣ гуфтан мехоҳад, ки кирдори худро мувофиқи одамони калон кардан даркор аст, агар кирдор хуб бошад, ба насабнома эҳтиёҷ нест. Аммо кирдори касе бад бошад, насабнома дар ҳаққи вай лаънатнома мешавад) [Айнӣ: 1957, 25].

Яке аз усулҳои дигари кори муҳаррирӣ дар асари мазкур ин аст, ки устод пеш аз оғози баъзе бобҳо ва бахшҳо барои матлаби мавриди назар бо чанд ҷумла муқаддимаи тавзеҳӣ медиҳад. Масалан, дар боби «Ёддошти Восифӣ дар бораи зиёфати Хоҷа Маҷуддин Вазир, ки ба шарафи Навоӣ дода шуд» чунин менависад: «Пеш аз нақли ин ёддошт моро лозим аст, ки нуктаҳои пойинро қайд карда гузарем. Ҳусайн Бойқаро вақте ки ба исрофкорӣ ва айшу нӯш афтод, барои хубтар тороҷ кардани аҳолӣ Мир Алишерро аз дарбор ронда, ӯро ба Астарobod ҳоким карда, фиристод» [8, 50-51].

Тавре ки аз баррасии матн маълум мегардад, устод Айнӣ дар баъзе аз қисмҳои асар аз матни аслӣ сарфи назар намуда, бо ҷумлаҳои алоҳида миёни

пораҳои ихтисоршуда алоқаи маъноӣ барқарор месозад. Гузашта аз ин мансубияти бахше аз ашъори иқтибосшударо муайян мекунад. Ба ин ҷумлаҳо таваҷҷуҳ кунед: «Восифӣ дар бораи ин зиёфат мегӯяд…

Восифӣ дар тасвири ҳавзи он боғ ин байтҳои Амъақии Бухороиро нақл мекунад:

Як ҳавзи бас жарф дар саҳни бӯстон,
Чу ҷони хирадманду табъи суханвар
Ниҳодаш чу дарёву кавсар, валекин
Ба жарфӣ чу дарё, ба покӣ чу кавсар…

Восифӣ дар тасвири боғ давом мекунад…» [Айнӣ: 1957, 51-52].

Аз иқтибосҳои болоӣ равшан аст, ки пораҳои асар аз ҷониби устод Айнӣ ихтисор шудааст, вале ба хотири ҳифзи иртиботи маъноӣ ҷумлаҳои пайвасткунандаи мантиқи фикр илова шудааст.

Усули дигаре, ки дар таҳрири «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз ҷониби Садриддин Айнӣ истифода шудааст, бо як ё ду ҷумлаи сода хулоса намудани баъзе қисматҳои китоб аст. Масалан, ҳикояти «Дар бораи ошноии Ҳофиз Ғиёсиддини Даҳдор бо Навоӣ» аз ҷониби устод чунин ҷамъбаст мешавад: «Ӯ ба ҳамин восита ба Мир Алишер ёри наздик ва ҳамсӯҳбати доимӣ шуда монд» [Айнӣ: 1957, 57].

Тавре ки дар боло зикр шуд, зимни таҳрир гоҳо баъзе аз ибороти Восифӣ таъкид гардида, дар поварақ шарҳу эзоҳи онҳо дода мешавад.

Чунончи, дар матни «Эй махдум, муддати ҳафт сол аст, ки шумо ба мо муқтадо ва пешвоед…» барои таъкид ду калимаи охирин шарҳи зер оварда шудааст: «Ин таъбир, ки айнан аз Восифӣ гирифта шуд, нишон медиҳад, ки ӯ дар хонадони Шоҳвалӣ ғайр аз муаллими фарзандонаш вазифаи имомиро ҳам адо мекардааст» [Айнӣ: 1997, 103].

Ҳамин тавр, дар фаъолияти устод Айнӣ кори таҳрири матн аз бахшҳои басо муҳим ба шумор меравад ва дар мавридҳои ҷудогона аз фаъолияти кори таҳририи худ махсус қайд менамояд. Чунончи, доир ба таҳрири осори барҷастаи Восифӣ устод Айнӣ қайд мекунад, ки «Аммо ман дар таҳрири

ёддоштҳои Восифӣ ба қадри имкон таърихи вуқӯи он ёддоштҳоро ба назар гирифтам, яъне кадом воқеае, ки пештар воқеъ шуда бошад, ба қадри имкон пештар ва кадомаш, ки пастар воқеъ шуда бошад, пастар нақл кардам» [Айнӣ: 1997, 22].

Ба назари худи устод Айнӣ ва бешубҳа, ҳар як хонанда низ чунин мерасад, ки натиҷаи заҳмати ӯ барои таҳияву таҳрир ва нашри матни ҳикоёти Восифӣ қиёснопазир аст. Дар ин бора худи устод Айнӣ ишора мекунад, ки «Ман тартиб ва натиҷаи кори худамро дар болои ёддоштҳои Восифӣ бо рубоии зерин ба хонандагон хулоса карда медиҳам:

Ин боғ зи нахли куҳан оростаам
В-он нахл ба теғи хома піростаам.
Сайронгаҳе зиёда кардам ба шумо,
Ҳарчанд зи умри худ басе костаам» [Айнӣ: 1957, 230].

Тарзи таҳрир ва, умуман, кори устод Айнӣ аз рӯйи матни ёддоштҳои Зайниддин Маҳмуди Восифӣ таҳқиқталаб ва ҷолибу дилписанд аст. Дар ин самт муқоисаи матни аслии асар бо матни таҳрирнамудаи устод Айнӣ низ паҳлуҳои ниҳоят нозук ва диққатҷалбкунандаро кушода метавонад ва барои муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ маводи пурарзиш дода метавонад.

Забоншинос Ҷӯраева М.Р. дар мақолаааш «Доир ба як воситаи ифодаи эҳтиром дар асари Садриддин Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» чунин ибрози ақида менамояд: «Вақте ки устод Садриддин Айнӣ асари «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро таълиф менамоянд, дар баъзе мавридҳо ҷонишини «эшон»-ро, ки дар нусхаи асли асари Зайниддин Восифӣ барои ифодаи муносибати субъективии эҳтироми гӯянда дар мавриди ишораи боэҳтиром корбаст шудааст, бо таркибҳои ҷонишинии «ин кас» ва «он кас» иваз намудаанд… Ваҷҳи асосии ин амали устод Айнӣ, ба назари мо, дар он аст, ки дар давраи шуравӣ маънои исмии «эшон» маъмултар гардида буд. Азбаски маънои исмии он «мулло, шайх, шахси диндор» ба идеологияи коммунистӣ, ки атеизми сиёсӣ мароми асосии он маҳсуб меёфт, мухолифат мекард, дар ҳамин

замина доираи истеъмоли «эшон» ҳамчун ҷонишин ҳам ниҳоят маҳдуд шуда буд» [Ҷӯраева: 2018, 46-47].

Ҳамин тавр, ин самти фаъолияти устод Айниро ба сифати як мактаби бузурги таҳрири адабӣ метавон шуморид, ки ҳоло мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифта истодааст ва таҳлилу баррасии ин масъалаи муҳими забону адаби тоҷик имрӯз беш аз ҳарвақта мубрам ва айнизамонӣ ба шумор меравад.

## 2.5. Садриддин Айнӣ ва таҳрири забони осори тарҷумашуда

Тавре ки маълум аст, яке аз масъалаҳое, ки устод дар тӯли зиндагии эҷодии худ ҳамвора ба он диққату таваҷҷуҳи хос доштааст, мавзуи забони тоҷикӣ ва тозагиву рушду камоли он будааст. Орзуи бузурги устод Айнӣ, қабл аз ҳама, корбурди захираҳои бепоёни забони тоҷикӣ, ҳифзу нигаҳдошти покизагии он ва ҳамзамон шинохту маърифати имконоту зарфиятҳои он буд. Садриддин Айнӣ барои амалӣ шудани ин мақсад саъй менамуд, ба тамоми адабиёте, ки ба забони тоҷикӣ ба нашр мерасид, дастрасӣ дошта бошад. Мавсуф рӯзномаву маҷаллаҳои адабии замонро доим пайгирӣ ва мутолиа менамуд ва андешаву мулоҳизот ва қайдҳояшро дар ҳошияи осори мавриди назар менавишт. Бо боварӣ метавон гуфт, ки як қисмати зиёди фаъолияти муҳарририи устод ба қайдҳову тавзеҳоти ӯ дар ҳошияи китобу маҷаллаҳо тааллуқ доранд.

Миёни қайду тавзеҳоти мавҷуда бахшеро осори нависандагони рус ташкил мекунанд, ки ба забони тоҷикӣ баргардон шудаанд. Нигориши қайду мулоҳизот, воқеан, далели то кадом андоза аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудани устод Айнӣ ба сифату қиммати осори тарҷумашуда мебошад. Аксари қайдҳо дар солҳои поёни умри Садриддин Айнӣ анҷом дода шудаанд. Замоне ки устод Айнӣ бо иллати солхурдагӣ аксар бемору нохуш буд, вале ба ин нигоҳ накарда дар атрофи забону услуби тарҷумаҳо, сифати тарҷума, корбурди луғату калимаҳои ҷудогона қайду изҳори назар намудааст. Ба ҷуз қайду эзоҳоти ҳошиявӣ ӯ дар мавридҳои зарурӣ ба мутарҷимон нома навишта, перомуни хатову костагии тарҷумаҳо, вижагии забони тарҷума назари хешро баён менамуд.

Албатта, як қисми ками қайдҳои Садриддин Айнӣ дар солҳои гуногун дар маҷаллаҳои гуногун ба нашр расидааст, вале, ба андешаи мо, ба таври шоиставу лозимӣ таҳқиқу баррасӣ нагардидааст. Дар ҳолате, ки ин қайдҳо маводи пурарзиш буда барои нависандагон, тарҷумонҳои осори адабӣ ва мутахассисони забони тоҷикӣ дастури нодир масуб меёбанд .

Садриддин Айнӣ ақида дошт, ки хонандагон, нависандагони ҷавон забони тоҷикиро ба воситаи маҷаллаву рӯзномаҳо, осори адабии тарҷумашуда фаро мегиранд. Маҳз ба ҳамин хотир, агар забони тарҷума расову пухта набошад, дорои нуқсону камбудиҳои лафзӣ бошад, дар роҳи забономӯзӣ халал ворид мекунад.

Қобили қайд аст, ки солҳои 20-30-юми асри гузашта тарҷумонҳои касбӣ камшумор буданд. Аз ин рӯ, матни тарҷумаи онҳо аксар ба табъу завқу салиқа ва талаботу сатҳи дониши қишрҳои ҷомеа мувофиқ набуд. Сатҳи пасту нокифояи касбии онҳо боиси он гардида буд, ки дар китобҳои дарсӣ ибораҳову таркибҳои сохтаву таҳтуллафзӣ тарҷумашуда ворид гардида, барои хонандагон мушкилиҳо пеш меоварданд.

Ин вазъияти ногувор беш аз ҳама Садриддин Айниро нигарон менамуд. Аз тарафи дигар, комилан надонистани забони русӣ барои устод Айнӣ мушкили бузурге буд. Дар ҳоле ки ислоҳи камбудиҳои мавҷуда саводи русиро талаб менамуд.

Ба навиштаи Р. Ҳошим, Садриддин Айнӣ бо дарки зарурати донишу саводи русӣ аз рӯзҳои нахустини инқилоб ба шавқу рағбати тамом ба омӯзишу фарогирии забони русӣ камар бастааст. «Айнӣ дар тамоми муддати зиндагии пас аз револютсионии худ тамоми асарҳои бадеиро, ки аз русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума мешуданд, бо диққати тамом хондааст. Айнӣ бо як кунҷковӣ ва диққати ба худаш махсус дар ҳар маврид ба дуруст фаҳмида гирифтани маънои асосӣ ва ҷилваҳои гуногуни маънои калимаҳои русӣ мекӯшид ва бо ҳофизаи хеле хубе, ки дошт, ҳар он чи як бор шунида, хонда ё фаҳмида буд, дар зеҳнаш сахт нақш мебаст… Айнӣ он хатоҳоро бештар бо қувваи муҳокимаи мантиқиаш меёфт. Мантиқ дар ҳама мавридҳо, чи дар гуфтор ва чи дар навиштаҳо меъёри санҷиши вай буд» [Раҳим Ҳошим: 1983, 42].

Айнӣ калимаву таъбиротро аз нигоҳи мувофиқати онҳо бо ақлу муҳокимаҳо мавриди санҷиш қарор медод. Ин усул ба ӯ ёрӣ медод, то ғалатҳои ҷумлабандиро эҳсос кунад. Ба навиштаи муҳаққиқон, ӯ ҳатто ба тарзи

ҷумлабандии забони русӣ, ба маънии калимаҳои ҷудогона таваҷҷуҳ намуда, онҳоро ба ганҷинаи сухандонии худ ҷо менамуд.

Муҳаққиқ Р. Ҳошим дар ҷойи дигар таъкид мекунад: «Мантиқ дар ҳақиқат дар тамоми навиштаҳояш маҳаки санҷиши вай буд. Ӯ ба рабти калимаҳо, ба дурустии ҷумлаҳо ва равшании баёни фикрҳо низ маҳз аз ҳамин нуқтаи назар наздик мешуд. Дар таҳрири тарҷумаҳо ҳам ба ҳамин восита бисёр хатоҳои фоҳишро ёфта, ба рӯйи об мебаровард» [Раҳим Ҳошим: 1983, 44].

Яке аз асарҳое, ки бо қалами Садриддин Айнӣ таҳрир шудааст, романи нависандаи рус Л. Н. Толстой «Ҷанг ва сулҳ» мебошад. Романи мазкурро Ҳ. Аҳрорӣ тарҷума кардааст, ки он соли 1953 мунташир гардидааст.

Аз саҳифаҳои дар қайдҳо дарҷшуда равшан аст, ки устод ҷилди аввали романро, ки қариб 500 саҳифа аст, хеле ҷиддиву дақиқ мутолиа намуда, иштибоҳу хатоҳои услубӣ, маъноӣ, имлоӣ ва ғайраро дар ҳар саҳифае зикр намудааст.

Таҳрире, ки аз ҷониби устод сурат гирифта, гуногунпаҳлӯ аст. Масалан, дар баъзе аз саҳифаҳо дар матн намуна ё иборае бо вожаву калимаи дигар иваз шудааст, ё шакли дурусти калима оварда шудааст.

Барои тасдиқи фикр мисоле меорем. Матн: «Пьер аз чорчӯба гирифта, яке кашида буд ки, баъзе ҷойи чӯби дуб шикаст ва қисми дигараш <u>аз ҷо канда шуда рафт</u>»

Қайд: «Аз ҷо кофта рафт»

Матн: «Дар ин вақт адъютанти полк ба хона даромада, хабари Жерков овардаро тасдиқ кард. Барои фардо ҳаракат кардан фармон дода шуда буд.

– Поход, ҷанобон!

– Худоро шукр, дар ин ҷо бисёр нишаста мондем.

Қайд: «Дар ин ҷо бисёр нишаста монда будем»

Матн: – Ана акнун ба ҳар ҳол Шумо тамоман дар ихтиёри мо ҳастед, азизамон княз, – гуфт, албатта, ба забони франсузӣ, – дар шабҳои нишасти мо дар хонаи Annete шумо ҳамеша мегурехтед, акнун ин тавр намешавад».

Қайд: «Дар шабнишиниҳои мо…» [Мактаби: 2010, 65].

Тавре ки дар чанд мисоли овардашуда дида мешавад, таваҷҷуҳи Садриддин Айнӣ ба таҳрири таркибу ибора ва калимаҳои алоҳида зиёд аст. Чунон ки дар боло қайд шуд, таҳрири устод танҳо ба сабку услуби тарҷума маҳдуд намешуд, балки фарогири ҷанбаҳои мухталиф буд. Гап дар ин аст, ки барои тарҷумон танҳо донистани забон кофӣ нест. Тарҷумон бояд бо фарҳангу адаб, таърихи миллате, ки забонаш мавриди тарҷума қарор мегирад, шинос бошад.

Бархе аз қайдҳои Садриддин Айнӣ ба калимаҳое тааллуқ доранд, ки баромади тоҷикӣ надоранд. Устод зимни бархӯрд бо чунин калимоте муродифоти тоҷикии онҳоро пешниҳод намудааст.

Матн: «Ӯ дар пеши сафи аскарон пасу пеш роҳ гашта, дар ҳар як қадаммонӣ миёнашро андаке хам карда, *гавдааш*ро ларзонда мемонд».

Қайд: «*Гавда,* ҷасад, тана, пайкар. Албатта, гавда нодуруст аст, дар шароите, ки чандин калимаи тоҷикӣ ҳаст» [Мактаб: 2010, 16].

Матн: «… ҳарчанд ҳаракатҳояш мисли аввала ботаммул ва мавзун бошад ҳам, чашмони гирдаи боазми *қарчиғаймонандаш*, зоҳиран, дар сари чизе қарор нагирифта, бо ваҷд ва қадаре нафратомез ба пеш нигоҳ мекарданд».

Қайд: «*Қарчиғай* – боз» [Мактаб: 2010, 18].

Садриддин Айнӣ дар баъзе ҳолатҳо барои равшан шудани маънии калимае ба он шарҳу тавзеҳ навишта ва ба он ҳам қаноат накарда шарҳашро бо мисолҳо пурра намудааст. Чунончи, дар мисолҳои поёнӣ:

Матн: «Ӯ охирин қувваташро ҷамъ карда, дасти чапашро ба дасти росташ дошта, давон-давон ба буттазор расида рафт».

Қайд: «Бутта як бех рустаниест, ки на шакли дарахтӣ дорад ва на шакли бутта, монанди як бутта ғӯза, як бутта гул (Як бутта гул аз Такяи Шохол биёред. Дар мадраса холӣ мегузоред тубакро). Аммо патта бехҷастаҳои дарахтони ҷангал ва худрӯ мебошад. Бинобар ин дар ин ҷо паттазор гуфтан лозим аст».

Ё ки: Матн: «Дар тараддуди руҳие, ки тақдири ҳарбу зарбҳоро ҳал мекунад, зоҳиран тарсу бим ғолиб меомад».

Қайд: «Тараддуд дар ин ҷо ба маънои дудилагӣ кор фармуда шудааст, ки дуруст аст, аммо тараддуд ба маънои ҷустуҷӯ ҳам кор фармуда мешавад. Бинобар ин дар ин ҷо ба ҷойи тараддуд дудилагӣ кор фармудан беҳтар аст» [Мактаб: 2010, 18].

Садриддин Айнӣ аз осори баргардоншудаи Л. Н. Толстой маҷмуаи «Ҳикояҳои Севастопол»-ро таҳрир намудааст, ки аз ҷониби Э. Муллоқандов тарҷума шуда буд.

Қобили зикр аст, ки қайду тавзеҳот дар атрофи матни тарҷумаи ин маҷмуа зиёд нестанд, вале дар чанд мисоле, ки аз маҷмуа ҷудо шудаанд, мо ба қайду пешниҳодҳои зиёде вомехӯрем, ки ба костагиҳои услубӣ, бемавқеъ истифода шудани калимаҳо марбутанд.

Соли 1950 китоби Д. Фурманов «Чапаев» ба чоп расид, ки аз ҷониби М. Ғаффоров тарҷума шуда буд. Садриддин Айнӣ дар ҳошияҳои ин романи беш аз чорсад саҳифа зиёда аз сӣ қайду эзоҳ навиштааст.

Қайдҳои устод ба норасоиҳои маъноӣ, ғалатҳои услубӣ, гоҳо иштибоҳоти мантиқӣ тааллуқ доранд. Дар бахшҳое, ки ҷумла ё ибораҳо ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шудаанд, устод ба онҳо ишорат намудааст. Намунаи равшанаш мисоли зерин аст. Матн: «Ҳар чи хел одам набошад, ҳар чи хел чорае мебинад».

Қайд: «Ин таъбир русӣ аст, дар тоҷикӣ мақсади мазкур ба тарзи зерин ифода мешавад: «Ҳар чи хел одам ки бошад ва чӣ гуна чорае, ки бинад» [Мактаб: 2010, 25].

Баррасии қайдҳои Садриддин Айнӣ нишон медиҳад, ки устод Айниро аз ҳама бештар истифодаи нодурусту ғайримантиқии калимаҳо ба ташвиш меорад. Дар чунин вазъият Садриддин Айнӣ аз шарҳу тавзеҳи васеъ ва боварибахш худдорӣ намекунад. Масалан, дар матн ибораи нодуруст истифодашудаи *паҳну парешон* бо чунин мазмун эзоҳот навиштааст:

Матн: Хулоса, бе ҳеҷ шакку шубҳа паҳну парешон шуда истодани армияи Колчак ошкор буд».

Қайд: «Дар ин маврид «паҳну парешон» нодуруст аст, чунки «паҳн шудан» ба маънои интишор ёфтан (паҳн шудани хабар, паҳн шудани газета), рӯйи чизеро фаро гирифтан (паҳн шудани дастархон, кӯрпача, танг шуда, ҳаҷми худро васеъ кардан, (паҳн шудани хамир ва лой). Дар ин маврид «парешон ва пароканда» гуфтан даркор аст» [Мактаб: 2010, 25].

Яке аз вижагиҳои фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айнӣ аз он иборат аст, ки гоҳо зери таъсири мазмуну муҳтавои порае аз матн андешаи дар матн дарҷшударо бо фикру ақидаи шоирону нависандагону адибони классик қиёс мекунад ва намунаҳои ҷолиб меорад. Масалан, дар мисоли зер дидгоҳи Рӯдакиро бо андешаи Чапаев, қаҳрамони китоби Д. Фурманов муқоиса менамояд:

Матн: «Ҳамту, ба хотират расид. Ҳар вақте ки ман ба аҳволи бад вомехӯрам, дар куҷо, кай аз ман ҳам бадтар шудани каси дигарро ба хотир мебиёрам. Фикр мекунам, мебинам, ки аз сари одамҳо чиҳо ки нагузаштааст, лекин аз сари ман барои чӣ нагузарад».

Қайд: Ин гуна фикр кардани Чапаев мувофиқи насиҳати Рӯдакӣ аст. Рӯдакӣ дар як шеъри худ мегӯяд:

Замона панде озодвор дод маро,

Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.

Ба рӯзи неки касон гуфт: «Ғам махӯр зинҳор,

Басо касе, ки ба рӯзи ту орзуманд аст» [Мактаб: 2010, 27]

Перомуни фаъолияти муҳарририи устод, махсусан, дар бораи қайдҳои ӯ дар ҳошияҳои осори тарҷумашуда, адабиётшиноси тоҷик А. Кӯчаров чунин хотиррасон мекунад: «Садриддин Айнӣ зимни қайду шарҳҳо оид ба мушкилоти тарҷума ва масъулияти тарҷумону муҳаррири осори тарҷумашуда мулоҳиза ронда, пеш аз ҳама, суханшинос ва нозукписанд будани онҳоро таъкид мекунад. Махсусан, вақте ки як ғалат дар ду-се ҷо такрор мешавад, устод дар баробари шарҳу эзоҳи таъбир андешаҳои ҷолиби назарӣ баён мекунад. Масалан, ду бор такрор ёфтани ҷумлаи ғалати «чӣ бало буд, ки ба ту мубтало шуд» боис гардидааст, ки устод оид ба фаъолияти мутарҷиму муҳаррир

муҳокима ронда, дар чопи беолоишу саҳеҳи китоб нисбат ба мутарҷим бештар будани масъулияти муҳаррирро таъкид кунад» [Кучаров: 2013, 87].

Қайду эзоҳот ва шарҳу тафсирҳои устод дар ҳошияи осори тарҷумашуда, воқеан, арзишманду омӯзандаанд. Гоҳо ба назар чунин мерасад, ки Садриддин Айнӣ гӯё бо тарҷумон дар ҳоли гуфтугӯву баҳс аст. Аз баррасии қайдҳо метавон ҳолати психологии ӯро пай бурд. Бемантиқӣ, бесарунӯгии баъзе аз ҷумлаҳо устодро ба ғазаб меорад. Садриддин Айнӣ андешаҳои худро бо лаҳни ғазаболуд бо пешниҳоди шакли дурусти ҷумлаҳо баён медорад. Воқеан, шарҳу тавзеҳоти устод дар иртибот бо забони тарҷумаи осори адабӣ гувоҳ бар ин аст, ки дар он замон мутарҷимону муҳаррирон на ҳама ба маънои аслии баъзе аз калимоту таркибот эътибор медоданд. Ин беэътиноӣ ва бепарвоӣ сабаб мегардад, ки дар матнҳо дарҳамбарҳамӣ воқеъ мегардад.

Яке аз асарҳое, ки аз ҷониби устод таҳрир гардидааст, тарҷумаи романи Павел Лукнитский «Нисо» мебошад, ки соли 1951 мунташир гашта буд. П. Толис ва А. Қаҳҳоров асари мазкурро таҳрир намуда буданд, вале матни он, тавре ки аз таҳрири устод равшан мегардад, дорои норасоиҳои зиёди маъноӣ, услубӣ, забонӣ ва мантиқист. Барои равшантар шудани масъала аз матн чанд мисол меорем.

Матн: «Тӯрамоҳ дар ин фикрҳо табақи чӯбини дар пешаш будагиро ба туторд пур кард. Пойҳои сергушти вай аз гарди орд сап-сафед шудаанд». Мантиқи норасои ҷумлаи болоӣ устодро вомедорад, ки чунин бинависад:

Қайд: «Орд барин сап-сафед будани тутмавизро дар умри худ танҳо дар ҳамин китоб дидам. Гапҳои бемазаи аз мантиқ дур» [Мактаб: 2010, 35].

Гоҳо бехабарии нависанда аз воқеияти зиндагӣ, надонистани мазҳари рӯзгори мардуми таҳҷоӣ устодро ба ҳайрат меорад. Бо ин сабаб ӯ дар қайдҳояш саъй мекунад, ки воқеияти ҳаёти мардумро баён созад. Масалан, дар мисоли зер:

Матн: «Дар Дуоб гӯгирд нест, бошад ҳам, дар хонаи Баротбек будагист. Барои ин ки дар оташдонашон оташ даргирифта истад, ҳама ба қадри даркорӣ

ҳезум ва параха ҳам надоранд». Ин ҷумлаи бепояро Садриддин Айнӣ ба қарори зайл шарҳ медиҳад:

Қайд: Одатан, дар ҷоҳое, ки гӯгирд нест, оташро бо таппӣ нигоҳ медоранд. Оташи боқимондаро дар мағзи таппӣ пинҳон карда мемонанд. Ин оташ як шабонарӯз, ҳатто зиёдтар меистад. Магар нависанда аз ин одат хабар надорад [Кӯчаров: 2013, 35].

Садриддин Айнӣ зимни эрод гирифтан ба ҷумлаҳову таъбироти бемантиқу норасо ва номафҳум таъкид мекунад, ки сабаби аслии ин вазъият камтаҷрибагӣ, бемасъулиятӣ ва саҳлангории тарҷумонҳо ва муҳаррирон аст. Воқеан, дар ин ҳолатҳо шарҳу тавзеҳот ва пешниҳодҳои Садриддин Айнӣ ниҳоят серталабона, сахтгирона ва гоҳо тамасхуромез мебошанд.

Матн: Дар ҳамон саҳаргоҳ, ҳангоме ки Гулрез ба хона ба назди Нисои бедоршуда даромад, дар ҳамон вақт дар дӯкони дарбастаи Кандирӣ дар болои қолинчае менишаст ва Мирзо Хур дар рӯ ба рӯйи вай истода хамёза мекашид. Дар байни онҳо либоси порашуда ва тари Нисо дар замин мехобид ва Кандирӣ дар бораи саёҳате, ки шабона ба хонаи Шопир карда буд, ҳикоя мекард».

Қайд: Либоси дирӯз рӯзона шусташуда аҷаб аст, ки дар ҳавои гарми себпазии тобистон то баъди нимаи шаб ҳанӯз нахушкидааст? Бемантиқӣ! [Кӯчаров: 2013, 42].

Гурӯҳе аз ишороту таъкидҳои Садриддин Айнӣ ба корбурди дурусти иборaҳои рехта, таркибот ва фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ихтисос доранд.

Масалан, таркибҳои «ҷурғот пухтан, бонг задани хар», «пур кардани машк», «сарнокӣ» ва ғайраҳо дар матни асар нодуруст истифода шудаанд. Садриддин Айнӣ бо зикри матни асл шакли дурусту саҳеҳи ибороти мазкурро баён намудааст.

Дар матни тарҷума чунин омадааст: «шабона ҳамаи занон ва духтарон ба як ҷо ҷамъ шуда, аз ширҳои ҷӯшидагиашон ҷурғот пухта менишастанд.

Қайд: Ҷурғотро намепазанд, балки мехобонанд.

Ё ки: Матн: «Ман он рӯз аз ғазаб ба гурдакаф нашудани худам ҳайрон ҳастам.

Қайд: Аз ғазаб гурдакаф намешаванд, балки аз тарс гурдакаф мешаванд [Кӯчаров: 2010, 40].

Китоби Иля Эренбург «Барои сулҳ», ки аз ҷониби Э. Муллоқандов ба тоҷикӣ баргардонда шудааст, мавриди таваҷҷуҳи устод қарор мегирад. Таҳрири ин китоб хеле батафсилу пурдомана аст.

Садриддин Айнӣ зимни таҳрири матни китоби мазкур ниҳоят мӯшикофона сатр ба сатри асар, ба калимаҳои алоҳида, ки нодурусту беҷо истифода шудаанд, шарҳу тафсир менависад. Баъзе вақтҳо шарҳу тафсири як калима ё ибора ниҳоят муфассал сурат мегирад. Махсусан, замоне ки устод эҳсос менамояд, ки мутарҷим аз паҳлӯҳои зиёди ин ё он калима ноогоҳ аст. Масалан, дар ҳамин асар корбурди бемавқеи таркиби «раҳо кард» ба ҷойи масдари «раҳонидан» боиси он мегардад, ки устод барои фаҳмондану нишон додани фарқи ин ду ифода шарҳи муфассале нависад. Дар назари аввал гӯё миёни онҳо, ки шаклан шабоҳате ба ҳамдигар доранд, фарқ нест. Дар ҳоле ки «раҳо кардан» ба маънии *сар додан, ба ихтиёри худ гузоштан* аст. «Раҳонидан» бошад, ба маънии *озод кардан, халос кардани чизе, касе аз банду гирифторӣ* аст. Садриддин Айнӣ шарҳашро дар атрофи мавзуи боло чунин ҷамъбандӣ мекунад: «Дар байни мардум мегӯянд: «Ҳар сухан 366 паҳлӯ дорад», ин сухан тамоман дуруст аст. Тарҷумон ва нависандагони мо, ҳеҷ набошад, ду-се паҳлӯи суханро риоя карданашон даркор аст. Алифбои забоншиносӣ ва забондонӣ ва тарҷумонӣ, ки «тарҷумон» аз ҳамин сухан гирифта шудааст, ҳамин аст. Касе ки ҳамин ҷойҳои забонро надонад, ба забон даст заданаш дуруст нест» [Кӯчаров: 2010, 49].

Истифодаи зиёд ва бемаҳдуди таркиби «раҳо кард»-у «раҳонид» Садриддин Айниро маҷбур месозад, ки мавзуъро бо пеш овардани мисолҳои шоҳид баён кунад: «Боз ба ҷойи «раҳонид», «раҳо кард». Ман барои фарқи ин ду таъбир як мисоли одӣ нишон медиҳам. Агар касе занашро талоқ карда бошад, мегӯяд: «Фалонӣ занашро раҳо кард» (дар ин маврид «раҳонид» гуфтан мумкин нест). Аммо, агар хонаи касе сӯхта бошад, аз миёнаи сӯхтор занашро

халос карда бошад, мегӯянд: «Фалонӣ занашро аз сӯхтор раҳонид (дар ин маврид «раҳо кард» гуфтан мумкин нест) [Кӯчаров: 2013, 49].

Дар китоби мазкур қисмате аз қайду эзоҳоти устод ҷанбаи назарӣ дорад. Ӯ калимаҳову ибороти алоҳидаро аз нигоҳи тартибу низоми забон, қоидаву қонунҳои сарфиву наҳвӣ, истифодаи дурусти феълҳои ёвар бо исмҳо мавриди таҳқиқу таҳрир қарор медиҳад.

Масалан, барои равшан сохтани нодурустии тарзи истифодаи калимаи «мутамаддун» чунин менависад: «Таъбири *мутамаддун* хатост. Ин калимаи арабӣ ва сиғаи исми фоил. Дар қоидаи забони арабӣ исми фоил боб аст, мафъул дар шакли мутафаъил меояд, монанди «мутафаккир», «мутааззиз», «мутааддӣ», «мутасаддӣ», «муташаккир» мувофиқи ҳамин қоидаи исми фоили «тамаддун» «мутамаддин» мешавад, на «мутамаддун» [Кӯчаров: 2013, 51].

Мавзуи дигаре, ки зимни таҳқиқу арзёбии қайду эзоҳот ва мулоҳизаҳои Садриддин Айнӣ қобили таваҷҷуҳ аст, қиёси мазмунҳову андешаҳои такрории башарӣ дар адабиёт аст. Ба ибораи дигар, носозгории зеҳну забони инсонӣ ҳамеша боиси ҳайрату шигифтии Садриддин Айнӣ будааст.

Дар саҳифаи боло мо хотирнишон сохта будем, ки замони дучор омадан бо чунин мавзуоти андешабарангез устод Айнӣ далелҳои ҷолиберо аз осори бузургони адабиёти тоҷик нақл намуда, қазовату хулосабарориро роҷеъ ба андозаву арзишу волоии баён ба ихтиёри хонанда гузоштааст, ки намунаашро дар мисолҳои зер мебинем.

Матн: «Онҳо баробарии нажотҳоро ҳимоя мекунанду ба бадани зангиҳо бензин рехта, оташ медиҳанд. Онҳо «*соҳибихтиёр*»-и мамлакатҳои дигарро «*муҳофиза*» мекунанду ихтиёри таъйин кардан ва аз сари ҳокимият бардоштани ҳокимони бист республикаро дар дасти худ нигоҳ медоранд. Онҳо фашизмро «решакаш» мекунанду аз эсэсчиёни собиқ дивизияҳо ташкил медиҳанд. Онҳо принсипҳои озодиро барқарор менамоянду ба таги каравоти актрисаҳои Голливуд медароянд ва дари Америкаро ба рӯйи шоирони Франсия мепӯшанд. Онҳо гитлерчиёнро барои ба муқобили Иттифоқи Советӣ ҳуҷум тайёр карданашон суд мекунанду дар айни замон плани №2 ҳамон хел ҳуҷумро

тартиб медиҳанд. Онҳо тарафдори хор нашудани шаъни инсонӣ мебошанд ва баҳри ҳамин барои равған кардани таноби дори ҷаллодони юнонӣ равғанро дареғ намедоранд».

Қайд:

«Саҳаргаҳ гӯсфандеро бузурге,
Раҳонид аз даҳону дасти гурге.
Шабонгаҳ корд бар ҳалқаш бимолид,
Равони гӯсфанд аз вай бинолид,
Ки «аз чанголи гургам даррабурдӣ,
Бидидам, оқибат гургам ту будӣ»
(Саъдии Шерозӣ) [Мактаб: 2010, 52-53].

Ба андешаи мо, Садриддин Айнӣ бо сабти масали худ хислату хосияти тафаккуру зеҳнияти бархоста аз заминаи башариро дар мавриди номутаносибии зоҳиру ботин, дилу забон баён доштааст.

## БОБИ III

## НАҚШИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАҲРИРИ ОСОРИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИК

### 3.1. Устод Айнӣ ва таҳрири забони асарҳои Ҷалол Икромӣ

Садриддин Айнӣ дар инкишофу камолоти эҷодии бисёре аз шоирону нависандагони муосири тоҷик саҳму асари созгоре гузоштааст, вале ба навиштаи аксари муҳаққиқону донишмандони айнишинос Садриддин Айнӣ беш аз ҳар каси дигаре дар парваришу тарбияти Ҷалол Икромӣ дар самти нависандагӣ нақши чашмгир доштааст. Агар тамоми корҳои таҳририи устодро канор гузошта, танҳо фаъолияти муҳарририи ӯро дар иртибот бо эҷодиёти Ҷ. Икромӣ аз назар гузаронем, миқёсу андозаи хидмати устод дар кори муҳаррирӣ маълум мегардад.

Дар бораи ҷузъиёту чигунагии робитаи эҷодӣ, амри таҳриру таҳриргарии Садриддин Айнӣ матлабу мақолаҳои сершуморе мавҷуданд, ки дар поён зимни зарурат ба онҳо ишорат хоҳад шуд. Ногуфта намонад, ки перомуни фаъолияти муҳарририи худ дар пайванд бо осори Ҷ. Икромӣ дар баъзе аз номаҳояш ишорат мекунад.

Мавсуф дар номае, ки ба А. Деҳотӣ унвон шуда, чунин изҳор менамояд: «Ман барои дуруст шудани кори ҳеҷ нависандаи ҷавон садяки он дараҷае ки барои дуруст шудани кори Ҷ. Икромӣ азоб кашидаам, накашидаам. Ман он корҳоеро, ки дар болои ҳикояҳои дар «Роҳбари дониш» чопшудаи ӯ чоп шуда буд, ба як тараф гузошта, танҳо ҳамин романи «Шодӣ»-и ӯро ба назар мегирам. Вақте ки Ҷ. Икромӣ қисми якуми ҳамин романро навишта тамом кард, «Тоҷгиз» барои таҳрир ба ман дод. Дастнавис дар як дафтари калони муқовадор саҳифа дар миён навишта шуда буд. Ман дар болои кори ин китоб ба муқобили ҳар саҳифа як саҳифа дар бораи хатоҳои он саҳифа навиштаам ва дар охир ҳамин мулоҳизаро қайд кардам, ки «агар муаллиф ҳамаи он хатоҳоеро, ки дар

ин ҷо нишон дода шудааст, ислоҳ намояд, қобили табъ аст» [Мактубҳо: 2023, 138].

А. Деҳотӣ низ бо Садриддин Айнӣ ошно шудану ҳамкорӣ кардани Ҷ. Икромиро бахти бузурги ӯ медонад. Ба навиштаи ӯ: «Хушбахтона, Икромӣ аз қадамҳои нахустини худ бо бузургмарди хайрхоҳу некзамире мисли Садриддин Айнӣ вохӯрд, ки хеле ҷиддиву сахтгир буд ва бе ягон хотирбинӣ камбуду костиҳои асарҳои ӯро нишон медод, ислоҳ мекард ва таъкид меварзид, ки, агар бидуни мусолиҳакориву бепарвоӣ ҳаёти воқеиро дақиқ биёмӯзад, дар ҷодаи нависандагӣ пешрафт мекунад» [Деҳотӣ: 1966].

Бояд зикр намуд, ки муносиботи Садриддин Айнӣ бо Ҷалол Икромӣ таърихи ҷолибу дуру дарозе дорад.

Маълум аст, ки Ҷ. Икромӣ замоне ки шогирди доррулмуаллимини Бухоро буд, нахустин бор дар ин муассиса тобистони соли 1927 бо Садриддин Айнӣ мулоқот мекунад ва шеъри таълифнамудаи худро ба ӯ месупорад. Устод пас аз баррасии шеър ба шоири ҷавон маслиҳат медиҳад, ки «Чорчӯбаи шеър танг аст. Ман ба Шумо маслиҳат медиҳам, ки ҳикоя нависед, зеро ки домани наср васеъ аст. Ман бовар дорам, ки дар наср қобилияти Шумо зоҳир мегардад» [Мактубҳо: 2023, 99].

Баъд аз ин мулоқот муддате пас Ҷ. Икромӣ нахустин ҳикояи хешро бо номи «Хаёл ё шабе дар Регистони Бухоро» пешкаши устод менамояд ва ҳикояти зикршуда бо андаке таҳрир дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба нашр мерасад. Ба андешаи муҳаққиқон, навиштаи Ҷ. Икромӣ камбудию норасоиҳои зиёде дошт, вале устод ба хотири ташвиқу дилбардорӣ намудани нависандаи ҷавон онро барои чоп пешниҳод намуд. Ба табъ расидани аввалин навишта дар зиндагии нависандаи ҷавон падидаи фаромӯшнашаванда мегардад. Баъдан ӯ таҳсилашро дар шаҳри Самарқанд идома медиҳад, зеро устод Садриддин Айнӣ он ҷо зиндагӣ мекард. Ҷ. Икромӣ ҳикояи дуюми худро таҳти унвони «Ширин» барои хондан ба Садриддин Айнӣ месупорад. Бархӯрди Садриддин Айнӣ бо ин ҳикоя ниҳоят сахтгирона буд. Назар ба гуфтаи Ҷ. Икромӣ зимни таҳрири нахустини ҳикояи «Ширин», ки бо ширкати худи ӯ оғоз шудааст, Саидризо

Ализода, Ҳасан Ирфон ва Раҳим Ҳошим низ ҳузур доштаанд. Вазъу фазои он баҳс ва ҷиддияташро баъдҳо нависанда чунин баён менамояд: «Дар сари ҳар калимае, ки ман нодуруст ва надониста кор фармудаам, махсусан истода, маро аз ҳаллоҷӣ мегузарониданд, ҷанг мекарданд ва ба дараҷае мерасиданд, ки рангашон меканд ва аз ғазаб меларзиданд. Ман гумон мекардам, ки ҳамин ҳоло ба дастони сергӯшт ва дар меҳнат пухта сахту мустаҳкам гардидаи худ маро чунон мезананд, ки ба рӯйи хона меафтам» [Мактубҳо: 2023, 100].

Дар бораи ҷараёни таҳрири ҳикояи «Ширин» Ҷ. Икромӣ дар замонҳои гуногун ва дар маҷаллаву нашрияҳои адабӣ матлаб чоп намудааст. Аз гуфти ӯ равшан мегардад, ки таҳрири ҳикоя на як бору ду бор, балки ҳафт маротиб сурат гирифтааст ва ҳар дафъа ҳикоя ислоҳ шудаву ба сарҳади камол расидааст. Шеваи бархурди устод чунин будааст, ки пас аз ҳар таҳрир ба нависанда муҳлат медодааст, то рафта сари ҳикоя кор кунад. Ҷ. Икромӣ менависад: «Пас аз ин ҳафта боз як ҳафта кор кардам ва ҳикояи ислоҳкардаамро оварда, ба устод супоридам. Он кас боз «пас аз се рӯз биё» гуфтанд. Пас аз се рӯз боз мисли аввала, балки аз вай ҳам сахттар карда сарзаниш намуданд ва ҷанг карда – ҷанг карда ҳикояро ба худам бозгардониданд. Ман боз кор кардам ва фақат дар ҳафтумин бор устод қаноат ҳосил карда, ҳикояро ба журнал доданд. Ҳамин тавр, якчанд ҳикоя ва асарҳои ман аз назари муҳаққиқонаи устод гузаштааст» [Икромӣ: 1958].

Садриддин Айнӣ ба ҷуз ҳикояҳои нависанда повести «Аз Маскав чӣ овардӣ» ва «Тирмор»-ро низ таҳрир намуда, қайду мулоҳизоташро дар ҳошияи китобҳои мазкур зикр намудааст.

Бояд хотиррасон сохт, ки даҳаи сеюми асри XX барои Ҷ. Икромӣ аз пурбортарин давра маҳсуб мешавад. Мавсуф пас аз интишор гаштани нахустин повести худ «Тирмор» ба таълифи жанри бузургтари эпикӣ – роман оғоз намуд ва романи «Шодӣ»-ро дар муддати ду сол таълиф менамояд. Ҷ. Икромӣ қисми аввали романро соли 1936 навишта ба поён мерасонад ва дастнависи романро барои таҳриру маслиҳат ба Самарқанд ба Садриддин Айнӣ мефиристад. Албатта, аз назари шахсияте мисли Садриддин Айнӣ гузаштани асар барои

нависанда ниҳоят арзишманд буд, тавре ки худи ӯ менависад: «Онҳое, ки таълими устодро гирифтаанд ва онҳое, ки устодро аз наздик мешиносанд, бояд донанд, ки ягон асарро аз таҳрири устод гузаронидан дар кори нависандагӣ як олами нав кашф кардан буд» [Икромӣ: 1958].

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд романи «Шодӣ» дар 28 дафтар иншо шуда буд, вале Садриддин Айнӣ онро дар як замони хеле кӯтоҳ таҳрир намуда, бо қайду мулоҳизоти зиёде ба муаллиф пас мегардонад, то зимни ба табъ расонидани роман онҳоро ба матн ворид созад.

Худи Садриддин Айнӣ пас аз ба анҷом расонидани таҳрири роман дар номае ба унвони нависанда чунин изҳор менамояд: «Шодӣ»-и Шуморо аз рӯйи хоҳиши худатон ва талаботи сектори адабиёти бадеии Нашриёти давлатии Тоҷикистон кор карда баромадам. Нуқсонҳое, ки аз тарафи худатон дуруст кардан лозим буд, саҳифа ба саҳифа ҳам дар охири китоб қайд кардам» [Мактубҳо: 2023, 185].

Ҷойи таъкид аст, ки қайду мулоҳизаҳои Садриддин Айнӣ фарогири соҳаҳои мухталиф ва масъалаҳои муҳими эҷодӣ буда, аз нигоҳи хусусияту мазмуну муҳтаво гуногун мебошанд. Садриддин Айнӣ дар рафти таҳрири романи «Шодӣ» ба ғайр аз қайдҳои забонӣ – услубӣ, ҳамчунин дар атрофи мазмуну мундариҷа, инкишофи сюжети асар, бандубаст, сохтору таркиб, шеваҳои тасвири шахсиятҳо, муносибат бо забони адабӣ, нутқи қаҳрамонҳо ва забони муаллиф, доир ба истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, нақши калимаву ибораҳои рехта дар асар, изҳори назар намудааст.

Садриддин Айнӣ дар баробари қайду мулоҳизаҳо, то ҷое перомуни нақшу мавқеи адабиёт дар ҷомеа ва дар тарбияти инсон, масъалаҳои фардикунонӣ, роҷеъ ба мактабҳои адабӣ, мисли реализм, ҳаёт ва нависанда андешаронӣ кардааст.

Зикри як нуқта зарур аст, ки муҳаққиқону адабиётшиносоне, ки дар бораи Ҷ. Икромӣ ва ҷанбаҳои эҷодии ӯ, ҳунари нависандагиаш таҳқиқу пажӯҳиш кардаанд, бештар ба ин масъала таъкид намудаанд, ки Ҷ. Икромӣ моҳи сентябри соли 1927 дар Бухоро бо Садриддин Айнӣ шинос шудаву баъдҳо

асарҳои вайро таҳрир кардааст. Вале, ба андешаи мо, дар ин доира баррасӣ намудани масъала маҳдуд кардани масъалаи аслист, зеро дар атрофи таҳрир ва қайдҳои Садриддин Айнӣ дар саҳифаҳои дастнависи нависанда сухан рондан ва онро таҳлилу таҷзия намудан, дар шинохту маърифати таърихи зуҳури романи «Шодӣ» ва давраҳои кори нависанда дар болои роман ниҳоят муҳим аст.

Қайдҳо ва мулоҳизоти Садриддин Айнӣ ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам амалӣ хеле аҳамиятноканд.

Ҷ. Икромӣ баъдҳо дар атрофи романи худ ва фаъолияти таҳриргарии Садриддин Айнӣ чунин гуфта буд: «Романи «Шодӣ»-ро устод дар дастнависи ман хонда, ба бисёр ҷойҳояш эрод гирифта, батафсил навишта буданд, ки он дастнавис барои ҷавонҳои имрӯза як мактаб аст» [Икромӣ: 1958].

Тавре ки аз таҳқиқоти мунаққидон бармеояд, ҳангоме ки Ҷ. Икромӣ дастнависашро барои таҳриру назархоҳӣ ба Садриддин Айнӣ мефиристад, нахустин ҷанбае, ки таваҷҷуҳи устодро ба худ ҷалб месозад, вуҷуди истеъдоде буд, ки дар дастнавис пеши назараш ҳувайдо шуда буд. Тасвири воқеияти зиндагии солҳои сиюм ва ҷанбаҳои ҳунармандонаи роман устодро водор месозад, ки ризоиятмандона чунин бинависад: «Асар ба таланти хуби нависандааш далолат мекунад» [Мактаб: 2010].

Ҳамон гуна ки қайд намудем, яке аз ҷанбаҳои пурқуввати асар, ки аз ҷониби устод махсус таъкид шудааст, воқеъбинона инъикос сохтани ҳаёти ҷомеаи онрӯза аст. Вале дар баробари ин, яке аз нуқсонҳои ҷиддӣ ва ба назар намоёни асар реалистона инъикос нашудани шахсияту ҳиссиёти қаҳрамонон аст. Садриддин Айнӣ бисёре аз саҳнаҳои зиндагии қаҳрамононро бо ҳаёти воқеӣ муқоиса мекунад ва андешаву мулоҳизаҳояшро дар ҳошияи асари нависанда изҳор медорад. Яке аз саҳнаҳое, ки дар роман нодуруст инъикос шуда, манзараи кулаккунӣ мебошад, ки аз нигоҳи устод хеле заифу ноқис буда, таъсири баръакс дорад. Нависанда ҷараёни кулаккуниро тавре тасвир мекунад, ки дар зеҳну ҳуши Гулнор, қаҳрамони асар, ба ҷойи нафрат эҳсоси раҳму шафқат бедор мекунад. Барои равшаниандозӣ пораеро аз тасвири Ҷ. Икромӣ меорем:

«Суҳбати онҳо ба ҳамин ҷо расида буд ки, аз ҳавлии ҳамсоя овози доду фарёд баланд шуд… Зани хурдии бой дар таҳи дари хона худро дароз партофта, Шодӣ, Маҳмуд ва як нафар милисаро намегузошт, ки ба хона дароянд. «Доде, ин золим мемонад ё не», – гуфта фарёд мекард ва дасту по мезад. Дар қарибии Тӯрабек сардори милитсия ва Холмирзо рост меистоданд. Духтар ва писарҳо доду фарёд мекарданд. Охир Шодӣ калидро аз занак гирифт. Милитсия ба вай ёрӣ расонд. Дигарҳо ба хона даромаданд. Шодӣ, баъд аз он ки занакро ба милитсия супурд, худаш ба анбор даромад» [Мактаб: 2010, 112].

Садриддин Айнӣ дар бораи ин матн чунин менависад: «Ба ин тариқа тасвир кардани кулаккунӣ дуруст нест. Бояд нависанда фикрҳоро ба тарзи реализми инқилобӣ тасвир кунад. Дар ин ҷо ба тарзе тасвир ёфтааст, ки ба дили хонанда дар ҳаққи Тӯрабек раҳм меояд. Нависанда дар аввали тасвири худ «…дар рӯйи ҳавлии Тӯрабек ҳақиқатан як манзараи дилгиреро дида» мегӯяд: Ин тасаввуроти худи нависанда аст. Ин гуна тасвирот бояд дар дили яке аз ҳамсафҳои Тӯрабек пайдо мешуд» [Мактаб: 2010, 113].

Бояд хотиррасон намуд, ки қайду мулоҳизоте, ки устод дар таҳрири якуми асар анҷом дода буд, дар таҳрири дуввуми роман мавриди истифода қарор гирифтанд. Ба андешаи Камол Айнӣ, «Ҷ. Икромӣ дар таҳрири дуюм манзараи кулаккуниро ба тариқе тасвир кардааст, ки рафтори Тӯрабек, муносибати байниҳамдигарии занони он ба ҳоли кулакшавандагон нафрати хонандаро бедор мекунад. Нафрат нисбат ба душманони халқу Ватан яке аз хусусиятҳои муҳими Гулнор шуда мемонад. Гулноре, ки дар варианти якум бо дидани манзараи кулаккунӣ «дилгир» ва беҳуш шуда буд, дар ин вариант бо дидани манзараи чизталошкунии занони бой, доду фиғони онҳо, «беобрӯйҳо» мегӯяд» [Мактаб: 2010, 114].

Қайду мулоҳизоти устод дар атрофи романи «Шодӣ» гуногунанд, вале хулосаи умумӣ ин аст, ки Садриддин Айнӣ бо ҳама паҳлӯҳои асар ба бандубаст, сохтори роман, шеваҳои андешаронӣ ва суханронии қаҳрамонҳо таваҷҷуҳ доштааст.

Дар роман як бобест зери унвони «Саргузашти Истадака», ки аз забони шахси аввал оғоз гардида, хеле дурудароз давом мекунад. Қабл аз он ки ба қайду мулоҳизоти Садриддин Айнӣ назар андозем, лозим аст, пораеро аз боби мазкур орем: «Гапи муйсафедро гӯш карда истода сабади ангур ба хотирам омад. Дастамро ба бағалам дароз карда, сабадро наёфтам. Ман саросема шуда надониста мондам, ки сабади ангур чӣ шуд, ба куҷо рафт. Акнун чӣ кор кардан даркор, ба хӯҷаин чӣ ҷавоб медиҳам? Ба як ҷой нишаста, ҳамин қадар фикр кардам, ҳеҷ ба хотир оварда наметавонам, ки сабадро чӣ кор кардам» [Мактаб: 2010, 117].

Дар ин матн дар назари аввал гӯё ҳеҷ нуқсону камбудие дида намешавад, вале баёнҳои ғайримантиқӣ, баёни маснӯӣ дар ин порча хеле зиёд аст. Махсусан, пас аз хондани қайдҳои устод мо ба умқи онҳо пай мебарем.

Қайд: «Масъалаи сабади ангур ғайритабиӣ аст. Дуруст аст, ки аз боғ то гузари Мирзо Баҳодур як дараҷа ба зиндагӣ наздик буд. Аммо баъд аз он ҳамагӣ сохтааст. Гум шудани он аз бардошта гаштани он ҳам ғайритабиитар афтодааст. Кадом ахмоқ аст, ҳамон сабади ангурро, хусусан ба Мирзо Баҳодур медиҳам гуфта, бардошта мегардад ва кадом беҳуш аст, ки гум шудан ва аз дасташ афтодани як сабад ангурро нафаҳмида мемонад ва ҳатто вайро аз бағали худ меканад. Охир як сабад ангур як дона чормағз нест» [Мактаб: 2010, 118].

Мулоҳизоти дигари Садриддин Айнӣ ба шеваи баёни рӯйдодҳои асар вобастагӣ доранд. Гап дар ин аст, ки бахши зиёди воқеаҳо аз забони қаҳрамони асар – Истадака баён мешаванд. Дар ҳоле ки, ба андешаи устод, воқеаҳо бояд аз ҷониби нависанда тасвир карда шаванд.

Ин камбудии асарро устод ба шарҳи зер тавзеҳ медиҳад: «Ҳикояи Истадака аз ду ҷузъи чопӣ зиёд шудааст. Ин гуна ҳикояҳои дарозро тамоман аз ҷониби як одам бо абзатсҳои дароз нақл кардан ҳикояро хеле гарон мекунад. Аввал лозим буд, ки ин ҳикояро аз ҷониби гӯянда навишта, худи нависанда ба тарзи тарҷимаи ҳол саргузашти худро шарҳ медод. Дар он вақт дар миёнаҳои тасвир табиати характери одамон даромада, ҳикояро ширин мекард. Ҳеҷ набошад, лозим буд, ки нависанда абзатсҳоро кӯтоҳ карда, аз забони

шунавандаҳо саволҳоро ва баъзе корҳои дигарро дар миён медаровард, шояд ҳикоя аз ин вазнинӣ қадаре мебаромад» [Мактаб: 2010, 119].

Садриддин Айнӣ дар номае, ки зимистони соли 1937 унвонии Ҷ. Икромӣ менависад, ба костагиҳо ва норасоиҳои дастнавис ишора намуда, аз нависанда тақозо мекунад, ки «пеш аз он ки кори дубораро сар кунед, асарро бо қайдҳои ман дар читкаи умумии нависандагону шоирон ва тарҷимонон монед. Барои ду кор: яке аз ин, ки ин меҳнати ман дар Шумо маҳдуд шуда намонад ва бародарони дигар фоида баранд, дуюм ин, ки ба болои мулоҳизаҳои ман мулоҳизаҳои рафиқонаи дигарро зам карда гиред ва дар кори дубора дар назар доред, то ки асаратон боз ҳам мукаммалтар шавад» [Мактаб: 2010, 120].

Зикри ин нукта бамаврид аст, ки дастнависи романи «Шодӣ» пас аз таҳрири устод ба дасти нависандаи номдори тоҷик Ҳаким Карим меафтад. Ҳаким Карим низ илова бар қайду мулоҳизоти устод фикру андеша ва баъзе мулоҳизоти хешро баён менамояд.

Ҷалол Икромӣ бошад, ҳангоми ба чоп ҳозир кардани дастнависи роман на фақат ба қайд ва мулоҳизаҳои Садриддин Айнӣ такя мекунад, балки баъзе аз пешниҳоду маслиҳатҳои Ҳ. Каримро низ барои камолу пухтагии роман ба кор мебарад. Нависанда дар таҳрири дуюм воқеаву рӯйдодҳои мавҷударо дар боби Истадака аз нав кор карда мебароядд, онро хеле кӯтоҳ мекунад. Ба роман бахшҳои тозаеро илова намуда, образи Истадакаро барҷастатар месозад. Нависанда мазмуни ғоявӣ ва бадеии образи Истадакаро низ тағйир медиҳад. Дар таҳрири дуюм Истадака ҳамчун шахси дар мубориза҇о пухтагӣ, таҷрибанок, кордида ба ҷавонҳо маслиҳатгӯ инъикос шудааст.

Типӣ, умумӣ мунъакис намудани падидаву рӯйдодҳои асар, образи қаҳрамонҳо мавзуи дигарест, ки Садриддин Айнӣ ҳангоми таҳрири романи «Шодӣ» ба он диққати махсус додааст. Ба андешаи устод Айнӣ, як адиб, ҳунарманд дар асари бадеӣ ҳодисаҳо, воқеиятҳои тасоддуфиро, ки аҳамияти дуюмдараҷа доранд, бояд дар ҷойи аввал нагузорад: «нависанда дар як асари адабӣ ҳар чизеро, ки тасвир мекунад, бояд типӣ бошад. Масалан, нависанда агар хоҳад, ки баҳори Самарқанд, тобистони Бухоро ва зимистони кӯҳистонро

тасвир кунад, бояд тарзе нишон диҳад, ки бештарини солҳо ин мавсимҳо дар он вилоятҳо ба нишон додани нависанда мувофиқ ояд» [Мактаб: 2010, 137].

Аз тарафи дигар, Садриддин Айнӣ бар ин назар аст, ки барои инъикосу тасвир, пурраву комилсозии бархе аз саҳнаҳову эпизодҳо, ҷанбаҳои мухталифи ҳар як шахсияти асар ё вижагиҳои ҳар як мавзуи тасвиршаванда истифодаи ҳолату воқеиятҳои ҷузъӣ ба назар зарур мерасад. Дар иртибот бо ин мавзуъ дар матни таҳрири устод чунин омадааст: «Агар нависанда баъзе ҳолатҳои кам воқеъшавандаро нишон доданӣ шавад, бояд бо сабабҳояш нишон диҳад. Масалан: Баҳор дар Самарқанд хеле дилгир ва хазонмонанд шуд. Зеро зимистон барф наборида буд ва баҳор ҳам хушк омад, ҳеҷ борон наборид ва монанди инҳо» [Мактаб: 2013, 137-138].

Дар қайду мулоҳизаҳои Садриддин Айнӣ мо ба тамоми мавзуъҳо ва масъалаҳое вомехӯрем, ки зимни офариниши як асари адабӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ба ақидаи С. Айнӣ, нависандаро лозим аст, ки на танҳо дар тасвири характеру образҳо, балки дар тасвиру тавсифи манзараҳои табиат ҳам ҳақиқатнигор бошад. Доим ба ҳама мазоҳири табиат мушоҳидакор бошад ва аз миёни ҳодисаву рӯйдодҳо муҳимтаринашро дарку интихоб карда тавонад. Масалан, дастнависи романи «Шодӣ» бо тасвири манзараи шаҳри Бухоро шурӯъ мегардад. Вале ҷузъиёти тасвир барои тобистони Бухоро хос нест. Садриддин Айнӣ чунин нигоштааст: «Дар аввали китоб моҳи августи Бухоро тамоман бо шамоли аз ҳад берун сахт нишон дода шудааст. Ин ҳол дар Бухоро, хусусан дар моҳи август, ҳеҷ дида нашуданӣ аст. Агар шуда бошад ҳам, аз ҷумлаи ҳодисаҳои нодир ба шумор меравад. Ин гуна тасвир барои шаҳри Қуқанд, райони Тирмиз ва Қӯрғонтеппа типикианд, на барои Бухоро» [Мактаб: 2010, 138].

Садриддин Айнӣ бар ин андеша буд, ки дар як асари бадеӣ тасвир намудани ҳама чиз, ҷою маконҳо зарурат надорад. Бояд маконе мавриди тасвир қарор гирад, ки ба кушода додани падидаву рӯйдодҳои мавриди назар иртиботу пайванд дорад. Ё ин ки дар ҷараёни ҳаракати умумии масири андеша ёрӣ мерасонад. Дар дастнависи романи «Шодӣ» устод зимни мурури тасвирҳои

нависанда дар бораи шеваи тасвир ва махсусан тасвири қишлоқ, чунин хотирнишон месозад: «Қишлоқро тасвир кунад, бояд, ки кӯчаҳо, ҳавзҳо, ҳавлиҳоро тасвир кунад, тасвири умумӣ хуб нест, балки тасвири он ҳавлиро кардан лозим аст, ки ҳодиса дар он ҷо меравад. Лекин он тасвири хусусӣ бояд характери умумӣ дошта бошад. Яъне тип шуда тавонад. Дар ин саҳифа ҳавлиҳо умуман тасвир ёфтаанд. Дуюмбора ба тасвири ҳавлӣ ва ҳикоя гузошта шудааст, ки ин номуносиб аст» [Мактаб: 2010, 139].

Мавзуи дигаре, ки замони таҳрири асар Садриддин Айнӣ дар атрофи он изҳори назар намудаву риояти низоми онро таъкид намудааст, занҷираи хотираи нависандагист. Яъне зимни ривоят ва баёни ҳадаф парешонии андеша, гусастагӣ дар хати сюжет вуҷуд надошта бошад. Гап дар ин аст, ки дар рафти тасвири воқеаҳо ҳаракату амали қаҳрамонҳо дар романи «Шодӣ» пайдарҳамии андешаҳо риоя намешаванд. Дар ҳоле ки ин як нуқсони ҷиддӣ ба шумор меравад.

Масалан, дар роман як саҳнае аз суҳбати қаҳрамонони роман Муқим, Шодӣ, Истадака ва мӯйсафед (падари Муқим) тасвир шудааст. Нависанда зимни тасвири суҳбат менависад, ки мӯйсафед чойникро гирифта, берун баромад, вале пас аз чанд ҷумлаи дигар менависад: «Шодӣ гап назада монд. Муқим ресмони даҳони чойникро баста истода ба Истадака ҷавоб дод».

Тавре ки дида мешавад, мӯйсафед чойники назди Муқим бударо берун бурда буд, вале нависанда он лаҳзаро фаромӯш карда, ба тасвири дигар мепардозад.

Устод ба ин ҷузъиёт таваҷҷуҳи махсус доштааст. То ҷое, ки дар бораи ҳамин тасвири боло чунин ақида дорад: «Агар ин ҷо ду чойник бошад, аз аввал гуфтан даркор буд. Ҳатто кандани ресмони чойникро аввал нишон дода, баъд аз он бастани онро гуфтан лозим аст» [Мактаб: 2010, 140].

Бояд қайд намуд, ки низоми баёни андеша, мутобиқати мазмун бо ҷузъиёти он ҳамеша мадди назари ҷузъиёти ӯ будааст ва дар номае перомуни ин мавзуъ ба Ҷ. Икромӣ чунин менависад: «Барои ҳар нависанда аз ҳар чиз

пештар хотираи устувор лозим аст. Нависанда бояд чунон диққат кунад, ки дар кадом саҳифа чӣ навиштанашро донад» [Мактаб: 2010, 140].

Тавре ки аз баррасии қайдҳои устод маълум мегардад, як гурӯҳ аз нуқсонҳои роман дар тасвири манзараҳои табиат дида мешавад. Ҷ. Икромӣ ба тасвир дода шуда мантиқи пайванди калимаҳоро фаромӯш мекунад. Ба сифати намуна чанд мисол меорем. Дар дастнависи роман боби «Муаллими ишқ» бо тасвири манзара оғоз мегардад: «Моҳи декабр гӯё мехост, ки моҳи зимистон будани худро нишон диҳад. Дар рӯзҳои аввали худ ҳаворо сахт хунук кард. Осмон ба абри яклухти тира пӯшида шуда буд. Кушод будан ва на абр будани он маълум набуд. Шабҳо қирав борида, ҳама ҷоро сафедча мекард».

Номутаносибии корбурди калимаҳо, халалдор шудани мантиқи баён С. Айниро водор намуда, ки дар атрофи ин порча чунин изҳор намояд: «Модоме ки шаб тира аст, пас чаро абр будан маълум нашавад? Аввал ин, ки қирав намеборад, мерезад. Дуюм ин, ки дар шаби абр на қирав ва на шабнам намерезад. Шабнам ҳамеша дар шабҳои беабр, ором, бешамол мерезад. Агар ҳаво соф бошад, ин шабнам қирав мебандад» [Мактаб: 2010, 142].

Ночаспониҳо дар тасвирҳои романи «Шодӣ» кам нестанд ва ҷолиб ин аст, ки устод дар атрофи ҳар яки онҳо ниҳоят дақиқкорона ва назаррасона шарҳу мулоҳизот баён намудааст. Масалан, дар тасвири зерин, ки дар миёни матлаби баёншуда мантиқ нест: «Шодӣ дар тамоми роҳ фикру хаёл карда, аз пеши масҷид гузаштани худро надониста монд. Аммо ду кас Зайнаб ва Қудрат аз тарсе, ки онҳо ба Шодӣ рӯ ба рӯ нашаванд, худро ба ҳуҷраи масҷид паноҳ карданд. Ва ҳол он ки Шодӣ онҳоро надид» [Мактаб: 2010, 143].

Устод бо эҳсоси харобии мантиқи баён чунин менависад: «Модоме ки он ду касро надидааст, агар дар тасаввури худ машғул намешуд ҳам, дар бораи онҳо фикр намекард. Бинобар он далели мантиқ дар ҳаққи онҳо фикр накарданаш надидани онҳост» [Мактаб: 2010, 143].

Яке аз кӯшишҳои Садриддин Айнӣ зимни таҳрир ин буд, ки маънои ҳар як ҷумла, ҳар як ифода ба хонанда аниқу фаҳмо бошад. То кадом андоза

дақиқкор будани устод дар кори таҳрир аз нигориши ин мисолҳо равшан мегардад.

Баёни равшану возеҳи матлаб, дурӣ ҷустан аз калимаву таркибҳои печидаву номафҳум талаби дигари Садриддин Айнӣ аст, ки пеши Ҷ. Икромӣ гузошта шудааст.

Матн: Дар байни мардум ҳар гуна гап паҳн шуда буд: «Колхоз шавад, кас кофир мешудааст. Кофир шавад, ризқаш бурида мешудааст.

– Ба колхозчиён вабо афтидааст.

– Анбори ғаллаи колхозро тороҷ карданд.

– Барзагов нест шудааст. Колхоз як моҷаро будааст…»

Садриддин Айнӣ пас аз бознигарии бахши мазкур чунин нигоштааст:

Қайд: «Тороҷ кардани дуздон амбори колхозро табиӣ аст, ҳам воқеъ аст.

Ин на як бор, сад бор шуд. Лекин инро донистан даркор аст, ки ин дуздон ҳамон аксулинқилобчиёнанд, ки ба колхоз муқобиланд.

Дуздидани моли колхоз ҳам яке аз муборизаи онон аст» [Мактаб: 2010, 147].

Лозим ба зикр аст, ки яке аз масъалаҳое, ки устод Айнӣ дар дастнависи романи «Шодӣ» ҳамвора дар миён гузоштаву онҳоро мисли як забоншиноси воқеӣ ҳаллу фасл намудааст, муносибати забони адабии тоҷик бо шеваву лаҳҷаҳо аст. Мавсуф корбурди калимаву лаҳҷаҳои маҳаллиро дар асари адабӣ ниҳоят арзишманд медонад.

Аслан, баҳрагирӣ аз калимаву ибораҳои лаҳҷавӣ дар осори адабӣ мавзуи тозае нест ва аксари нависандагон бо мақсадҳои гуногун аз вуҷуди онҳо истифода мекунанд, вале тақозо аз нависандагон ин аст, ки ҳадду андозаро дар истифода нигоҳ доранд.

Аммо, тавре ки аз қайду мулоҳизаҳои устод дар ҳошияҳои дастнависи романи «Шодӣ бармеояд, Ҷ. Икромӣ дар асараш аз лаҳҷаву шеваҳо зиёд ва бемавқеъ истифода намуда, мавриди сарзаниши устод қарор гирифтааст.

Садриддин Айнӣ сӯистеъмоли лаҳҷаҳоро дар саҳифаҳои роман нуқсони ҷиддӣ номида, нависандаро зери тозиёнаи танқид мегирад.

Таъкиди махсуси нависанда аз рӯйи ин масъала бесабаб набуд, зеро дар солҳои сиюм гурӯҳе аз мунаққидону адабиётшиносон истифодаи калимаҳои лаҳҷавиро дар осори адабӣ ҳусну арзиши баланди он меҳисобиданд. Маҳз ба хотири нодурусту бепоя будани ин ақидаро нишон додан ва нависандагони ҷавонро ба роҳи рост ҳидоят кардан вазифаи аввалиндараҷаи адабиётшиносону муҳаққиқон буд.

Садриддин Айнӣ қариб барои тамоми калимаву таркибҳои шевагии романи «Шодӣ» шарҳ навиштаву дурустиву мавқеияти онҳоро хотирнишон кардааст. Ба сифати намуна чанд мисол меорем.

Ҳангоме ки қаҳрамони асар Истадака ногаҳон бемор шудани Муқимро аз Шодӣ мешунавад, бо ҳайрат чунин мепурсад: Матн: «Чӣ, дирӯз дуппа-тузук буду? Хайр одами-да, мешудааст, ин тавр бошад ман ҳам рафта пурсида биём. Ҷур, набошад».

Садриддин Айнӣ роҷеъ ба матни боло чунин изҳори назар мекунад: Қайд: «Ҷур» ва «ҷуред»-и хуҷандиро ба «гусел» қиёс кардан дуруст нест. Бо «ҷур» ва «ҷуред» сахт мубориза кардан даркор аст» [Мактаб: 2010, 154].

Бояд арз намуд, ки истифодаи шева дар роман ба андозаест, ки гоҳо унвони бобҳои романро фаро мегирад. Масалан, як боби роман «Рошед ба хона» номгузорӣ шудааст. Устод ҷумлаи «Рошед ба хона» – ро дар ҳошияи китоб оварда, ба шакли «ба хона равон шавед» ислоҳ мекунад ва зимнан хотирнишон мекунад:

Қайд: «Дар ин гуна мавридҳо забони кӯчагиро кор фармудан дуруст нест. Чунончи, «рашоед: дар Бухоро «рашоед» мегӯянд;

Дар Самарқанд «рушоед» мегӯянд. Дар баъзе ҷойҳои дигар «рушоед» мегӯянд? Дар ин гуна мавридҳо, беҳтар он аст, ки ин калима «равон шавед» кор фармуда шавад» [Мактаб: 2010, 154].

Садриддин Айнӣ бар ин назар буд, ки аз забони мардум, аз лаҳҷаву шеваҳои тоҷикӣ танҳо он гурӯҳ аз вожагону иборот ба забони адабӣ ворид гарданд, ки қобили қабулу дарки умуманд.

Садриддин Айнӣ дар дастнависи роман калимаҳои лаҳҷавии «ҳамчун, ҳамунту, ҳаминтавр, инзайлин, набошад»-ро, ки ғайриадабӣ мебошанд, ба шакли дурусту адабиаш «ҳамааш, ҳамин тавр, ин гуна» иваз кардааст.

Нуктаи дигаре, ки аз миёни қайду мулоҳизоти устод берун меояд, ба тарзу шеваи сухан гуфтани қаҳрамон дахл дорад. Ӯ борҳо таъкид мекунад, ки нависанда вазифадор аст, қаҳрамонашро ба гуфтори дурусту рост ва беиштибоҳ водор созад. Худи нависанда низ замоне ки нақши ровиро дар асараш мебозад, бояд бехатову камбудӣ гап занад, бояд дар риояти сарфу наҳви забони тоҷикӣ дақиқкор бошад. Мутаассифона, камбудию костагиҳои забонӣ дар заминаи низому қоидаҳои забон дар роман зиёд будааст, ки ҳатто боиси хашму ғазаби Садриддин Айнӣ гардидааст.

Масалан, нависанда Шодиро таърифу тавсиф намуда, аз забони Муҳаммадҷонака чунин мегӯяд:

Матн: «Худаш бачаи кушодарӯй, хушфеъл не-мӣ, аз бози ҳамин бачаҳо ба гирди вай ғун мешаванд».

Устод таркиби «аз бози»-ро бо таркиби «аз боиси» иваз намуда, чунин менависад: Матн: «Агар дар адабиёт ба ҷойи «аз боиси» «аз бози» навиштан гиред, дар ду-се сол ба арвоҳи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фотиҳа мехонем» [Мактаб: 2010, 168].

Дар матни таҳриршудаи «Шодӣ» мо ба ҷумлаҳое дучор мешавем, ки аз нигоҳи услуб таҳрир карда шудаанд. Барои равшан шудани андешаи мазкур метавон мисоле овард. Қаҳрамони роман Барака хушҳолона рубоии зеринро замзама мекунад:

«Шаби маҳтоб, маҳтобӣ кашидам,
Чилими нукраро холӣ кашидам.
Чилими нукра аз бандаш ҷудо шуд,
Хабар омад, ки ёрам кадхудо шуд.

Овози форами вай ба атроф қанот паҳн мекунад» [Мактаб: 2010, 167].

Ҷумлаи охир дар таҳрири устод ба шарҳи зер ислоҳ гардидааст: Қайд: «Овози форами вай болҳои худро ба атроф паҳн мекунад» [Мактаб: 2010, 167].

Равшан аст, ки нақши забони адабӣ дар тарбияти маънавӣ ва зебошинохтии хонандагон ниҳоят муҳим аст. Гузашта аз ин, забони як асар барои омӯзиши забон, луғату таркибҳои тозаи забонӣ манбаи муҳиме маҳсуб мешавад. Аз ҳамин сабаб Садриддин Айнӣ дар тамоми осоре, ки аз таҳрири ӯ гузаштааст, ин масъаларо дар мадди назар доштааст. Аз ҷумла, зимни таҳрири романи «Шодӣ»-и Ҷ. Икромӣ. Гоҳо аз навиштаҳои устод ҳолати равонии ӯ, ки сабабаш дучор омадан ба калимаҳои ғайриадабӣ ва мантиқи хароби ҷумлабандист, эҳсос мешавад. Мисоли поёнӣ намунаи равшани фикри болост.

Матн: «Юсуф гап назада монд. Комиссияҳои омадагӣ хеста рафтанд.

Қайд: «Охир ин ҷумла аз забони нависанда аст, бояд рост шавад. Ин ҷо чанд комиссия нест, як комиссия кор мекунад».

Лозим ба зикр аст, ки қайду мулоҳизоти устод Садриддин Айнӣ дар атрофи ҷанбаҳои гуногуни забону услуб, муҳтаво, сохтору бандубасти романи «Шодӣ» зиёданд, вале мо бо он мисолҳои овардашуда иктифо мекунем.

Он чи ки аз маҷмуи қайду мулоҳизоти устод бармеояд, ин аст, ки ҳар як нависанда дар радифи амиқу ҳамаҷониба донистани воқеияти айнӣ бояд забони халқро ба тамоми ҷузъиёташ фаро бигирад. Донистани фасоҳату салосат, ҳусни забон ба нависанда ё шоир имкон медиҳад, ки асари хубу қобили қабул эҷод намояд. Маҳз ба хотири ҳамин то чӣ андоза арзишманду муҳим будани хидмати устодро дар тарбияту камоли нависандагону адибони тоҷик метавон чунин хулоса намуд. Барои хушсифатии забон ва услуби эҷоди нависандагон ёрӣ расондани Айнӣ на танҳо дар ҷараёни муҳокимаи асарҳои бадеӣ характернок аст, балки аз аввал то ба охир дар зери назорати эҷодӣ гирифта, ба нависандагон аз ҷиҳати принсипиалӣ, эҷодӣ, забон ва услуби адабӣ ёрмандӣ намудани ӯ муҳим аст.

Таърихи аз тарафи Айнӣ ба тариқи маслиҳат гаштаву баргашта ислоҳ карда шудани ҳикояҳои нависанда Ҷалол Икромӣ, қайдҳои Айнӣ оид ба забону услуби романи ӯ «Шодӣ» ва ғайра воқеан барои пешрафту эҷоди нависандагон, ба хушсифаттар шудани забону услуби адабиёт ёрии амалии устодро мефаҳмонад.

## 3.2. Садриддин Айнӣ ва Сотим Улуғзода

Нақши Садриддин Айнӣ дар «рост кардани даст»-и бисёре аз нависандагону адибони муосир ниҳоят калон аст. Ӯ аз ҷумлаи бузургмардоне буд, ки вуҷуди истеъдоду маҳоратро дар нахустин навиштаҳои адибон эҳсос менамуд ва барои парваришу камоли минбаъдаи онҳо иқдом менамуд. Саҳми Садриддин Айнӣ дар шаклгирии шахсияти Сотим Улуғзода низ ниҳоят муассир аст. С. Улуғзода замони таҳсил дар Дорулмуаллимини Тошканд повести «Сом ва Дик»-ро тарҷума намуда, ба шуъбаи тошкандии Нашриёти давлатии Тоҷикистон месупорад. Тибқи навиштаи худи устод, дастнависи тарҷума дар нашриёт гум мешавад. Вале пас аз гузашти чанд муддат нависандаро ба нашриёт даъват намуда, дастнависи таҳриршударо бо замимаи номае ба вай бармегардонанд. Бар асоси маълумоти нома, ҳангоми фиристодани маводи бойгонии нашриёт ба Самарқанд матни тарҷума тасодуфан ба дасти Садриддин Айнӣ мерасад ва кори тарҷумон диққати ӯро ҷалб месозад. Ӯ матни тарҷумаро таҳрир карда, барои нашр тавсия менамояд ва назарашро дар бораи кори тарҷумон иброз медорад.

Маҳз ҳамин арзёбии хайрхоҳонаи Садриддин Айнӣ сабаб мегардад, ки С. Улуғзода бештар ба кори тарҷумаву нависандагӣ машғул гардад.

Баъдҳо бахши дигаре аз офаридаҳои С. Улуғзода ва В. Виткович аз ҷониби Садриддин Айнӣ таҳрир шуда, ки маъруфтаринаш матни сенарияи «Ибни Сино» мебошад. Қайдҳову мулоҳизоте, ки зимни таҳрири ин сенария устод дар ҳавоиши матнҳо навиштааст, дар шумораи № 9 маҷаллаи «Садои Шарқ» соли 1953 ба чоп расидааст.

Қайду мулоҳизаҳои устод ба ҷанбаҳои мухталифи матни сенария дахл доранд. Нахустин нуктае, ки мавриди интиқоди устод қарор гирифтааст, номутаносибии вожагону таъбироти матн ба замони Сомониён аст. Гузашта аз ин, бархурду муошират ва маданияти баъзе аз қаҳрамонон хилофи воқеияти он давра ва дур аз табиати инсонист. Барои равшан шудани матлаб мисолеро меорем:

Матн: Саҳифаи 35. аз боло сатри 6. «Абӯалӣ ба замин афтида таъзим мекунад».

Қайд: «Абӯалӣ ибни Сино ба ин разолат тан намедод ва тан надодааст».

Ё ки: Матн: Ҳамон саҳифа аз поён сатри 24 «Амир бо лабханд ва илтифоти ҳавобаландона ба Абӯалӣ мурочиат мекунад:

– Мо метавонем, ба ту обу замин, ғулому каниз, рамаю галлаҳо бахшем, симу зар диҳем…

– Ба китобхонаи подшоҳӣ роҳ ёфтан барои ман аз ҳар атою инъом авлотар аст, – мегӯяд Абуалӣ.

Подшоҳ табассуме мекунаду ба яке аз дарбориёнаш мефармояд:

– Ӯро ба «хазинаи ҳикмат» баред.

Устод бо эҳсоси сабукӣ ва содагии матлаби мазкур ба шарҳи зер қайд мефармояд:

Қайд: Нуҳ он қадар бесавод набуд, ки қадри китобхонаи подшоҳӣ ва бузургии мартабаи Синоро нафаҳмад» [Садои Шарқ №9, 1953].

Аз таҳқиқи матни сенария ва мулоҳизоти устод Садриддин Айнӣ чунин бармеояд, ки муаллифон дар таълифи сенария хеле хунукназарона, бе мутолиаву маърифати воқеияти таърихӣ, мутолиаи адабиёти соҳавӣ муносибат кардаанд. Аз ин рӯ гоҳо саҳнаҳои тасвиршуда аз воқеият дур ва ғайриилмӣ баромаданд. Мисолҳои зер гувоҳи матлабанд:

Матн: Саҳифаи 36, аз боло сатри 11. Дар болои баъзе сандуқҳо даста-даста китобҳои дастнавис ва хатҳои қадимии ба пӯсти ҳайвонот навишташуда хобиданд».

Қайд: «Дар Мовароуннаҳр, дар Самарқанд пеш аз истилои араб қоғазҳои гуногун сохта мешуданд ва ба пӯсти ҳайвонот ҳоҷат набуд. Қоғази Мовароуннахр ба Европа мерафт. Арабҳо ҳам коғазсозиро аз Мовароуннаҳр омӯхтаанд» [Садои Шарқ №9, 1953.]

Ё ки: Матн: саҳифаи 37, аз боло сатри 1 – Бача, ба ту кадом китобҳоро нишон диҳам?

Қайд: Чағонӣ бояд Ибни Синоро мешинохт ва қобилияти ӯро медонист, на ин ки ӯро як бачаи нодон гумон карда масхара дорад. Ҳамаи инҳо ғайритабиӣ ва хилофи таърихианд» [Садои Шарқ №9, 1953.].

Нуқтаи дигаре, ки устод ба он зимни таҳрир зиёд такя менамудааст, ғалату нодуруст тасвир шудани образи Ибни Сино ва содалавҳона инъикос намудани муҳити ҳоким дар замони Ибни Сино аст. Носозгории матлабу воқеият, харобии баён ва аз мантиқ дур будани андешаҳо дар сенария ба такрор аз ҷониби устод таъкид шудааст.

Матн: Саҳифаи 45 аз боло сатри 5: Абӯалӣ ин гуфтугӯйро шунида, ба пирамард муроҷиат менамояд. – Мо бояд ду рӯзи дигар таҳаммул карда побарҷо истем! – Вай бо овози баланд гап мезанад, то ки ҳама шунаванд. – Ба мадади мо лашкари бистҳазории ҳокими Ғазна равон шудааст. Ва хабар овардаанд, ки ба он лашкар сарлашкари номдор писари Ҳоким Маҳмуд сардор будааст!

Вай боз бо саргармӣ доира навохтан мегирад.

Қайд: «Дар ин ҷо ҳам образи Абӯалӣ ғалат дода шудааст, зеро вай монанди як ҷавони мутафаккири рухшинос бояд мақсади Ғазнавиёнро ба некӣ мефаҳмид» [Садои Шарқ №9, 1953.].

Матни сенарияи «Ибни Сино» нишон медиҳад, ки муаллифон дар тасвири муҳити фарҳангӣ ва адабии замон, фарҳанги муносибату муошират ба воқеияти айнии замони зиндагии шоир таваҷҷуҳ накардаанд. Ин аст, ки бисёре аз саҳнаҳо, гуфтугӯҳо ночаспон, сунъӣ, бепоя баромадааст.

Масалан, дар порчаи зер Ибни Сино аз ҷониби як китобхонадори одӣ, ки бояд сатҳи муайяни фарҳангиву дониши маъмулӣ дошта бошад, таҳқир мешавад ва сабабашро нашинохтани Ибни Сино унвон мекунад:

Матн: саҳифаи 39, аз боло сатри 3: Растаи саҳҳофӣ – китобфурӯшӣ. Дар дуконҳои пур аз китоб савдо дар авҷ. Саҳҳофи фарбеҳе дар обу арақ ғӯтида ба як харидори сару либосаш ҳашамматнок тамаллуқкорона китобҳои дастнависро нишон медиҳад. Китобфурӯшони дигар харидор ҷеғ мезананд:

– «Аҷоиб-ул-билдон»-и Абулмуайяд! Нагирифта намонед!

– Ана «Таърих»-и Абубакри Наршахии машҳур!

– Девони Абулҳасан Рӯдакӣ. Хаттоти замон Аббоси Ҳиротӣ китобат кардааст!

Қайд: Дар шаҳре, ки бозори китобаш ба ҳамин ҷӯшу хурӯш бошад, на ин ки китобхонадори подшоҳӣ Абӯалӣ ибни Синоро надонад ва ӯро таҳқир намояд?».

Дар матни сенария ҳатто баъзе аз феълу рафтори ашхос, ки дар мазҳари зиндагӣ маълуму машҳуранд, ғалату баръакс баён шудаанд, ки устод барои ислоҳи матн ба онҳо шарҳи муфассале навиштааст:

Матн: Саҳифаи 6, сатри 8 аз поён: Муллоён саллаҳояшонро ба миён фута карданд.

Қайд: Дар ин гуна мавридҳо муллоён саллаҳояшонро на ба миёнашон, балки ба гарданашон футавор меандозанд ва овезон мекунанд, ки ин аломати мазлумӣ, додхоҳӣ ва мусибат аст. Дар байни мардум одат ҳаст, ки, агар касе бесабаб ё бо сабаби сабук доду фарёд кунад, ба ӯ бо оҳанги киноя: «ба гарданат футаатро андоз ва то гулӯят даридан дод гӯй!» Мегӯянд, [Садои Шарқ №9, 1953].

Садриддин Айнӣ дар таҳрири сенарияи мазкур бо мақсади рафъи нуқсону ғалатҳои имлоӣ дар навишти таъбироту калимаҳои алоҳида ҳамчун як забоншиноси нуктасанҷ ба калимаҳо шарҳи грамматикӣ медиҳад, ба баромади таърихӣ ё таърихи вуруди онҳо ба забон ишорат менамояд:

Матн: Саҳифаи 44, аз боло сатри 14: Аз назди сарбозони гурӯҳ – гурӯҳ нишаста гузашта меравад.

Қайд: «Аскар исми ҷинс ба як нафар ҳам ба гурӯҳ баробар кор фармуда мешавад. Таъбири «сарбоз» дар асри Сомонӣ ва баъди он дуруст нест. Онҳоро *навкар* гуфтан лозим аст. Истилоҳи *сарбоз* таъбири нимаи дуюми асри XIX аст, ки ба аскарони низомӣ гуфта мешуд. Таъбири *навкор* баъд аз истилои чингизиён дар асри XIII пайдо шуд» [Садои Шарқ №9, 1953].

Омӯзишу таҳқиқи қайду мулоҳизоти устод дар ҳошияи сенарияи мазкур, махсусан, барои нависандагоне, ки дар мавзуъҳои таърихӣ асар менависанд, бисёр муҳиму муфид ба назар мерасад.

Тавре ки дида мешавад, устод ҳангоми хондани осори тарҷумашуда ба забони тоҷикӣ на танҳо ба хусусиятҳои забонӣ ва услуби ҷумлаи тоҷикӣ таваҷҷуҳ мекард, балки назокату фаросати мутарҷим ва ҳатто ба тарзи баёни русӣ диққати бепоён дошт. Вай саъю кӯшиш мекард, ки диққати тарҷумонҳоро ба сохти ҷумла, муносибати сухан, калимасозӣ, мазмунсозӣ, фасоҳати сухан ҷалб намояд. Бояд гуфт, ки баёни қайдҳо бо тарзу усулҳои мухталиф сурат гирифтааст. Гоҳо дар муқобили ҷумла ё калимаи алоҳидае аломати савол гузоштааст. Ҷумлаҳое, ки сабабгори норизояту эътирози устод шудаанд, дар зерашон хат кашида шуда, дар атрофашон шарҳу тавзеҳ оварда шудааст. Намунаи ин андешаҳоро мо дар тарҷумаи китоби «Ҳикояҳо»-и М. Горкий мебинем, ки соли 1940 Нашриёти давлатии Тоҷикистон мунташир сохтааст. Китобро Ҳ. Карим ба тоҷикӣ баргардон кардааст. Ҳамон гуна, ки аз нигориши матни китоб маълум мегардад, устод тамоми асарро аз аввал то поён мутолиа намуда, андешаву назар, эродҳо, қайду мулоҳизоти вижаи худро дар ҳошияи саҳифаҳо изҳор доштааст. Ҳеҷ гӯшае аз тарҷума аз madди назари нуктасанҷонаи ӯ пинҳон намондааст.

Тавре ки маълум аст, баъдҳо Ҳ. Карим дар насри муосири тоҷик мавқеи барҷастае бо сабку услуби хоси худ пайдо намуд. Перомуни ҳунари нависандагӣ ва нақши ӯ дар рушду камоли адабиёт мақолоту таълифоти пуршуморе анҷом дода шудаанд, ки намунааш асари муҳаққиқ Б. Камолиддинов «Забон ва услуби Ҳ. Карим» мебошад, ки соли 1967 мунташир гаштааст [Камолиддинов: 1967].

Нахустин мавзуе, ки миёни қайду мулоҳизот ҷалби назар мекунад, костагиҳои услубӣ, махсусан, дар сохтори ҷумлаҳои тарҷумон аст.

Садриддин Айнӣ ба зери ҷумлаҳое, ки аз нигоҳи сохт харобу вайронанд, хат кашидааст. Ҷумлаҳои мазкур чун тарҷума саҳеҳ нашуда, мантиқан харобанд.

Барои тасдиқи фикр чанд мисолро меорем:

«Агар ман ин гуна суханҳоро аз даҳони одами маданӣ мешунидам, чанде дар ҳайрат намемондам, чун ҳанӯз як чунин дарде нест, ки аз организми психикӣ мураккаб ва чигиле, ки «интилигент» ном дорад, ёфт нашавад».

Садриддин Айнӣ аз суханҳои «чун ҳанӯз» сар карда, то охир ба зери ин ҷумла хат кашидааст ва ба носаҳеҳии он ишора намудааст.

«Духтар, чи қадаре ки хушрӯ ва зебо набошад, аммо дилаш танг ва пасткаш меояд». Ин ҷо Садриддин Айнӣ аз калимаи «зебо» сар карда, то охири ҷумла ба зераш хат кашидааст, зеро ин тарзи ифода ба забони тоҷикӣ хос нест» [Рустамов: 1981, 231].

Бахши дигари эродҳои Айнӣ ба таркиби луғавии тарҷумаҳо дахл доранд, ки устод ба зери онҳо хат кашидааст. Махсусан, ибороте, ки нодуруст тарҷума шуда, аввалан, маънии лозимро ифода намекунанд ва, баъдан, хандаовар ба назар мерасанд:

«Тюрма ғамгин ва дилгиркунанда аст» – гуфта шудааст дар матни ҳикоя. Устод бо таъкид ба калимаи «ғамгин» ишорат ба он менамояд, ки калимаи мазкур сифати тюрма нест, балки бозтобдиҳандаи ҳолу ҳавоию равонии инсон аст [Рустамов: 1981, 233].

Муҳимтарин эродҳои Айнӣ марбут ба саҳву иштибоҳоте мебошанд, ки дар натиҷаи корбурди бемавқеи калимаҳои шевагиву лаҳҷавӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар ҳикояҳо махсусан «шилқин», «истубист», «палмидан», «палмосидан», «табуларз» барин калимаҳои вайрони шевагӣ истифода шудааст. Гоҳо дар як ҷумла ду бор калимаи шевагии «ҳозирба» истифода шудааст:

«– *Ҳозирба* хайр, аммо видоъ намекунам, азизам, марҳами ҷонам, ёри ришдорам, хайр» [Рустамов: 1981, 235].

Садриддин Айнӣ ҳамзамон дар ҳошияи китоб шакли дурусти бисёр калимаҳоро, ки дар матн хатову носаҳеҳ чоп шудаанд, нишон додаст.

Мутаассифона, қайду мулоҳизоти устод дар атрофи китоби мазкур то ба имрӯз дар шакли алоҳида тадвин нашуда ва ба чоп нарасидааст.

## 3.3. Садриддин Айнӣ ва Пӯлод Толис

Дар бахшҳои болоӣ мо аз муносибати Садриддин Айнӣ дар пешрафту камолоти нависандагони ҷавон ёдовар шудем ва дар иртибот бо он перомуни мактуби кушодаи Садриддин Айнӣ ба Пӯлод Толис ибрози назар намудем. Вале аҳамияти бузурги онро ба назар гирифта дар таърихи адабиёти тоҷик лозим донистем, роҷеъ ба он муфассалтар мулоҳизаҳоямонро баён кунем. Бо вуҷуди он ки мактуби Садриддин Айнӣ ба нависандаи ҷавон нигаронида шуда буд, нукоту мулоҳизоти он барои насли Пӯлод Толис ва дар маҷмуъ ба аҳли қалам муҳиму аҳамиятнок буд. Бисёре аз олимону адабиётшиносон ба қиммату арзиши адабӣ ва нақши он дар тарбияту рушди касбии нависандагон ишорат намуданд.

Ангезаи аслии мактуби устод як ҳикояи П. Толис зери унвони «Студентшавандаҳо» буд. Садриддин Айнӣ пас аз мутолиаи ҳикояи мазкур бо дарку шинохти истеъдоду маҳорати нависандагии П. Толис андешаҳову пешниҳодҳои пурқиммати худро ба воситаи матбуот ба нависанда ирсол намуд. Барои устод маълум буд, ки камбуду навоқисе, ки дар навиштаҳои П. Толис дида мешаванд, танҳо мутааллиқ ба ӯ намебошанд, нависандагони ҷавони дигар низ аз такрори он хатову иштибоҳот истисно нестанд. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта ӯ андешаҳояшро дар матбуот мунташир сохт. Ногуфта намонад, ки устод ба ҳикояи П. Толис баҳои баланд дода, навишта буд:

«Ҳикоя ҳам аз ҷиҳати идея, ҳам аз ҷиҳати ҳикоябандӣ, тасвири табиат, тасвири зиндагонии имрӯза ва аз ҷиҳати забони таҳрири муаллиф хеле хуб ва дилчасп баромадааст» [Айнӣ: 1954, 78].

Садриддин Айнӣ таъкид менамояд, ки камбудии ҷиддие, ки дар ин ҳикоя аст, танҳо ба муаллифи ҳикоя дахл надошта, балки барои тамоми забони тоҷикӣ хатарнок аст. Устод хитобан ба П. Толис чунин навишта буд: «Шумо, рафиқ Толис, – менависад С. Айнӣ, – забони вайрони ба мурдан маҳкумшударо дар ҳикояи мазкур – Маъруф ва Сокина, ки таҳсили миёнаи советӣ дида, чандин

сол муаллимӣ кардаанд ва Санавбар, ки талабаи мактаби миёна аст, тамоман бо забони вайрон гап мезананд». [Айнӣ: 1954, 78].

Ҳикояи «Студентшавандаҳо» соли 1948 таълиф шуда буд ва он ба давраи аввали эҷодиёти Пӯлод Толис рост меомад. Равшан буд, ки ӯ дар нависандагӣ таҷрибаи кофӣ надошт ва гузашта аз ин, ба донишҳои назарӣ дар заминаи достонсароӣ ва усулҳои достонсоз ошно набуд. Ин аст, ки забони персонажҳои ҳикояи ӯ саршор аз калимаҳои шевагӣ мебошад.

Таъсири ин мактуб ба андозае муассир буд, ки П. Толис то замони дар қайди ҳаёт будан ҳамеша тибқи аҳкоми он амал мекард ва дар ислоҳи забони қаҳрамонҳо ва ҳатто забони худ мекӯшид.

Ба навиштаи адабиётшиноси тоҷик А. Сайфуллоев, П. Толис пас аз нашри мактуб ҳикояи «Студентшавандаҳо»-ро хуб таҳрир намуда, тамоми калимаҳои лаҳҷавиро бо таъбироти адабӣ иваз намуд [Сайфуллоев: 1978, 12].

Ба сифати намуна чанд мисолро зикр мекунем:

1. Таҳрири якум:

– Ҳеҷ чӣ шудагиш не… Намеравам, вассалом. Ҳа, чиба ҳайрон мешавед?

Таҳрири дуюм:

– Ҳеҷ чӣ нашудааст. На, намеравам, вассалом. Ҳа, чаро ҳайрон мешавед?

2. Таҳрири якум:

– Мана гапам якта.

Таҳрири дуюм:

– Гапи ман – якта.

3. Таҳрири якум:

– «Одами кӯҳна» гуфта, аз пасатон ханданд, дуруст-мӣ?

Таҳрири дуюм:

– «Одами кӯҳна» гуфта аз пасатон ханданд, магар нағз аст?

Дида мешавад, ки устод мустақиман асари ҷудогонаи П. Толисро таҳрир нанамудааст. Аксари ақидаҳои ӯ хусусияти пешниҳодӣ доранд. Аммо П. Толис ҳаргиз ин дарси пурҳикмати С. Айниро фаромӯш накарда, гуфтаҳои ӯро зимни офариниши осораш истифода мекунад.

Натиҷаи саъю талошҳои пайгири ӯ повести «Тобистон» аст, ки дар ҷомеаи адабии Тоҷикистон падидаи нодире буд. Беҳуда нест, ки повести мазкур дар анҷумани чоруми нависандагони Тоҷикистон аз ҷониби Мирзо Турсунзода баҳои баланд гирифт: «Ман метавонам, «Тобистон» ном асари насрнависи боистеъдоди мо – Толисро, ки ҳоло аз қаламронии ӯ камолоташ зоҳир мегардад, мисол оварам, – гуфтааст Мирзо Турсунзода. – Дар ин повест тиллорезаҳои характери инсонӣ бисёр хуб ҷамъоварӣ карда шудааст, қаҳрамонони хурду калонсол ба таври зинда тасвир ёфтаанд: «Толис ҳақиқатан ҳам ба суханронӣ ва тасвиркашӣ заргар шудааст. Мо ҳар як саҳифаи асари ӯро бо ҳаловат хондем» [Рустамов, 1981 251].

Зикр кардан бамаврид аст, ки соли 1947 зимни баргузории анҷумани сеюми нависандагони Тоҷикистон П. Толис иштирокчии он буд ва баъд аз шунидани суханронии Садриддин Айнӣ таассуроташро чунин иброз дошта буд: «Садриддин Айнӣ ҳамеша хоҳишманди он буд, ки нависандагонамон зиёд бошанд, китобҳои нағз бисёр шаванд ва хусусан, нависандагони ҷавон зудтар ба камол расанд. Устод нутқи онрӯзаи худро низ асосан ба нависандагони ҷавон бахшид. Ӯ аз таҷрибаи бузурги худ мисолҳо оварда, ба мо роҳ нишон медод, баъдан моро танбеҳ дода, таъкид мекард, ки ба худ мағрур нашуда, ҳаёт ва орзуву умедҳои халқро омӯзем. Мо ба суханони пурқиммати устоди хирадманди худ бо диққати беинтиҳо гӯш медодем ва ин нутқи ӯ барои мо – ҷавонон, дарси муҳими мактаби нависандагӣ гардид» [Толис: 1975, 376].

Бар асоси гуфтаҳои боло метавон зикр кард, ки пешниҳоду дидгоҳҳои Садриддин Айнӣ дар заминаи таҳрири адабӣ то чӣ андоза дар фаъолияти эҷодии П. Толис корсоз будааст.

## 3.4. Садриддин Айнӣ ва таҳрири асарҳои Раҳим Ҷалил

Романи «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил яке аз асарҳои маъруфу ҷовидонии адабиёти муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Шояд барои камтар касоне маълум бошад, ки ин асари бузург аз таҳрири Садриддин Айнӣ гузаштааст. Тавре ки маълум аст, романи «Одамони ҷовид» дар чопи аввал «Гулрӯ» ном дошт. Ба навиштаи худи Р. Ҷалил, устод зимни муҳокимаи қисми якуми роман, ки соли 1939 бо номи «Пӯлод ва Гулрӯ» ба чоп расид, ширкат намуда, муддати чаҳор соат романро бо диққат гӯш мекунад ва ба ӯ камбудию норасоиҳои асарро бозгӯ менамояд. Р. Ҷалил дар асоси раҳнамоиҳои Садриддин Айнӣ асари худро аз нав таҳрир мекунад.

Соли 1949 бахши дуюми «Одамони ҷовид» мунташир мегардад. Устод Садриддин Айнӣ асарро саросар таҳрири ҷиддӣ намуда, қайду мулоҳизот ва андешаҳои нодири худро дар ҳошияи он китоб менависад. Ба навиштаи Х. Отахонова, «ин қайдҳо аҳамияти калони адабӣ дошта, симои Садриддин Айниро ҳамчун нависандаи барҷаста, мураббии нависандагони тоҷик, мунаққиди бузурги замони мо нишон медиҳанд» [Отахонова: 1990, 6].

Баъди аз назар гузаронидани қайдҳои устод метавон ҳадафу талаботи С. Айниро нисбат ба осори баъдӣ ва вазифаи нависанда гурӯҳбандӣ намуд. Садриддин Айнӣ, пеш аз ҳама, аз нависандагон воқеиятнигориро тақозо мекунад. Нависанда аз нигоҳи ӯ бояд ҳаргиз аз омӯхтан даст накашад, ҳамеша дар пайи омӯзиши ҷузъиёти зиндагӣ бошад, зеро зимни бозтобу тасвири падидаҳои зиндагӣ ҳама ҷузъиёт коромаду муҳиманд.

Маҳз ҳамин костагиҳо дар тасвирҳои «Одамони ҷовид» Садриддин Айниро вомедорад, ки бахши зиёди эродҳояшро дар ҳошияи онҳо бинависад. Мисол, дар асар чунин манзарае тасвир шудааст: «Вай аз тиреза барфи лаклакии бо шамол бозӣ доштаистода, галаи зоғонро, ки дар кӯча саргин тит мекарданду аз ҳар қадаммонӣ ва ҳаракати кӯчагузарон дар ҳарос буданд, тамошо мекард ва Раҷаб бошад, ғарқи хаёлот шуда, чашм аз тахтапушти Саидов намеканд». Қайди устод: «Дар вақте ки барфи лаклакӣ меборад, саргин

дар зери барф мемонад. Дуввум, дар вақти барфбозӣ зоғон аз саргин зиёдтар барфро тит карда, сарашонро ба вай тиққонда бозӣ мекунанд» [Отахонова: 1990, 6].

Нуқтаи дигаре, ки аз қайдҳо бармеояд, таваҷҷуҳ намудан ба ҷузъиёту тафсилот аст, ки дар «Одамони ҷовид» ба таври лозимӣ ба он диққат дода нашудааст. Барои дарку фаҳми мазмуну ҳадафи нависанда ҳар як ибора ниҳоят муҳиму зарурӣ мебошад.

Мисол: «Ин аз рӯйи одоб нест, ки Шумо – рафиқ муаллим, ба дастамон об резед. Охир худи ман…»

Устод дар зери ин ҷумла хат кашида чунин изҳор доштааст: «Олим дар аввали ҳамин мусоҳиба тамоман ба имову ишорат гап мезад. Чӣ шуд, ки якбора забон бароварда монд?» [Отахонова: 1990, 10].

Садриддин Айнӣ дар як номаи худ дар атрофи ин ҷиҳати масъала, яъне бетаваҷҷуҳии нависандагон ба Р. Ҷалил чунин навишта буд: «Манбаи бисёр хатоҳои нависандагони ҷавон дар хотирпарешонӣ, фаромӯшхотирӣ ва дар бедиққатӣ аст» [Шарқи Сурх 1956 №3].

Ҷумлаҳои духӯра, ночаспон дар романи «Одамони ҷовид» зиёданд ва Садриддин Айнӣ ба аксари онҳо эрод гирифтааст. Махсусан, ба ҷумлаҳои мантиқан норасо.

Матн: «Дар миёни даҳлезу хона девор бардошта, дари дуюм шинонда шуда буд».

Қайди устод: «Одатан, дар миёнаи даҳлезу хона девор мешавад. Дар ин ҷо чаро сонӣ девор кашидаанд?»

Масъалаи дигаре, ки зимни таҳрири «Одамони ҷовид» мавриди назари устод будааст, баёни мазмунҳои маълуму умумӣ, содаву ғайриадабӣ аст. Барои исботи ин андеша мисолеро меорем.

Матн: «Дар он рӯз на фақат дар қишлоқи Работ, балки дар ҳамаи ҷойҳое ҳам, ки ислоҳоти замину об гузаронида мешуд, чоряккорон қарориҳои дар гузашта фаромӯшшудаю таҳқиргардида, ки Револютсияи ҳаётбахши Октябр аз бағалашон гирифта буд, қомати худро рост намуда, ба рӯйи хӯҷаинонашон рост

ва сахт нигоҳ мекарданд. Ин нигоҳҳо ифода менамуданд, ки бе хотимаю саховатгарии шумо ҳам заминдор мешавем, дигар фиреб дода наметавонед, аз таҳдиди шумо наметарсем» [Отахонова: 1990, 10].

Қайди устод: «Ин чизи умумӣ, ба тарзи умумӣ дар асари адабӣ гуфтан дуруст нест. Худи воқеаи Работ типӣ буда, ин маъниро ифода мекунад. Дар ин гуна маврид эзоҳи «таҳсили ҳосил», ки аз рӯйи қоидаи мантиқ нодуруст аст».

Устод Садриддин Айнӣ ба ҷуз костагиҳову парешониҳое, ки дар номгузории бобҳои асар мавҷуд аст, ба ҷанбаҳои забонии асар низ диққати махсус додааст. Махсусан, ба истифодаи калимаву таркибҳои лаҳҷавӣ, ки дар забони адабӣ муодили комили худро доранд. Масалан, дар роман чунин омадааст: Матн: «Аммо ту аз Пӯлод ҳушёр бош, аз пояш афт ва ба ёнбошат омада монад, бардошта зан».

Устод дар зери калимаи «ёнбошат» хат кашида, дар ҳошия «ба бағалгоҳат» навишта аст.

Ё ки: Матн: «Охир мардум хаёл намекунанд, ки вай дар қафои ман бехост пайдо шуда монд ва саҳл чолокӣ накунам, худамро мекушт».

Қайди устод: «Бехост» – адабӣ ва умумихалқии ин калима «нохост» аст, ки ба маънои «ногаҳонӣ» мебошад».

Қобили зикр аст, ки қайду мулоҳизоти устод танҳо ба забони нависанда нигаронида нашудаанд. Забони гуфтугӯйи қаҳрамонҳо низ аз ҷониби устод Айнӣ таҳрир карда шудааст.

Мисол: «Гардад модарат, – гуфт Саодатбибӣ – ҳазор бор мегӯям, ки ҳазор кори таъҷилият бошад ҳам, як сари қадам омада, таоматро хӯрда рав».

Қайди устод: «Саодатбибӣ бояд калимаи таъҷилиро кор нафармояд. Ӯ бояд ҳазор кори зарурӣ, ё тамоман адабӣ гап заданро омӯхта бошад, «ҳазор кори шитобӣ» мегуфт, беҳтар буд, чунки оммаи мардум ҳарчанд «шитоб» ва «шитобӣ» – ро кор нафармоянд ҳам, шакли вайрони ҳамин калима – «иштароб» – ро кор мефармоянд».

Устод ба хотири нишонрас шудани эродҳояш гоҳо аз ашъори шоирон мисолҳо меорад.

Масалан: Матн: «Баҳор дар саҳро ва кӯҳсор аз майсаву себарга, лолаву бунафша пойандози махмалинашро калон кушода буд».

Қайди устод: «Майса – ниҳоли аз замин нав баромадаи гандум ва ҷав. Сабза – алафҳои худрӯи навхези гандум ва ҷавмонанд. Дар ин ҷо мақсад сабза аст, на майса, ки дар қатори себаргаи худрӯй омадааст. Дар бораи гандуми навхез будани майса мегӯянд…

Сабзаи ман будӣ дар майсагӣ, эй гандумгун,

Нони тафсон шудӣ акнун, ба даҳони дигарӣ».

Ё ки: Матн: «Ҳамаи ин касофати Пӯлод ва зани вай. Агар ин ду боз як соли дигар «худо нахоҳаду» дар ҳамин ҷо бошанд, вой бар аҳволи муъминон!».

Қайди устод: «Дар ин гуна маврид «худо нахоста» мегӯянд, чунки ҳам дар забони халқ ва ҳам адабиёт ба ҳамин шакл омадааст: Чунончи, дар як шеър гуфта шудааст:

Расвои оламе шудам аз шӯри ошиқӣ,

Тарсам, худо нахоста, расво кунам туро».

Нуктаи дигаре, ки дар қайдҳои устод арзишманд аст, таваҷҷуҳ ба равониву салосати ҷумлаҳост. Ба андешаи Айнӣ, нависандаро лозим аст, ки ҳар ҷумларо чанд маротиба бозхонӣ кунад, калимаҳои ношинам ва гӯшхарошро аз дохили он берун андозад. Нависанда бояд захираи бузурги луғавӣ дошта бошад, зеро бо ёрии ҳамин калимаҳо аст, ки ӯ метавонад, ба матни асараш андешаҳои тоза илова намояд. Аз сӯйи дигар, ба андешаи Садриддин Айнӣ, ҳар нависандае, дар корбурди зарбулмасалу мақолҳо бояд дақиқкор бошад. Устод зимни дучор омадан ба зарбулмасалу мақолҳои роман муодилу шакли маъмули онҳоро қайд намудааст:

Матн: «Не, ҳаминаш ба ман алам кард, ки, – гуфт Раҷаб боз ҳам оҳиста, – қариб буд, ки рафиқ Саидовро ҳам ба инобат нагирад. Маҳмаддоногӣ ба эбаш шуданаш даркор. «Беша бе шер нест» – гуфтаанд…».

Қайди устод: «беша бе шер нест», мақоли «худатро фард донӣ, дигаронро мард дон» муносиб аст».

Ё ки: Матн: «Монанди Раҷаб Ортиқов баъзе касон ҳам ёфт мешуданд, ки дар гӯшаҳо писханд зада мақолхонӣ мекарданд: «Дар ноомади кор атола дандон шиканад».

Қайди устод: «Дар ноомади кор атола дандон шиканад, шиша сандон». Дар поён бояд гуфт, ки қайдҳои устод дар ҳошияи романи Раҳим Ҷалил фаровонанд. Вале, ба андешаи мо, мисолҳои овардашуда, ба таври умум манзараи умумии фаъолияти муҳарририи устод Айниро ба пуррагӣ нишон медиҳад.

Қобили зикр аст, ки ба масъалаҳои таҳрир ва фаъолияти таҳририи Садриддин Айнӣ забоншиноси тоҷик Б. Камолиддинов низ таваҷҷуҳи махсус намудааст. Номбурда дар силсиламақолоти худ, ки ба сифати замима дар китоби «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот» нашр шудаанд, таҳрирҳои Айниро дар заминаҳои мухталиф баррасӣ менамояд. Масалан, дар мақолаи аввал назари устодро нисбат ба истифодаи иқтибосҳои арабӣ арзёбӣ намуда, ба сифати мисол аз мақолаҳои эшон ва таҳрирҳое, ки дар ҳошияи осори нависандагон ва маҷаллаву рӯзномаҳо анҷом дода, мисол меоварад. Аз маҷмуи мисолҳои мазкур маълум мегардад, ки Садриддин Айнӣ то кадом андоза дар назокати сухани тоҷикӣ ва беғалат овардани ибороту таркибҳои рехта ҳассосу ҷиддӣ будааст. Баррасии калимаҳои туркиву русӣ дар осори тарҷумашуда аз забони русӣ бахши дигаре аз мақолаи Б. Камолиддинов аст. Дар ин маврид низ муаллиф намунаҳоро аз таҳрири Садриддин Айнӣ оварда, зимнан таъкид мекунад, ки «назари Садриддин Айнӣ чунин аст, ки дар ифодаи мафҳуми дар забони тоҷикӣ калимае бошад, ки калимаи бегонаро бе каму кост ифода карда тавонад, ба кор бурдани калимаи иқтибосӣ эҳтиёҷ нест» [Камолиддинов: 2015, 63].

Дар бахши шашуми силсиламақолот Б. Камолиддинов ба ҷанбаи ибратомӯзи мурасалоти Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳ намуда, хотирнишон месозад, ки номаҳои эшон аҳамияти тарбиявӣ доранд. Омӯзиши онҳо барои муҳаққиқони ҷавон аз ҳар нигоҳ судманд аст. Номбурда бо такя ба яке аз

номаҳои устод, ки ба муҳаррири асарҳояш А. Деҳотӣ навишта, чунин натиҷа мегирад:

«Садриддин Айнӣ бо вуҷуди ин қадар сухандону сухансанҷ ва нуктадон будан, ба эроду танқиди муҳаррир, ки шогирди худи устод аст, ба қавли худаш, «бурдборона тан медодааст» ва изҳори миннатдорӣ ҳам мекардааст. Ӯ аз таҷрибаи муҳарририи худ хуб медонист, ки на ҳар кас тоқати шунидани эроду танқид дорад ва онро бо мулоҳиза амиқ дарк намуда, аз пайи ислоҳ мешавад» [Камолиддинов: 2015, 80].

Агар андешаҳои мазкур дар боби зикршударо натиҷагирӣ намоем, равшан мегардад, ки муҳаррирӣ барои Садриддин Айнӣ танҳо як соҳаи фаъолият нест, балки нишонгари ҳунару истеъдоди нависандагии ӯ ба шумор меравад.

Саҳме, ки устод дар таҳрири китобу осори нависандагони тоҷик ва адабиёти тарҷумашуда ба забони тоҷикӣ доштааст, гувоҳи шахсияти адабӣ, инсонӣ, иҷтимоии устод аст.

Садриддин Айнӣ аз солҳои бистуми қарни гузашта шурӯъ намуда, то поёни умр ба кори муҳаррирӣ машғул буд ва онро як ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти адабии хеш меҳисобид. Хидмати устод дар камолу пешрафти нависандагони тоҷик Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, П. Толис, Р. Ҷалил, Ҳ. Карим ва дигарон ниҳоят арзишманд аст. Кори муҳаррирӣ дар лабораторияи эҷодии ҳеҷ нависандае ба андозаи устод Садриддин Айнӣ барҷаставу муҳим набудааст.

## ХУЛОСА

1. Мавзуи таҳрири адабӣ масъалаест, ки барои замони пайдоишу шаклгирии он санаву соли хосеро таъин кардан душвор аст, хоса вақте ки масъала дар сатҳи адабиётшиносии ҷаҳон мавриди омӯзиш қарор дорад. Эҳтиёҷу ниёзмандиҳои ҷомеаи инсонӣ буд, ки заминаи пайдоиши таҳриргарӣ ва кори муҳаррирӣ гардид [2-М].

2. Таҳрир ва муҳаррирӣ яке аз соҳаҳои мубраму муҳимми ҳар як ҷомеаи адабӣ ба шумор меравад ва ба дигар соҳаҳои илм, мисли забоншиносӣ, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ, мантиқу фалсафа иртиботи мустаҳкам дорад [2-М; 3-М].

3. Натиҷаи дигаре, ки зимни арзёбии ҷараёни соҳаи муҳаррирӣ ба даст омад, мавзуи гузашти айём ва таъсири он дар банду баст ва сохтори осори бадеӣ буд. Фаъолияти муҳаррирӣ таърихи дуру дарозе дошта, дар тӯли замон бар асари таҷрибаву амалҳои озмудашуда тарзу усул ва меъёру малакаҳои муайянеро барои таҳриру арзёбии осори адабӣ доро гаштааст [2-М].

4. Шароити нави таърихӣ талаб менамуд, ки забони тоҷикӣ ба сатҳи қобили мулоҳизаи инкишоф расонида шавад. Адабиёте, ки дар шакли китобу рӯзнома, маҷаллаҳо манзури хонандагон мегардид, сар то по аз нигоҳи забон мелангид ва ниёзе ба таҳрири ҳамаҷониба дошт. Вале ҳамон тавре ки аз корҳои анҷомдодаи Садриддин Айнӣ бармеояд, диққати ӯ танҳо ба забони осор маҳдуд намешавад. Номбурда дар радифи забони баён ба ҷанбаҳои маъноии вожаҳо, мантиқи баён, сабку услуби нависандагон таваҷҷуҳ менамуд [3-М; 5-М].

5. Таҳқиқи фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ба чунин натиҷа расонид, ки муроҷиати ӯ ба кори муҳаррирӣ, пеш аз ҳама, аз меҳру муҳаббати ӯ ба забони тоҷикӣ вобаста буда, ӯ мехост, ки барои рушду такомул ва такмили забон ва ҳифзи тозагии он шароити мусоид фароҳам оварад. Муваффақиятҳои ӯ дар он аст, ки ӯ бо таърихи таҳрир ва намунаҳои он дар адабиёти классикӣ ошно буд. Вай бо такя ба таҷрибаи худ дар ин соҳа дарк мекард, ки дар шароити ҳозира бе таҳрири мувофиқ чоп ва нашри осори адибони классик имконнопазир аст [1-М; 5-М].

6. Муваффақияти Айнӣ дар ин самт ба он вобаста аст, ки ӯ бо таърихи муҳаррирӣ ва намунаҳои он дар адабиёти классикӣ ошноии амиқ дошт. Айнӣ ин воқеият дарк карда буд, ки осори адибони классикро дар шароити нав ва ба назардошти завқу салиқаи мухотабон бе таҳрири лозимӣ наметавон чопу мунташир намуд. Дар ин замина корҳои қобили зикри ӯ таҳрир ва чопи китоби «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Мирзо Абдулқодири Бедил», «Чаҳор дарвеш» ва ғайра мебошанд [3-М; 5-М].

7. Арзишмандтарин корҳо намунаи таҳрирҳое ҳастанд, ки худи устод Айнӣ дар осораш мисли «Марги судхӯр», «Одина», «Аҳмади Девбанд» ва «Дохунда» даровардааст [1-М; 6-М].

8. Баррасии фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ, ҳамзамон, ба ин натиҷа расонид, ки як бахши кори ӯ бознигарӣ ва таҳрири осорест, ки аз дигар забонҳо ва хосатан аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Масъалаи дигаре, ки зимни таҳқиқи таҳрири осори тарҷумашуда наву ҷолиби диққат аст, қайду эзоҳоте мебошад, ки Садриддин Айнӣ дар ҳошияи чоп шуда навиштааст [1-М; 5-М].

9. Саҳми Садриддин Айнӣ дар рушду камоли нависандагии Пӯлод Толис низ қобили қайд аст. Айнӣ ба таври мустақим асари ҷудогонаи П. Толисро таҳрир накардааст, вале дар мактуби кушодаи таърихии худ пешниҳодҳои пураҳамияте намудааст, ки ба таҳрири осори ӯ алоқаманд аст. Вусъату паҳнои фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ, махсусан, зимни омӯзиши қайдҳои ӯ дар ҳошияи романи «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил ҷилвагар мегардад [5-М; 7-М].

10. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ моро ба ин натиҷа расонид, ки нақши Садриддин Айнӣ, махсусан, дар таҳрири осори нависандагон ва тарбияи завқи бадеии онҳо ниҳоят бузург аст. Мақоми эшон дар парваришу тарбият ва пешрафти адибони машҳури тоҷик Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, П. Толис, Р. Ҷалил, Ҳ. Карим ва дигарон ниҳоят назаррас аст [4-М; 5-М; 7-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Матолиби диссертатсия дар пажуҳиши масъалаҳои илм, таълим ва барои таҳияи китоб, манобеи илмию назариявӣ ва амалӣ, омодасозии васоити таълимии соҳавӣ мавриди истифода қарор мегирад.

2. Натиҷаҳо ва маводи кори диссертатсионӣ метавонад зимни ташкил ва гузаронидани дарсу машғулиятҳои забони муосири тоҷикӣ, асосҳои таҳрири адабӣ, тарҷумашиносӣ, ҳусни баён дар факултетҳои филология ва журналистика истифода гардад.

3. Ҷанбаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои аз таҳқиқоти мазкур ба дастомада дар ҳалли масъалаҳои мубрами забони адабии муосири тоҷикӣ ҳамчун замина ва манбаи боэътимод хизмат карда метавонанд. Аз ин рӯ тавсия дода мешавад, ки дар асоси маводи таҳқиқ курсҳои махсус доир ба кори муҳаррирӣ таҳия карда шаванд.

4. Фаъолияти устод Садриддин Айнӣ ҳамчун муҳаррир мактаби бузурги эҷодиёти бадеӣ ва публитсистӣ буда, тавсия дода мешавад, ки маводи амалии таҳқиқи мазкур зимни омӯзиши эҷодиёти нависандагони алоҳида ҳамчун манбаи ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба кор бурда шаванд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Адабиёти илмӣ

1. Абрамович, А.В., Лазаревич, Э.А. Литературное редактирование [Текст] / А.В. Абрамович, Э.А. Лазаревич. – М.: Книга,1968. – 245с.
2. Айнӣ, С. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод, 1942. – 140 с.
3. Айнӣ, С. Мирзоабдулқодири Бедил [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, 1954. – 300 с.
4. Айнӣ, С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1957. – 316 с.
5. Айнӣ, К. Дирӯз ва имрӯз [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 288 с.
6. Айнӣ, С. Мунтахаби асарҳои илмӣ дар ду ҷилд. Ҷ. 1 / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – 256 с.
7. Айнӣ, С. Мактубҳо [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. – 663 с.
8. Алексеев, В.И. Редакторский анализ [Текст] / В. И. Алексеев. – М., 1978. – 240 с.
9. Алексеев, М.И. и др. Методика редактирования [Текст] / М.И. Алексеев. – М., 1975. – 210 с.
10. Антонова, С.Г. Особенности издания современных литературно-художественных произведений для детей [Текст] / С.Г. Антонова. – М.: Информпечать. – 1988. – Вып. 7.
11. Артёменко, Е.П., Соколова, Н.К. О некоторых приёмах изучения языка художественных произведений [Текст] / Е.П. Артёменко, Н.К. Соколова. – Воронеж: Изд-во Воронежского университета, 1969. – 214 с.
12. Афсаҳзод, А. Пайванди қарнҳо (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 1989. – 302 с.

13. Базанова, А.Е. Литературное редактирование. Часть 1 [Текст] / А.Е. Базанова. – М.: Издательство Российского Университета дружбы народов, 2017. – 108 с.
14. Благова, А.Р. Текст: учебное пособие по литературному редактированию [Текст] / А.Р. Благова, Н.В. Кутукова. – М.: МГИМО-Университет, 2017. – 179 с.
15. Болдырев, А.Н. Зайн-ад-дин Васифи. Бадаи-ал-вакаи [Текст]. – М., 1961. – Т.1-2. – 1330 с.
16. Боярская, Н.С. Над рукописью детской художественной книги [Текст] / Н.С. Боярская // Редактор и книга: Сб. статей – Вып. 9. – М., 1982. – С. 35
17. Брагинский, И.С. Проблемы творчества Садриддина Айни [Текст] / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 176 с.;
18. Брагинский, И.С. Ҷилди якуми “Куллиёт”-и устод Садриддин Айнӣ [Матн] / И.С. Брагинский // Шарқи сурх. – 1959. – №4. – С. 3.
19. Брейтбург, С.М. Фактические ошибки в художественной литературе и роль редактора в их устранении [Текст] / С.М. Брейтбург // Исследования и материалы. Сб. 7. – М., 1967. – С. 23-25
20. Буров, К.М. Записки художественного редактора [Текст] / К.М Буров. – М.: Книга, 1987. – 269 с.
21. Былинский, К.И., Розенталь, Д.Э. Литературное редактирование [Текст] / К.И. Былинский, Д.Э. Розенталь. – М.: Флинта, 2017. – 395 с.
22. Виноградов, В.В. О языке художественной литературы [Текст] / В.В. Виноградов. – М.: Гослитиздат, 1959. – 654 с.
23. Виноградов, В.В. Проблемы литературных языков и закономерности их образования и развития [Текст] / В.В. Виноградов. – М.: Наука, 1967. – 136 с.
24. Винокур, Т.Г. Закономерности стилистического использования языковых единиц [Текст] / Т.Г. Винокур. – М.: Наука, 1980. – 27 с.
25. Вьюкова, Т.Б. Восемьдесят пять радостей и огорчений. Размышления редактора [Текст] / Т.Б Вьюкова. – М., 1986.

26. Галь, Н. Слово живое и мертвое: Из опыта переводчика и редактора [Текст] / Н. Галь. – 3-е изд., доп. – М.: Книга, 1980.
27. Головин, Б.Н. Основы культуры речи. Учеб. пособие [Текст] / Б.Н. Головин. – М.: Высш. школа, 1980. – 250 с.
28. Голуб, И.Б. Литературное редактирование [Текст] / И.Б. Голуб. – М.: Логос, 2017. – 434 с.
29. Горький, М. Письма молодым литераторам [Текст] / М. Горький // Теория и практика редактирования. Хрестоматия. Под ред. Н. М. Сикорского. – М., 1968. – 256 с.
30. Гришунин, А.Л. Исследовательские аспекты текстологии [Текст] / А.Л. Гришунин // Русский язык (Проблемы художественной речи. Текстология и лексикография). – М.: Наука, 1981. – С. 54.
31. Джил, Дэвис. Отбор и оценка рукописей [Текст] / Дэвис Джил. – М.: Универс. книга, 2008. – 192 с.
32. Добкин, С. Оформление книги. Редактору и автору [Текст] / С. Добкин. – М.: Книга, 1985 – 269 с.
33. Дымова, И. Стилистика и литературное редактирование: учебное пособие [Текст] / И. Дымова. – Оренбург, 2012. – 119 с.
34. Есин, А.Б. Принципы и приемы анализа литературного произведения. Учебное пособие [Текст] / А.Б. Есин. – М.,1999. – 189 с.
35. Егоров, Б.Ф. Литературно-критическая деятельность В.Г. Белинского. Пособие для учителя [Текст] / Егоров Б.Ф. – М.: Просвещение, 1982. – 175 с.
36. Ефимов, А.И. Стилистика художественной речи [Текст] / А.И. Ефимов. – М.: Изд-во Московского ун-та, 1948. – 519 с.
37. Жарков, И.А. Технология редакционно-издательского дела: Конспект лекций [Текст] / И.А. Жарков. – М.: Изд-во МГУП, 2009. – 164с.
38. Жарков, И.А. Теория и методика редактирования литературных произведений: конспект лекций [Текст] / И.А. Жарков. – М.: МГУП, 2006. – 68 с.

39. Жилин, А.Н. Подготовка рукописи к изданию [Текст] / А.Н. Жилин. – М.: Книга, 1958. – 268с.
40. Жилин, А. Н. Подготовка рукописи к набору [Текст] / А.Н. Жилин. – М., 1958. – 165 с.
41. Жирмунский, В.М. Из истории западно - европейских литератур [Текст] / В.М. Жирмунский. – Ленинград, 1981. – 301 с.
42. Западов, А.В. От рукописи к печатной странице (О мастерстве редактора) [Текст] / А.В. Западов. – М.: Советский писатель, 1978. – 304 с.
43. Икромӣ, Ҷ. Вақте ки устодро ёд мекунем [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Шарқи сурх. – 1958. – №4. – С. 5-8.
44. Икромӣ, Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. –120 с.
45. Икромӣ, Ҷ. Сабақи устод [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Тоҷикистони советӣ. – 1990. – 17 июн.
46. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот (дастури таълимӣ барои журналистони ҷавон) [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Пойтахт, 2015. – 101 с.
47. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд (Нуқсонҳои забонии аҳли матбуоти тоҷик) [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Интерюс Тоҷикистон, 2001. – 171 с.
48. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
49. Кожевников, Г.В. Типология литературно–художественной книги. Конспект лекций [Текст] / Г.В. Кожевникова. – М., 1985.
50. Козлова, М.М. Редакторская подготовка литературно-художественных изданий [Текст] / М. М. Козлова. – Ульяновск: УлГТУ, 2000. – 52 с.
51. Кӯчаров, А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе, 1994. – 156 с.
52. Кӯчаров, А. Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ [Матн] / А.Кӯчаров. – Душанбе, 2013. – 139 с.

53. Кучаров, А. Место критики текста в таджикском литературоведении и проблемы текстологии прозы С. Айни. Автореф. док. филол. наук [Текст] / А. Кучаров. – Душанбе, 1997. – 55 с.
54. Лазаревич, Э.Л., Абрамович А.В. Практикум по литературному редактированию [Текст] / Э.Л. Лазаревич, А.В. Абрамович. – М.: Московский университет; Издание 3-е, перераб. и доп. – 455 с.
55. Лихтенштейн, Е.С. Теория и практика редактирования книги [Текст] / Е.С. Лихтенштейн, Н.М. Сикорский, М.В. Урнов. – М.: Высшая школа, 1961. – 382 с.
56. Лихачёв, Д.С. Задачи текстологии [Текст] / Д.С. Лихачёв // Русская литература. – 1961. – № 4. – С. 148.
57. Маниёзов, А., Шодиқулов, Ҳ. Сарсухан ба кит. Осорномаи Хуршеда Отахонова [Матн] / А. Маниёзов, Ҳ. Шодиқулов. – Душанбе: Дониш, 1998. – С. 3-15.
58. Мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ (Пажӯҳиш. Тадвин ва таҳия аз Камолиддин Сайидмуродзодаи Айнӣ) [Матн] / К. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 202 с.
59. Мактуби С. Айнӣ ба рафиқон А. Деҳотӣ ва М. Турсунзода 6. x.1939 Самарқанд [Матн] / С. Айни // Шарқи сурх. – 1956. – № 4.
60. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1959.
61. Мильчин, А.Э., Чельцова, Л.К. Справочник издателя и автора. Редакционно-издательское оформление издания. 2-е издание, исправленное и дополненное [Текст] / А.Э. Мильчин, Л.К. Чельцова. – М.: ОЛМА-Пресс, 2003. – 800 с.
62. Мильчин, А.Э. Методика редактирования текста [Текст] / А.Э. Мильчин. – 3-е изд. – М.: Логос, 2010. – 524 с.
63. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе, 1977.– 287 с.
64. Морозова, В.А. Редактирование. Общий курс [Текст] / В.А. Морозова. – Ульяновск, 1999. – 122 с.

65. Мукотибаи Садридин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ [Матн]. – Душанбе, 2003. – 140 с.
66. Мучник, Б.С. Основы стилистики и редактирования [Текст] / Б.С. Мучник. – Ростов на Дону: Феникс, 1997. – 480 с.
67. Накорякова, К. М. Литературное редактирование материалов массовой информации: Учебное пособие [Текст] / К.М. Накорякова. – М.: Изд-во МГУ, 1994. – 189 с.
68. Насриддинов, А. Матншиносии осори адабӣ [Матн] / А. Насриддинов. – Хуҷанд, 2009. – 392 с.
69. Неъматуллоев, А. Аввалин сармуҳаррири нашриёти Тоҷикистон [Матн] / А. Неъматуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1968. – 23 август.
70. Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯйӣ [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 176 с.
71. Отахонова, Х. Нашри осор ва талаби замон [Матн] / Х. Отахонова // Тоҷикистони советӣ. – 1990. – 25 ноябр.
72. Отахонова, Х. Куллиёти Лоҳутӣ ба табъ мерасад [Текст] / Х. Отахонова // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 18 сентябр.
73. Отахонова, Х. Масъалаҳои матншиносии адабиёти муосири тоҷик [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Дониш, 1999. – 196 с.
74. Отахонова, Х. Осори Пайрав Сулаймонӣ ва нашри илмии Куллиёти ӯ. – Пайрав Сулаймонӣ. Куллиёт / Х. Отахонова. Душанбе: Адиб, 2006. – С. 3 – 22.
75. Отахонова, Х. Чанд масъалаи матншиносии адабиёти муосири тоҷик // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Китоби VI [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Диловар – ДДМТ, 2004. – С. 39-47.
76. Опулская, Л.Д. Проблемы текстологии русской литературы Х1Х века. Автореферат д.ф.н. [Текст] / Л.Д. Опулская. – М., 1982. – 42 с.
77. Подготовка рукописи к изданию: словарь-справочник [Текст] / Под ред. В. Н. Глумакова. – М.: Вуз. учебник, 2009. – 158 с.

78. Полоцкая, Э. Движение художественной мысли [Текст] / Э. Полоцкая. – М., 1979 – 340 с.
79. Редактирование отдельных видов литературы. Учебник [Текст] / Под ред. Н.М. Сикорского. – М.: Слово, 1987. – 421с.
80. Редакционно-издательская подготовка литературно-художественных изданий [Текст] / Сост. Л.И. Круглова. – Минск: БГТУ, 2004. – 86 с.
81. Рустамов, Ш. Забон ва замон [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 255 с.
82. Садриддин Айнӣ дар хотироти дӯстон ва шогирдон. – Душанбе, 1968. – 288 с.
83. Сайфуллоев, А. Мактаби Айнӣ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.
84. Сайидзода, А.М. Сарсухан ба китоби С. Айнӣ «Тартиб-ул-Қуръон» (таҳияи А.С. Муҳаммадамин) [Матн] / А.М. Сайидзода. – Душанбе, 1996. – С. 3.
85. Салоҳ, С. Ду таҳрири қиссаи «Марги судхӯр». Ҷашнномаи С. Айнӣ [Матн] / С. Салоҳ // Садои Шарқ. – 1965. – №12.
86. Сбитнева, А.А. Литературное редактирование: история, теория, практика: учеб. пособие [Текст] / А.А. Сбитнева. – 4-е изд., стер. – М.: Флинта, 2020. – 208 с.
87. Сенкевич, М.П. Практическая стилистика русского языка и литературное редактирование: Сб. упражнений; Учеб. пособие для вузов [Текст] / М. П. Сенкевич. – 2-е изд., испр., доп. – М.: Высш. школа, 1980.
88. Сенкевич, М.П. Стилистика и литературное редактирование [Текст] / М.П. Сенкевич. – М., 2014. – 276 с.
89. Сикорский, Н.М. Теория и практика редактирования [Текст] / Н.М. Сикорский. – М.: Высшая школа, 1973. – 368 с.
90. Современная литературно-художественная критика [Текст]. – Ленинград, 1975. – 264 с.

91. Табаров, С. Айнӣ ва тарҷумаи «Қамар»-и Фердинанд Дюшен [Матн] / С. Табаров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 1963. – С. 46 – 116.
92. Тарҷума ва балоғати сухан (Мураттибон: Б. Камолиддинов ва М.Б. Нағзибекова). Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе, 2004. –144 с.
93. Теория и практика редактирования. Хрестоматия [Текст] / Под ред. Н.М. Сикорского. – М., 1968. – 438 с.
94. Теория и практика редактирования. Хрестоматия [Текст] / Сост. С.Г. Антонова. – М.: МГУП, 2003. – 218 с.
95. Трифонов, Ю. Как наше слово отзовется [Текст] / Ю. Трифонов. – М., 1985. – 106 с.
96. Трубников, С.А. Проблема типологии читателей художественной литературы [Текст] / С.А. Трубников // Исследования и материалы. – М., 1978. Сб. 36. – С. 18-36.
97. Тяпкин, Б.Г. Работа редактора над иллюстрациями [Текст] / Б.Г. Тяпкин. – М., – 1968. – 147 с.
98. Улуғзода, С. Дар бораи якчанд қайди устод Айнӣ [Матн] / С. Улуғзода // Садои Шарқ. – 1968. – №5. – С. 74-77.
99. Феллер, М.Д. Эффективность сообщения и литературный аспект редактирования [Текст] / М.Д. Феллер. – Львов, 1978. – 200 с.
100. Феллер, М.Д. Структура произведения: как она действует [Текст] / М.Д. Феллер. – М., – 1981. – 272 с.
101. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 272 с.
102. Ҳошим, Р. Солҳо дар саҳифаҳо [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Адиб, 1988. – 320 с.
103. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 255 с.
104. Чернышевский, Н.Т. Эстетика. Литература. Критика Н.Т. Чернышевский [Текст]. – Ленинград 1979. – 384 с.

105. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 368 с.
106. Ҷӯраева, М.Р. Доир ба як воситаи эҳтиром дар асари С.Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» [Матн] / М.Р. Ҷӯраева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ» ба муносибати 140-солагии Садриддин Айнӣ (13 апрели соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 43-47
107. Ҷӯраева, М.Р. Усулҳои амалии таҳлил ва таҳрири матн [Матн] / М.Р. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 9. – С. 19-26.
108. Ҷӯраева, М.Р., Гулова, С.Н. Таҳрири адабии медиаматнҳо (назария ва амалия) [Матн] / М.Р. Ҷӯраева, С.Н. Гулова. – Душанбе, 2003. – 102 с.
109. Ҷӯраева, М.Р. Такмили маҳорати тарҷумонӣ ва муҳарририи С. Улуғзода дар ҷараёни ду тарҷумаи як роман («Ғурмагас»-и Э.Л. Войнич) [Текст] / М.Р. Ҷӯраева, С.Н. Гулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4. – С. 10-19.

## II. Сарчашмаҳо

110. Айнӣ, С. Асарҳои мунтахаб [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: НДТ. 1948. – 424 с.
111. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 1 [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: НДТ, 1958. – 546 с.
112. Айнӣ, С. Куллиёт. –Ҷ. 6 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: НДТ, 1962. – 552 с.
113. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 7 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: НДТ, 1962. – 646 с.
114. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 8 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 542 с.
115. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 9 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 416 с.
116. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 11 (Китоби 2) [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 436 с.

117. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 13 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 432 с.
118. Айнӣ, С. Мактуб ба Деҳотӣ. 23 октябри 1946 [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1962. – №4.
119. Айнӣ, С. Қайдҳо дар ҳошияҳо [Матн] С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1958. – № 5. – С. 90-97.
120. Айнӣ, С. Марги судхӯр (бо таҳрири нав ва иловаҳо) [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 2015. – 208 с.
121. Айнӣ, С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис [Матн] / С. Айнӣ // Адабиёти советии тоҷик. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон., 1954.
122. Деҳотӣ, А. Куллиёт. – Ҷ. 1 [Матн] / А. Деҳотӣ. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 375 с.
123. Деҳотӣ, А. Куллиёт. – Ҷ. 5 [Матн] / А. Деҳотӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 472 с.
124. Толис, Пӯлод. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ. 2 [Матн] / Пӯлод Толис. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 671 с.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Алиева, Ҷ.Ф. Назаре ба фаъолияти таҳрири забонии Садриддин Айнӣ [Матн] / Ҷ.Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/8. – С. 89-93.

[2-М] Алиева, Ҷ.Ф. Таҳрири адабӣ ва ҷомеаи муосир [Матн] / Ҷ.Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/1. – С. 33-38.

[3-М] Алиева, Ҷ.Ф. Назари донишмандон дар атрофи фаъолияти таҳриргарии устод С.Айнӣ [Матн] / Ҷ.Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/3. – С. 295-300.

[4-М] Алиева, Ҷ.Ф. Нақши Айнӣ дар таҳрири осори Ҷ. Икромӣ [Матн] / Ҷ.Ф.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 2. – С.114-119.

[5-М] Ҷӯраева, М.Р., Алиева, Ҷ.Ф. Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик [Матн] / М.Р. Ҷӯраева, Ҷ.Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 8. – С. 15-23.

### II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М] Алиева, Ҷ.Ф. Нақши устод Айнӣ дар таҳрири романи «Дохунда» [Матн] / Ҷ.Ф. Алиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «25-солагии Истиқлолоияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷиикистон». – Душанбе, 2016. – С. 410-411.

[7-М] Алиева, Ҷ.Ф. Айнӣ ва таҳрири асарҳои Раҳим Ҷалил [Матн] / Ҷ.Ф. Алиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба

ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 401-402.